**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

ТДУ-37.0 (575.3)
ТКБ- 74.03 (5)
Н 84

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**НОСИРОВА МАШҲУРА НЕГМАТОВНА**

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТНОКИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА БА ТАШКИЛИ КОРҲОИ КАСБИНТИХОБКУНӢ ДАР МАКОТИБИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси
13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ
(13.00.08.04 - Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ)

**Роҳбари илмӣ**:
доктори илмҳои педагогӣ, профессори МДТ ”Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров”
**Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович**

**ХУҶАНД - 2022**

# Мундарича

**Муқаддима** ........................................................................................ 3

**БОБИ I. ПАЙДОИШ ВА РУШДИ КАСБ АЗ ДАВРАИ АТИҚА ТО ЗАМОНИ МУОСИР**.................................................................. 17

**1.1.** Пайдоиш ва рушди касбу ихтисос аз давраи атиқа то Зардуштия........................................................................... 17

**1.2.** Рушди касбҳо ва корҳои касбинтихобкунӣ дар асрҳои миёна ... 44

**1.3**. Шарҳи мухтасари таърихи корҳои касбинтихобкунӣ ва зарурати онҳо дар низоми таълиму тарбияи хонандагон ............... . 74

**Хулосаҳои боби аввал** ........................................................................ 94

**БОБИ II. ОМОДАГИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА БА ТАШКИЛИ КОРҲОИ КАСБИНТИХОБКУНӢ ВА ИМКОНИЯТИ ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ** ................................................................................................ 97

**2.1.** Омодагии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ ............................................................................... 97

**2.2.** Таҳлил ва баррасии фанҳои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умуми оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ ............................ 122

**2.3.** Ташаккул ва гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда ..... 162

**Хулосаҳои боби дувум** ....................................................................... 192

**Хулосаи умумӣ** ..................................................................................... 195

**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** .......................... 198

# МУҚАДДИМА

***Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.*** Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки ҷомеаи муосир, демократиро бунёд карда, арзишҳои барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҳаётан муҳимро фаъолона пеш мебарад, дар соҳаи маориф дигаргуниҳо босуръат амалӣ мегарданд, ки дидгоҳҳоро нисбат ба раванди таҳсилот тағйир медиҳанд. Равандҳои мазкур дар қаринаи мавзӯи таҳқиқоти мо, пеш аз ҳама, ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дахл доранд.

Дар асоси он, ки таълим, тарбия ва омодагии касбии насли наврас чӣ гуна ҷараён дорад, ба вазъи умумии давлату ҷомеа дар маҷмӯъ баҳо додан мумкин аст. Ба ибораи дигар, таҳсилот нишондиҳандаи ба худ хоси дигаргунсозиҳои демократӣ дар ҷомеа ва дараҷаи самаранокии онҳо мебошад. Таҷрибаи ҷаҳони муосир собит месозад, ки ҳалли самарабахши масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ба пойгоҳи боэътимоди илмӣ доштани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, аз ҷумла, дар корҳои касбинтихобкунии ҷавонон ба андозаи зиёд вобаста аст, вақте ки барои инкишофи таҳсилот шароитҳои афзалиятнок муҳайё карда мешаванд ва шароитҳои мазкур ба сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат мувофиқанд ва биноан ба талаботи инкишофи таҳсилот ҷавобгӯянд.

Низоми массисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз тамоми самтҳои корҳои касбинтихобкуниро фаро мегирад, аммо дигаргуниҳои дар ҷумҳурӣ дар низоми таҳсилоти амалишаванда таҷдиди назари моҳият ва мундариҷаи корҳои касбинтихобкуниро тақозо мекунад, ки ҷустуҷӯи илмӣ-педагогӣ ва коркарди шаклҳои нави корҳои касбинтихобкуниро пешбинӣ менамояд.

Хотиррасон менамоем, ки худи ғояи ташкили корҳои касбинтихобкунӣ бо ҷавонон нав нест. Таърихи бисёрасраи инсоният дорои намунаҳои сершумори таълими касбии насли наврас мебошад. Кӯшиши ба бачагон омӯзонидани меҳнату касб бо назардошти

қобилият, шавқу рағбати бачагон, дар солҳои охир бошад, дар мувофиқат бо талаботи давлат ба кадрҳои баландихтисос хоси табиати инсон мебошад.

Пойгоҳи корҳои касбинтихобкунӣ бо хонандагонро бояд барномаи таълимии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда ташкил диҳад, ки бо таҳқиқоти мутафаккирону олимони маъруф тақвият ёфта, барои хонандагон моҳияти ин корро ошкор менамояд, ба наврасон хусусиятҳои касб, таърихи пайдоиши он, фоидаи касби интихобшударо барои ҷомеа бо овардани мисолҳои таъсири касби дуруст интихобшуда ба тақдири инсон ва ғайра шарҳ медиҳад. Ба ғайр аз ин, корҳои касбинтихобкунии дуруст ташкилшуда ва аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда дар миқёси давлатӣ таъсири давомдор мерасонад: азбаски муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ як қисми корҳои касбинтихобкуниро ба уҳдаи худ мегиранд, хароҷоти давлат барои омодакунии кормандоне кам мешавад, ки сатҳи баланди тахассусашон ба афзудани ҳосилнокии меҳнат, баландшавии сатҳи қаноатмандии кормандон аз меҳнати худ, беҳтаршавии шароити иҷтимоӣ-маишии меҳнат ва ғайра мусоидат хоҳад кард.

Мақсади асосии корҳои касбинтихобкунӣ ба вуҷуд овардани имкониятҳои воқеии истифодаи иқтидори тамоми аъзои ҷомеа дар хоҷагии халқ бо назардошти қобилияту манфиатҳои ҳар як шахс ва талаботи давлат ба кадрҳои баландихтисос мебошад.

Корҳои касбинтихобкунӣ дар байни хонандагон, ки аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба роҳ монда шудааст, имкон медиҳад, то хароҷоти омодасозии коргарони баландихтисос кам карда шавад, ҳамчунин он ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат, коҳиши ҷойивазкунии кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи қаноатмандии кормандон аз меҳнат, нигоҳ доштани саломатии меҳнаткашон, истифодаи нисбатан оқилонаи имкониятҳои шахсият, таъмини мураттабу муназзами истеҳсолоти гуногуни мамлакат бо захираҳои меҳнатӣ мусоидат менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси

Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръати мамлакатро ҳадафи чоруми стратегӣ эълон намуданд. Ин ташаббус ва дастури Пешвои миллат оқилонаю саривақтӣ буда, барои рушди иқтисодиёти миллӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷои кору маоши муносиб, ғанигардонии буҷети давлат ва рақобатпазир намудани иқтисоди миллӣ дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Аз ин лиҳоз, дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 чунин омадааст: “Мазмуни таълим дар мактаби ибтидоӣ (синфҳои 1-4), мактаби асосӣ (синфҳои 6-9) ва мактаби миёна (синфҳои 10-11) бояд куллан тағйир ёбад. Инро мутобиқ намудани мазмуни таҳсилоти анъанавии “академӣ” ба талаботи замон ва вазифаҳои касбомӯзии аҳолӣ дар шароити саноатикунонии иқтисодиёт тақозо менамояд”.

Дар шароити ҷамъияти мо аҳамияти корҳои касбинтихобкунии хонандагон махсусан афзоиш меёбад. Ба ин ҳолат мураккабшавии махсусият ва мундариҷаи меҳнати касбӣ боис гардидааст. Худи мураккабшавӣ бошад, бо сабабҳои зерин ба миён меояд: фаъолона ба истеҳсолот ворид шудани техника ва технологияи нисбатан мукаммал ва пешқадам; баробар шудани имкониятҳои худмуайянкунии касбӣ ва афзоиши талаботи касбии шахсият, ки ҷорӣ намудани маълумоти миёнаи умумӣ боиси он гардидааст; зарурати мувофиқ намудани нақшаҳо ва манфиатҳои шахсии касбии хонандагон ба талаботи хоҷагии халқи мамлакат; ҷиддан баланд шудани ҳосилнокии меҳнат, тақвияти ҳавасмандӣ ва қаноатмандӣ аз меҳнат, мураккаб шудани вазъи демографӣ.

Бинобар ин дар кори диссертатсионии пешниҳодшаванда сохтор, мундариҷа, шаклу методҳои корҳои касбинтихобкунӣ бо хонандагони синфҳои I-XI дар раванди таълим, вақте ки онҳо на танҳо салоҳиятҳои дахлдор ба даст меоранд, балки шавқу рағбат ва қобилиятҳои касбиро инкишоф медиҳанд ва аз ҳама муҳиммаш, коршоямии худро ба ин ё он

навъи фаъолияти меҳнатӣ амалан месанҷанд, мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Зарурати коркарди сохтор, мундариҷа, шаклу методҳои корҳои касбинтихобкунӣ дар раванди таълим аз он бармеояд, ки алҳол аксари омӯзгорон имкониятҳои зиёди фанни худро баҳри омодасозии хонандагон барои худмуайянкунии касбӣ ба қадри кофӣ истифода намебаранд. Дар ҳоле ки маҳз ҳамин дарсҳо дар мактаб имкониятҳои зарурии ошкор намудан, ташаккул ва инкишоф додани сифатҳои муҳимтарини касбии шахсиятро дар ихтиёр доранд. Гуфтаҳои боло мубрамияти мавзӯи мавриди таҳқиқро исбот мекунанд.

***Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ:*** Дар илм ва амалияи педагогӣ таҷрибаи кофии коркарди муаммои мазкур андӯхта шудааст: асосҳои методологӣ ва назариявии корҳои касбинтихобкунӣ дар таълифоти Н.Н. Захаров, К.И. Сибгатов, А.Н. Чернявская, С.Н. Чистякова ва диг. гузошта шудаанд; асосҳои психологии корҳои касбинтихобкунӣ дар таълифоти Б.Г. Ананев, М.А. Бендюков, Т.Г. Брилёв, А.А. Вайсбург, Е.А. Климов, А.Н. Леонтев, А.В. Петровский ва диг. тавсиф шудаанд; муаммои худмуайянкунии касбиро З.И. Василев, В.М. Ганузин, Н.Н. Захаров, Е.А. Климов ва диг. мавриди таҳқиқ қарор додаанд; таҳлили ҷанбаҳои раванди ташаккули касбӣ дар таълифоти Е.А. Климов, А.К. Маркова, А.Р. Фонарев, Д. Сюпер, В.Д. Шадриков ва диг. амалӣ гардидааст.

Асосҳои назариявӣ ва амалии салоҳиятнокии касбии омӯзгорро Н.В. Кузмина, А.К. Маркова, В.А. Сластенин ва диг. ошкор намудаанд; муаммоҳои омодагии омӯзгори фанни технология дар таълифоти П.Р. Атутов, А.К. Бешенков, Г.И. Кругликов, Е.М. Муравев, К.И. Сибгатов, В.А. Поляков, В.Д. Симоненко ва диг. баррасӣ шудаанд; ҷанбаҳои психологию педагогии ташаккули омодагии омӯзгори технология ба корҳои касбинтихобкунӣ дар таълифоти Е.В. Бондаревская, Е.Д. Варнакова ва дигарон таҳқиқ шудаанд.

Олимони маъруфи тоҷик Ф. Шарифзода, С. Қодиров, А.М. Миралиев, М.Д. Мирзохӯҷаев ва Ш.А. Шаропов дар таҳқиқи муаммои мазкур саҳми назаррас доранд.

Ф. Шарифзода дар корҳои илмии худ таъкид менамояд, ки “мақсади асосии раҳнамоии худмуайянсозии касбии хонанда аз он иборат аст, ки ӯ бомуваффақият ихтисосашро интихоб намояд”.

С. Қодиров қайд менамояд, ки шакли асосии корҳои касбинтихобкунӣ ин дарс аст. Мувофиқи назарияи педагогика, «раванди таълими мувофиқ ба роҳ мондашуда асосҳои донишро таъйин намуда, ба ташаккули шавқи маърифатии хонандагон мусоидат менамояд», ки интихоби касбӣ ва ҳаётии онҳоро пешбинӣ мекунад. Ба барномаи таълим ворид намудани курсҳои политехникӣ ба хонандагон донишҳоро оид ба технологияҳои муосир,  иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот, касбҳо фароҳам оварда, ба инкишофи маҳорату малакаҳои меҳнатӣ, қобилияти техникӣ ва шавқу рағбати онҳо мусоидат менамоянд, ки бешубҳа, барои интихоби бошууронаи касб аз ҷониби онҳо ёрӣ мерасонад.

Олими намоёни тоҷик А.М. Миралиев дар китобаш менависад: “Корҳои касбинтихобкунӣ ба насли наврас додани донишҳо оид ба касбҳои гуногунсамт, аҳамияту хусусиятҳои онҳо, ташаккул додану тарбия намудани шавқу рағбати устувору амиқ ба касбҳои муайян ё гурӯҳи касбҳо бо назардошти майли шахсии хонандагон мебошад”.

М.Д. Мирзохоҷаев дар корҳои илмиаш чунин қайд намудааст: «Корҳои касбинтихобкунӣ ҳамчун қисми муҳимтарини раванди таҳсилот дар ҷумҳурӣ ба дигаргуниҳои инноватсионии низоми маориф нигаронида шудааст, ки то ҳадди аксар густариш додани имконияти аз ҷониби хонандагон гирифтани иттилоотро дар бораи касби оянда дастрас менамояд».

Ҳалли ин вазифа танҳо дар сурати таъмин кардани сатҳи баланди донишҳои умумӣ ва политехникии ҷавонон, дар онҳо тарбия намудани омодагии психологӣ ба меҳнат имконпазир мебошад. Таъкид бояд кард,

ки аллакай дар хонандагони синфҳои I-IX-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маҳорату малакаҳои умумимеҳнатиро ташаккул дода, барои интихоби бошууронаи касб шароит фароҳам овардан зарур мебошад.

Таҳқиқи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ самти афзалиятноки назария ва амалияи таълиму тарбияи муосир ба шумор меравад. Самти мазкур яке аз муаммоҳои мубрам дар низоми таҳсилоти кишвари мо буда, солҳои охир аз ҷониби олимони ватанӣ дидгоҳҳои умумӣ ба ҳалли он фаъолона коркард мешаванд. Бо таҳқиқи муаммои ташаккули корҳои касбинтихобкунӣ А.Г. Асмолова (салоҳиятнокии иҷтимоӣ), А.В. Баранников (дидгоҳи салоҳиятнокӣ) машғул шудаанд, ки назари онҳо барои таҳқиқоти мо муҳим ба шумор меравад.

***Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо(лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ:*** Таҳқиқот бо барномаи "Касбу ҳунар" барои синфҳои 5-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва мавзӯи дурнамои илмии кафедраи технология ва методикаи таълими они МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" барои солҳои 2020-2025 - "Роҳҳои баландбардории салоҳияти касбии мутахассисониояндаи технология ва дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ" робита дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

***Мақсади таҳқиқот:*** ҳалли чунин ихтилоф аст, ки аз як тараф, талабот барои муайян намудани асосҳои назариявӣ ва роҳҳои амалии ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ ба вуҷуд омадааст, аз тарафи дигар - нокифоя будани коркарди илмии масъалаи мазкур.

***Вазифаҳои таҳқиқот:***

-мушаххас намудани заминаҳои назариявию методологии таҳқиқи салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ бо назардошти аҳамияти назариявӣ ва амалии ин мафҳум барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

-дақиқ кардани мундариҷаи салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ;

-таҳқиқи таърихи пайдоишу инкишофи ҳунармандӣ ва зуҳури касбҳои халқи тоҷик ва халқҳои дигари Осиёи Миёна аз сохти ҷомеаи ибтидоӣ то рӯзҳои мо;

-коркарди амсилаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ;

-коркард ва асоснок кардани методикаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ;

-муайян кардан ва тариқи озмоиш тасдиқ намудани самаранокии шароити фароҳамовардашуда барои ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ;

***Объекти таҳқиқот:*** омодагии касбии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти муассисаи олии таълимӣ.

***Мавзӯи(предмет) таҳқиқот:*** Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

***Фарзияи таҳқиқот:*** Самаранокии ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ метавонад ба даст ояд, агар:

-мафҳуми салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ муайян карда шавад;

-амсилаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ тарҳрезӣ гардад;

-методикаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ коркард шавад;

-шартҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ муқаррар шуда, амалӣ гарданд.

***Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот (дар доираи таърихии таҳқиқот):***

***Марҳалаи якум (солҳои 2017-2018):*** омӯзиши адабиёт, барномаҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳоро оид ба корҳои касбинтихобкунӣ ва салоҳиятнокии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти макотиби таҳсилоти олӣ дарбар гирифт; мубрамияти мавзӯъ асоснок гардида, барномаи таҳқиқот коркард шуд; асосҳои методологӣ, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян шуда, методикаи ҷустуҷӯи илмӣ тарҳрезӣ гардид. Чашмандози адабиёти фалсафӣ, ҷомеашиносӣ, психологӣ ва педагогӣ оид ба муаммои таҳқиқот анҷом дода шуд.

***Марҳалаи дувум (солҳои 2018-2019):*** кори таҷрибавӣ - озмоиширо оид ба муайян намудани дараҷаи самаранокии амсилаи коркардшуда фаро гирифт. Гузариши матлабҳои назариявӣ ба амалҳои мушаххас анҷом ёфта, коркард ва татбиқи нақшаи тадбирҳо оид ба ҷорикунии амсилаи коркардшуда амалӣ гардид; пурсиш ва тест гузаронида шуда, таҳлил, муназзам гардонӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои ба даст омада анҷом ёфтанд, хулосаҳо бароварда шуданд.

***Дар марҳалаи севум (солҳои 2019-2020):*** таҳлил, ҷамъбаст, танзим ва тавсифи натиҷаҳои ҳосилшуда амалӣ гардид; тавзеҳи маълумоти озмоишӣ анҷом ёфт; таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шакл дароварда шуд; китоби дарсӣ таҳия гардид.

***Асосҳои назариявии таҳқиқот:*** Шартҳои педагогие санҷида шуданд, ки ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкуниро таъмин мекунанд: самтгирии раванди таҳсилот ба азхудкунии фаъолона ва асосноки низоми корҳои касбинтихобкунӣ аз ҷониби донишҷӯён; ворид намудани ҷанбаҳои корҳои касбинтихобкунӣ ба омодагии умумигуманитарӣ ва умумикасбии омӯзгорони оянда; ба мундариҷаи фанҳои интихобӣ ворид кардани курси «Касбинтихобкунӣ»; дар раванди таҳсилот истифода бурдани технологияҳои интерактивии бозӣ, ки ба инкишофи сифатҳои шахсиятии барои касб муҳим мусоидат менамоянд; талқини омӯзгорони оянда ба худомӯзӣ ва худинкишофдиҳии пайваста; интихоби методикаҳои

ташхисӣ барои таҳқиқи сатҳи ташаккулёбии салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ.

***Асосҳои методологии таҳқиқот:*** Дар таҳқиқот низоми комплексии методҳо истифода бурда шуд: таҳлили адабиёти фалсафӣ, ҷомеашиносӣ, психологию педагогӣ ва методологӣ; таҳлили таърихӣ, консептуалии таҳқиқоти диссертатсионӣ (ҷамъбаст, синтези донишҳо дар бораи ташаккулёбии омодагӣ); омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогӣ, амсиласозӣ (сохтани амсилаи омодагии омӯзгорони оянда ба корҳои касбинтихобкунӣ бо мактаббачагон дар шароити соҳавӣ намудани таълим); эмпирикӣ (таҷрибавӣ): обсерватсионӣ - мушоҳидаи бевосита, бавосита ва ҳамроҳ, сабти натиҷаҳои таълиму тарбия ва рушд; ташхисӣ (суҳбатҳо бо донишҷӯён ва ғ.); пешгӯикунӣ - методи баҳоҳои коршиносон, тадрис; оморӣ: дараҷабандӣ, тасниф, коркарди математикӣ ва омории натиҷаҳои таҳқиқот ва ғ.

***Сарчашмаҳои таҳқиқот:*** қонунҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, консепсияҳо, дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ ва дастурӣ, ки ба самаранокии корҳои касбинтихобкунӣ шароит фароҳам оварда, мусоидат мекунанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (2004), “Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (2002), “Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” (03.01.2006), Қонун “Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбия ва таълими фарзанд” (03.08.2011), “Консепсияи касбинтихобкунии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (03.04.2011), “Барномаи рушди касбинтихобкунии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2015” (01.04.2011) ва ғ. Дар моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоби касб зикр шудааст: “Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад. Музди кор аз ҳадди ақалли музди меҳнат набояд кам бошад”.

Асарҳои бунёдии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба таҳқиқи корҳои касбинтихобкунӣ дар низоми таҳсилот бахшида шудаанд.

***Заминаҳои эмпирикӣ:*** заминаҳои асосии таҷрибавии таҳқиқот, ки аз мушоҳидакунӣ, муқоиса, санҷиш, ва озмоиш иборат мебошад, барои ошкор намудани сатҳи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ бо назардошти фаъолияти педагогии оянда дар МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба амал оварда шуд.

***Пойгоҳи таҳқиқот:*** Таҳқиқот дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар се марҳала - солҳои 2017-2018, 2018-2019, 2019-2020 анҷом дода шуд. Дар кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, ки дар солҳои 2017-2020 баргузор шуд, омӯзгорониояндаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иштирок доштанд.

***Навгонии илмии таҳқиқот:*** дар нуқтаҳои зерин ифода меёбанд*:*

-мундариҷаи ҳадафҳои таҳсилот ошкор гардид, ки ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорониояндаро ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ таъйин мекунанд;

-чашмандоз ва омӯзиши таърихи пайдоишу инкишофи ҳунармандӣ ва зуҳури касбҳои халқи тоҷик ва халқҳои дигари Осиёи Миёна аз сохти ҷомеаи ибтидоӣ то рӯзҳои мо амалӣ гардид;

-тавзеҳи мафҳуми "корҳои касбинтихобкунӣ" барои омӯзгорони фаннии фаъолияткунанда ва донишҷӯён яъне омӯзгорони оянда пешниҳод шуд, ки қисми таркибии ташаккули муназзами шахсиятӣ-касбӣ буда, барои инкишофи фаъолияти нақши фаъолонаи хонандагон дар худмуайянкунии касбӣ нигаронида шудааст ва аз ҷузъҳои ангезишӣ (мотиватсионӣ), когнитивӣ, амалиётӣ-фаъолиятӣ, эмотсионалӣ-иродавӣ, баҳодиҳанда иборат аст;

-амсилаи коркард ва озмудашудаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ ва муассисаҳои олии касбӣ ба дидгоҳҳои шахсиятӣ-фаъолиятӣ ва салоҳиятнокӣ асос

ёфта, имкон медиҳад, ки сатҳи самаранокии омодагии омӯзгорони оянда ба фаъолияти корҳои касбинтихобкунӣ баланд бардошта шавад;

-методикаи ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони оянда, ки аз ҷониби диссертант коркард шуд, барои инкишофи муносибати ангезишӣ - арзишпазирона ба фаъолияти ояндаи корҳои касбинтихобкунӣ мусоидат намуда, сатҳи фаолиятнокии корҳои касбинтихобкунии онҳоро баландтар менамояд; таҷрибаи фаъолияти корҳои касбинтихобкуниро афзун карда, инкишофи рефлексия ва худбаҳодиҳиро таҳрик мебахшад;

-мундариҷаи ҳадафҳои тарбиявӣ муайян карда шуд, ки дар ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ амалӣ мегардад;

-методҳои асосии ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи фаннӣ ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ ифода ёфтанд;

-сифатҳои шахсиятие ба назар гирифта шуданд, ки ба ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи фаннӣ ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ таъсир мерасонанд.

***Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:***

1. Салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ қисмати тайёрии онҳо буда, ҳамчун ташкилаи муназзами шахсиятӣ-касбӣ баррасӣ мешавад, ки ташаккули мавқеи фаъолонаи хонандагонро дар худмуайянкунии касбӣ таъмин менамояд ва ҷузъҳои зеринро дарбар мегирад: ангезишӣ, когнитивӣ, амалиётӣ-фаъолиятмандона, эмотсионалӣ-иродавӣ, баҳодиҳанда.

2. Амсилаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ, ки дар асоси дидгоҳҳои шахсиятӣ-фаъолиятмандона ва салоҳиятнокӣ сохта шуда, чор марҳалаи раванди ташаккули корҳои касбинтихобкуниро инъикос менамояд: марҳалаи якум- муносибати ангезишию арзишӣ ба ташкили фаъолияти корҳои касбинтихобкунӣ, дар марҳалаи дувум - донишу маҳорати корҳои

касбинтихобкунӣ ташаккул меёбанд. Ба марҳалаи севум - ташаккули таҷрибаи фаъолияти корҳои касбинтихобкунӣ, ба марҳалаи чорум худбаҳодиҳии фаъолияти корҳои касбинтихобкунии худ хос мебошад.

3. Шароити педагогии ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ:

-тамоюли раванди таҳсилот ба азхудкунии фаъолона ва асосноки низоми донишу маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ аз ҷониби донишҷӯён;

-ворид намудани ҷанбаҳои корҳои касбинтихобкунӣ ба омодагии умумигуманитарӣ ва умумикасбии омӯзгорони оянда;

-ба мундариҷаи таълим ворид намудани фанни интихобии «Касбинтихобкунӣ», ки аз тарафи диссертант таҳия карда шудааст;

-дар раванди таҳсил татбиқ намудани технологияҳои бозиҳои интерактивӣ, ки ба рушди сифатҳои шахсиятӣ-касбии омӯзгорони оянда мусоидат мекунанд;

-ташвиқи омӯзгорони оянда ба худомӯзӣ ва худинкишофдиҳии муттасил;

-интихоби методикаҳои ташхис барои таҳқиқ намудани сатҳи ташаккулёбии салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ.

***Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот*** аз муайян намудани омилҳои баланд бардоштани сатҳи самаранокии ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ иборат аст: нигаронида шудани раванди таҳсилот ба азхудкунии фаъолона ва асосноки низоми корҳои касбинтихобкунӣ аз ҷониби омӯзгорони оянда; ворид намудани ҷанбаҳои корҳои касбинтихобкунӣ ба омодагии умумигуманитарӣ ва умумикасбии омӯзгорони фаннӣ; ба мундариҷаи таълим дохил кардани китоби дарсии «Касбинтихобкунӣ», ки унвонҷӯ таҳия намудааст; дар раванди таҳсил истифода бурдани технологияҳои бозиҳои интерактивӣ, ки ба рушди сифатҳои шахсиятӣ-

касбии омӯзгорони оянда мусоидат мекунанд; ташвиқ намудани омӯзгорони оянда ба худомӯзӣ ва худинкишофдиҳии муттасил; интихоби методикаҳои ташхис барои сатҳи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки китоби дарсии «Касбинтихобкунӣ» коркард шуда, дар амалияи раванди таълими макотиби таҳсилоти олӣ ҷорӣ гардид;

-шаклҳо ва методҳои корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда коркард шуданд: бозиҳои корӣ, маҷмӯи масъалаҳо оид ба вазъияти худмуайянкунии шахсӣ ва корҳои касбинтихобкунӣ ва ғ.;

-методикаҳои ташхис барои таҳқиқи сатҳи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ «Тест-пурсишнома барои муайян намудани сатҳи худбаҳодиҳӣ», «Пурсишномаи худмуайянкунӣ» интихоб гардиданд;

-маводи дар рафти таҳқиқот коркардшуда (барномаи фанни интихобии «Касбинтихобкунӣ», методикаи муайянкунии сатҳҳои ташаккулёбии салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ, супоришҳои тестӣ оид ба санҷиши корҳои касбинтихобкунӣ ва ғ.) метавонанд дар омодагии педагогҳо дар макотиби таҳсилоти олӣ, донишкадаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, нуқтаҳои машваратии корҳои касбинтихобкунӣ, марказҳои шуғли аҳолӣ истифода шаванд.

***Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот*** - бо хусусияти илмии матлабҳо, хулосаҳо ва тавсияҳо; амиқии асосҳои назариявӣ-методологӣ; мувофиқати методҳои таҳқиқот; такя ба мутобиқати тавсифии натиҷаҳои ба даст омада; таҳлили кори муаллиф ба сифати омӯзгор; имконияти такрори натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар шароити ҳаммонанд таъмин карда мешавад.

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:*** - диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - "Назария ва методикаи

таҳсилоти касбӣ”(13.00.08.04- Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат мекунад.

***Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.*** Аз ҷониби довталаб натиҷаҳои илмие ба даст оварда шуданд, ки дар диссертатсия ва маводи интишорёфта баён гардида, дар асоснокунии назариявӣ ва илмӣ-амалии муаммо ва ҳалли он зоҳир мешаванд.

***Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия:*** Матлабҳои асосии назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар шакли маърӯза пешниҳод гардида, муҳокима шудаанд.

***Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:*** натиҷаҳои таҳқиқот дар китоби дарсии “Касбинтихобкунӣ” барои донишҷӯён (нашриёти «Нури маърифат», - 292с, ш. Хуҷанд - 2020), мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, солҳои 2018-2020), “Номаи донишгоҳ” (солҳои 2018-2022), маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ (шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд, солҳои 2018-2022), мақолаву тавсияҳои методии интишор намудаи диссертант инъикос ёфтаанд.

***Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.*** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, замимаҳо иборат аст. Дар диссертатсия 12 ҷадвал ва 2 диаграмма ҷойгир шудааст. Рӯйхати адабиёт 215 номгӯйро дар бар гирифта, матни диссертатсия 209 саҳифаи ҳуруфчинии компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. ПАЙДОИШ ВА РУШДИ КАСБ АЗ ДАВРАИ АТИҚА ТО ЗАМОНИ МУОСИР

## §1.1. Пайдоиш ва рушди касбу ихтисос аз давраи атиқа то Зардуштия

“Мо кистем, аз куҷо, аз кадом решаҳо сабзидаем? Гузаштагони (ниёгони) аввалини мо кӣ буданд, аз кадом кишварҳо онҳо омадаанд, дар кадом ҳудуд зиндагӣ кардаанд? Таърихи тамаддун ва давлатдории тоҷикон аз куҷо маншаъ мегирад ва то соҳили кадом замон мерасад? Саҳми таърихии миллати мо ба пайдоишу инкишофи минбаъдаи тамаддуни ориёӣ дар чӣ зуҳур меёбад? Оё забони тоҷикӣ, рӯзгор, мероси таърихию фарҳангии он аз асолати миллӣ бархурдор аст ё тоҷикон онҳоро аз халқҳои дигар ба вом гирифтаанд? Дар бобати ин суолҳо андеша намуда ҳар инсоне, ки ақли даррок ва қалби саршор аз муҳаббати Ватан дорад, бо таърихи бостонӣ ва қарибулвуқӯи халқаш маънан риштаи иртибот пайдо мекунад” [152, с.2].

Ҳамаи он касоне, ки дар сайёраи мо зиндагӣ мекунанд, новобаста аз он, ки онҳо кӣ ҳастанд ва дар кадом қисми олам зиндагӣ мекунанд ва, новобаста аз он, ки онҳо дар кадом давраи таърихӣ зиндагӣ кардаанду мекунанд ва намояндаи кадом миллат, халқият, халқ, этнос ва ё қавм мебошанд, ин суолҳоро ба худ додаанд, медиҳанд ва хоҳанд дод.

Инсон мехоҳад таърихи тамоми инсоният, қитъаҳо, минтақаҳоро донад. Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти ҳозир, мо пеш аз ҳама, таърихи халқҳо, халқиятҳо ва этносҳоро, ки аз давраҳои қадим то рӯзҳои мо дар Осиёи Марказӣ маскунанд, баррасӣ мекунем. Дар ин минтақа аз қадимулайём тоҷикон, ки намояндаи яке аз халқҳои қадимтарини ҷаҳонанд, туркон, ӯзбекон, қазоқон, туркманон, ва қирғизон намояндагони онҳоянд, зиндагӣ мекарданд ва то ҳол мекунанд.

“Таърихи қадимтарин, қадимӣ ва аз бисёр ҷиҳат қуруни вустои ин халқҳо ба ҳам хеле наздикаст, баъзан, бошад ба ҳам мутобиқати комил дорад, зеро дар ҳамон як ҳудуд инкишоф ёфтааст” [102, с.2].

Бо вуҷуди қаробат ва айнияти таърихи ин халқҳо, дар пайдоиш ва инкишофи таърихи онҳо аломатҳои фарқкунанда, вижагиҳои махсус мавҷуданд, ки ба забон, тарзи ҳаёт, анъана, одат, расму оин, либос ва ғайра мансубанд. Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои вижаи мазкури ин халқҳо олоти меҳнат ва касбу ихтисосҳои марбут ба онҳо ба шумор меравананд. Омӯзиши таърихи пайдоиш, инкишоф, такмилёбӣ ва низомбандии онҳо дар давраҳои мухталифи таърихӣ аҳамияти фавқулодаи илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дошта, мавзӯи мубрами таҳқиқот маҳсуб мегардад.

Дар тадқиқи ҳозира, таърихи пайдоиш ва тараққии ҳунармандӣ ва зуҳури касбҳои халқи тоҷик ва халқҳои Осиёи Миёна, аз сохти ҷомеаи ибтидоӣ то рӯзҳои мо мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Ба мақсади ҳал кардани масъалаи мазкур мо руҷӯи муайяни таърихиро пеш гирифтем, яъне адабиёти сершумори илмӣ ва илмии оммабоб, маводи таърихӣ ва бостоншиносии маҳалҳои мухталифи таърихии Тоҷикистонро, ки дорои арзиши илмӣ буданд, омӯхтем, таҳлил кардем, тасниф намудем, бо сокинони маҳалҳои мазкур оид ба масоили мавриди таваҷҷӯҳ сӯҳбатҳои бисёр гузаронидем.

Омӯзиши адабиёти илмӣ оид ба бостоншиносӣ ва омӯзиши предметҳои мухталифи рӯзгор, олоти меҳнат ва шикор, ки дар бошишгоҳҳои одамони қадим кашф шудаанд. Имкон медиҳанд то манзараи возеҳро дар бобати чӣ тавр зиндагӣ кардани одамон дар он давраҳои дури таърихӣ, чӣ тавр олоти меҳнат ва ба шикор тайёр кардани онҳо, чӣ тавр такмил додани қобилиятҳои онҳо тасаввуроти нисбатан возеҳ пайдо кунем. Дар ин бобат донише, ки маводи таърихӣ пешниҳод мекунад, аз ҷумла дар бораи он, ки чӣ тавр вақт ва вижагии кори иҷрошаванда ба муттаҳид гардидани одамон дар гурӯҳҳои касбӣ, ки ба ин ё он намуди кор тахассус пайдо мекарданд, аҳамияти хеле калон дорад. Тадриҷан, аз гурӯҳҳои ангуштшумор сар карда, иттиҳодия ва

сулолаҳои кулолон, сангбурон, устоёни кӯфтану гудохтани (об кардани) маъдан, бофандагон ва ғайра пайдо шудаанд.

“Соли 1953 А.П.Окладников дар мавзеи Унарчаи наздикии дарёи Норин дар Қирғизистон аз девораи регии суфаи қадимаи плейстосени миёна қайроқи калони дасти инсонрасидаро, ки як тарафи он ба теғи барҷастаи камонӣ монанд аст, пайдо намуд. Чунин олат дар илми бостоншиносӣ ба номи чоппер - олати қайроқсанг машҳур аст”[128, с.53].

Дар ҳақиқат, дар иқтибоси боло яке аз аввалин олотҳои меҳнати дастсохт тавсиф шудааст.

“Тақрибан 40-35 ҳазор сол муқаддам ташаккули инсони типи муосир - Homo Sapiens ба вуқӯъ пайвастааст. Дар ин давра асбобу абзори сангӣ назаррас такмил меёбад. Ба ҷои се-чаҳор шакли асосии давраи мустйёр маҷмӯи гуногуни олотҳои сангӣ ба вуҷуд меоянд” [105, с.72].

Бо мурури замон маҳорати инсон такмил меёфт, ки ин боиси хурд шудани ҳаҷми маснуоти сангӣ мегардад. Маснуоти сангӣ аз такмил ёфтану пайдо шудани индустрияи сангӣ ва пайдо шудани тарзҳои нави шикор шаҳодат медиҳанд.

“Дар давраи мариди таҳқиқ таҷаммӯи унсурҳои тарзи нави ҳаёт, техникаи тайёр кардани олотҳои сангӣ ва дар ин асос, асбобу анҷоми рӯзгор ба амал мепайвандад, ки бевосита бо ташаккули инсони типи нав - Homo Sapiens (инсони оқил) алоқаманд аст” [104, с.64].

Беҳтар шудани сифати маснуоти сангӣ боис гардид, ки Homo Sapiens бо мурури замон ба интиқоли донишу маҳорат ва касбинтихобкунии дар ин давра то ба охир идрокнашуда бунёд гузошт.

Рушди касбии аҷдоди мо бо мурури вақт, тадриҷан на танҳо ба тайёр кардани олотҳои муайян, балки фаҳмидани сохтору хосиятҳои масолеҳи истифодашаванда низ сабаб гардид. Масалан, дар наздикии деҳаи Чоркӯҳи ноҳияи Исфараи Тоҷикистон ва дар қарибии бошишгоҳи Самарқанд абзорҳои мухталиф, аз қабили белча, корд, асбобҳои тарошанда, буранда ва ғайра ёфт шудаанд, ки ба давраи неолити барвақт

мансубанд. Аз намуди зоҳирии онҳо ба хулоса омадан мумкин аст, ки аллакай дар ин давра одамон дар бораи хелҳо ва хосиятҳои сангҳо (мулоим, сахт, зудшикан) маълумот доштанд ва дониши худро ҳангоми тайёр кардани аслиҳаҳои таъиноташон гуногун истифода мебурданд.

Дар бораи аслиҳаи тирандозӣ - камон Ф.Энгелс навишта буд: "Камон, зеҳ ва тир аллакай аслиҳаи хеле мураккабро ташкил мекунанд, ки ихтирои он таҷрибаи дурудароз андӯхта ва қобилиятҳои нисбатан инкишофёфтаи аҳлонӣ ва биноан, ҳамзамон ошноӣ бо ихтирооти сершумори дигарро пешбинӣ мекунад" [199, с.65].

Дар давраи мезолит инкишофи ҷамъият босуръат мегардад, олотҳои нави шикор - камону тир арзи ҳастӣ мекунанд, ки ба туфайли онҳо миқдори сайди шикор меафзояд. Намудҳои нави ҳунарҳо пайдо мешаванд, ки дар онҳо одамон иқтидори эҷодии худро дар рушди нерӯҳои истеҳсолӣ истифода мебаранд.

Дар асоси маводи таърихии мавҷуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар давраи мезолит теъдоди аҳолӣ дар шароити модарсолорӣ-авлодӣ нисбатан зиёд будааст. Шумораи аҳолӣ ва пешрафт ба ҳам алоқаи бевосита доранд: одам чӣ қадаре ки зиёд бошад, ҳамон қадар ғояҳо зиёд мешаванд. Тадриҷан усулу тарзҳои қаблан номаълуми коркарди масолеҳ, аз ҷумла сайқал додан, суфтан, буридан пайдо мешаванд. Сифати олоти истеҳсолот беҳтар мегардад. "Соҳаҳои нави хоҷагидорӣ низ ба вуҷуд меоянд: кулолгарӣ, зироаткории ибтидоӣ бо каланд ва чорводории ибтидоӣ. Дар минтақаҳои мухталифи Осиёи Миёна мутобиқан ба шароити табиӣ, деҳаҳои шикорчиёни моҳигир, шикорчиёни чорводор ё зироаткорони ибтидоӣ ташкил мешаванд" [5, с.100].

Дар натиҷаи самтгирӣ ба махсусияти касб фаҳмиши нави моҳияти касб ба миён меояд. Масалан, шикорчии моҳигир, шикорчии чорводор, зироаткор ё деҳқони ибтидоӣ.

"Дар давраи мезолит амалияи ибтидоию фиросатии зотпарварӣ оид ба ҳифз ва такмил додани олами ҳайвонот ва наботот оғоз ёфт. Он

сабоҳи ё оғози зироаткорӣ, чорводорӣ ва амалияи зотпарварии ориён буд, ки онҳоро ба тафаккури пурвусъати зеҳнӣ, сарвати тотемию маънавӣ, нутқию забонӣ ва ғизо, меҳнати самарабахш, амалан ба муносибат ва азхудкунии нави инқилобии муҳити зист ва олам ҳидоят мекард. Давраи нави таърихӣ фаро мерасад, ки дар бостоншиносӣ онро “инқилоби неолитӣ” меноманд. Замони ихтирооти тамаддунофари ҳазорсолаҳои VI-V то эраи мо (яъне, 8-7 ҳазор сол муқаддам) шурӯъ мешавад:

- ихтирои сайқалдиҳӣ ва сӯрохкунӣ дар коркарди санг ва сохтани олотҳои нисбатан қулаю мувофиқ, самарабахшу аз лиҳози эстетикӣ зебои меҳнат: табар, дос, тир, микролитҳои неолитӣ;

- ихтирои зарфҳои кулолӣ (махсусан, дегу хумчаҳои сафолӣ) ва дар он пухтани хӯрок, ки боиси нигоҳдорӣ ва пухтупази озуқа ва гуногунию рангорангии ғизо (махсусан, хӯроки суюқ) гардид ва ба туфайли он анатомияю физиологияи инсон куллан беҳтар шуд;

- ихтирои ресандагию бофандагӣ, либосдӯзӣ, ки ҳифзи табиию иқлимии инсонро назаррас беҳтар намуд ва зебоипарастии бадеии либоси бостониро ба вуҷуд овард (оғози таърихи либос ва тарҳрезии либос);

- сохтмони сунъии аввалин намунаҳои манзил ё сарпаноҳ, ки инсонро аз хавфи табиати ваҳшии атроф ва ҳайвоноти даранда, аз сардӣ ва гармои тоқатфарсо муҳофизат мекард, ташаккули гурӯҳҳои ҷомеавӣ ва бошишгоҳ ё деҳаҳои як ё якчанд авлод оғоз меёбад [7, с.76].

Зироаткорӣ ва чорводорӣ рушди босуръат пайдо мекунанд. Одамон ба зотпарварии рустаниҳо ва ҳайвоноти хонагӣ, ҳифз ва такмил додани баъзе намудҳои онҳо шурӯъ карданд. Ин ногузир боиси вусъати тафаккури зеҳнии ориён, пайдоишу рушди зеҳни нутқию забонӣ, арзи ҳастӣ кардани тарзҳои нави хӯрокпазӣ гардид. Ҷидду ҷаҳд ба бештар қулаю бароҳат сохтани муҳити зист арзи ҳастӣ мекунад, ки дар пасманзари идома ёфтани такмили олот ва асбобҳои нисбатан қулаи

меҳнат ба кашфиёти тамаддунофар оғоз бахшидаанд. Пайдо шудани зарфҳои сафолӣ сифати ҳаёти одамонро назаррас беҳтар гардонид. Ихтирои ресандагию бофандагӣ ба одамон имкон дод ба шароити тағйирёбандаи табиию иқлимӣ мутобиқ гарданд. Либосу пойафзолдӯзӣ бошад боиси пайдоиши касбҳои нав шуданд. Дар идомаи ин мавзӯъ лозим ба зикр аст, ки касбҳои ё ихтисосҳои ороишу тарҳрезии либос низ ба вуҷуд омаданд. Мисли ҳамин, касбҳои меъмор ва бинокор пайдо шуданд, ки ба сохтмони манзилҳои нисбатан хушсифат ва қулай имконият фароҳам меоварданд.

Чӣ тавре ки Ф. Энгелс гуфта буд, “мис ва қалъагӣ, ҳамчунин биринҷӣ, ки аз он ду металл гудохта мешуд, металлҳои муҳимтарин маҳсуб мегарданд. Аз биринҷӣ аслиҳа ва олоти коршоям месохтанд, вале онҳо олоти сангиро танг карда бароварда натавонистанд. Аз ӯҳдаи ин кор танҳо оҳан баромада тавонист, вале алҳол истеҳсоли оҳанро намедонистанд” [199, с.55]. Ҳафриёти бостоншиносӣ, ки дар рафти онҳо ашёҳои аз қалъагию мис ва дертар аз биринҷӣ сохтаи рӯзгор ва олоти истеҳсолот, воситаҳои шикору моҳигирӣ ёфт шуданд, собит месозанд, ки ҳанӯз дар он замонҳо касбҳои нонво, металгудоз, дигар касбҳои ба онҳо ҳамҷавор вуҷуд доштанд. Дар Осиёи Миёна захираҳои калони мис мавҷуд аст, ки ба рушд ва вусъати металлургияи ибтидоӣ ва, мутаносибан, хел ва гуногунии гудозиши металл, баъдан тайёр кардани маснуоти мухталифи давраи асри биринҷӣ имконият фароҳам оварданд.

“Зироатҳои асосӣ дар ибтидо ҷави дуқатора, гандуми нарми кӯтоҳпоя буд. Минбаъд бинобар бозёфтҳои донаҳо, ғайр аз ҷаву гандум боз шолӣ, нут, ангур парвариш мекарданд. Дар аввал доси сангиро истифода мебурданд, баъдтар, аз афташ, досҳои мисӣ ва биринҷӣ роиҷ гардиданд. Метавон ба занни наздик ба яқин ҳадс зад, ки дар давраи биринҷии мутараққӣ ва дерин барои коркарди киштзор чорвои кориро истифода мебурданд. Дар рама чорвои резаи шохдор бар чорвои калони

шохдор афзалият дошт. Дар хоҷагӣ ҳамчунин асб ва шутурро кор мефармуданд” [14, с.500].

Коркарди зироатҳои кишоварзӣ аввал бо досу испорҳои мисӣ ва сипас биринҷӣ аз асри биринҷӣ оғоз меёбад. Истифодаи чорвои калони шохдор дар коркарди замин бо олоти нав шурӯъ мешавад. Касби ҷуфтрон пайдо мешавад, ки ҳамзамон коркарди заминро низ иҷро мекунад.

“Дар асри биринҷӣ олоти кишоварзии мисину биринҷӣ пайдо шуданд. Маснуоти мисию биринҷӣ ба рӯзгори аҳолӣ ба таври васеъ ворид гардиданд, ҳарчанд одамон олотҳои мухталифи сангиро низ истифода мебурданд. Деҳаҳо, аз афташ, аз мавзеъҳои истиқоматии калон иборат буданд, ки дар ҳар яки онҳо ҷомеаи оилаи калон зиндагӣ мекарданд. Дар яке аз чунин манзилҳо 27 бино (эҳтимол теъдоди умумии биноҳо камаш 50 адад буд) ҳафр шуданд, ки байни ҳам бо роҳравҳо пайваст буданд. Биноҳо росткунҷа, мураббаъ, баъзеашон шакли нодуруст доштанд ва аз хишти калони росткунҷа сохта шуда буданд. Биноҳо оташдонҳои гуногуннамуд, суфа ва ғайра дошта, девори бино хеле хуб андова шудаанд, баъзе ҷойҳои деворро бо алебастр андова кардаанд. Аз рӯи баъзе қаринаҳо як қисми биноҳо шифти равоқдор доштанд. Ҳамин тариқ, аллакай дар давраи неолит ва биринҷӣ дар ҷануби Осиёи Миёна бинокорию меъморӣ ба авҷи тараққӣ расида буд” [2, с.28].

Хусусияти асри биринҷӣ дар он аст, ки дар ин аср баробари мансуоти мисию биринҷӣ, маснуоти сангӣ мавриди истифода хуб қарор доштанд. Деҳаҳо ҳаҷман калон буданд, бо ҳам бо роҳравҳо алоқа доштанд ва асосан аз санг (девор, ҷои дар ва ғайра) сохта шуда буданд. Касбҳои сайқалдеҳ ё пардозгар, бинокор, меъмор то андозаи муайян равнақ доштанд. Шифтҳои равоқдор, гунбазшакл, пештоқҳо собит месозанд, ки касбҳои бинокору меъмор хеле инкишоф ёфта буданд. Оташдонҳои сангӣ, ки аз сангҳои мусаттаҳи росткунҷашакл сохта

шудаанд, аз мавҷудияти ин касб шаҳодат медиҳанд, ки то ин замон ба мушоҳида нарасида буд.

“Истеҳсолоти ҳунармандӣ низ ба зинаи нав баромад. Устохонаҳои рехатагарӣ мавҷуд буданд, ки маснуоти гуногун - аз сӯзанҳои мисӣ то мӯҳру тамға ва ханҷар истеҳсол мекарданд. Ғайр аз олати меҳнат ва аслиҳа, аз санг ороишот, ҳамчунин зарфҳои хеле зебо месохтанд. Устоҳои кулолгар дар сохтани зарфҳои гуногунҳаҷм аз кӯзачаю ибриқ, то хумдонҳои калон маҳорати ҳайратовар зоҳир менамуданд. Зарфҳои нозук ва тунуки ғизохӯриро бо нақшунигори гуногунранг оро медоданд. Дар ин замон ҳамчунин бофандагӣ низ васеъ инкишоф ёфта буд” [2, с.28].

Ҳунармандӣ хеле равнақ пайдо карда буд. Устохонаҳои кулолгарӣ ва кулолгарони алоҳида зарфҳои сафолии гуногуншаклу мухталифҳаҷм тайёр мекарданд. Зарфҳои сафолиро дар аввал бо як ранг, дертар бо рангҳои гуногун нақшу нигор мекарданд.

Касби кулолгарӣ моҳияти бадеӣ гирифт. Дар баробари зарфҳои сафолӣ зарфҳое пайдо шуданд, ки аз санг сохта, ороишоти мухталиф доштанд. Устохонаҳои мисгудозӣ маснуоти гуногун истеҳсол мекарданд. Дар баробари масуноти одӣ маснуоте пайдо шуданд, ки бо санг оро дода шуда буданд.

Ба таърихи фарҳанги мусиқӣ ва таърихи пайдоиши созҳои мусиқии тоҷикон диққати махсус додан лозим аст. Дар ин давра асоси ихтирою сохтани созҳои мусиқӣ гузошта шуд, ки то рӯзҳои мо усулан тағйир наёфтаанд. Санъатшиноси маъруф Н.Ғ. Ҳакимов дар китоби “Фарҳанги мусиқии тоҷикон” бори аввал таърихи созҳои мусиқии халқи тоҷикро аз давраи қадим ва оғози асри миёна то арафаи ҳуҷуми арабҳо мавриди таҳлили амиқ ва муфассал қарор додааст.

“Таърихи фарҳанги мусиқӣ ва созҳои мусиқии халқи тоҷик 4,5 ҳазор солро дарбар мегирад. Маҳз дар ҳамин давраи тӯлонии вақт асосҳои анъанахое гузошта шудаанд, ки то имрӯз вуҷуд доранд. Ин анъанаҳо, чи тавре ки таҷрибаи таърихӣ нишон дод, то ҳол ба туфайли

иқтидору тавоноии азими башардӯстона ва демократӣ, ки дар онҳо таҷассум ёфтаанд, арзиши зебошиносии худро нигоҳ медоранд” [192, с.3].

Дар давраи биринҷӣ дар паҳнои Осиё ва Аврупо “давраи эронии таърих” оғоз меёбад, ки хеле тӯлонӣ буд. “Аҳамияти таърихии ин давра, - қайд мекунад М.И.Артамонов, - хеле бузург аст: дар давоми он як қатор халқҳо ташаккул ёфтаанд, ки решаҳои анъанаҳояшон аз ҳамин давра об мехӯрад ва вижагиҳои миллии онҳоро муайян мекунад”.

Мӯҳтавои зебоишиносӣ ва мусиқии созҳо ҳифз гаштаанд ва амалан тағйир намеёбанд ва ин нукта аз мавҷудияти устоёни чирадасти созҳои мусиқӣ шаҳодат медиҳад. Маҳз дар ҳамин давра касбҳое пайдо шуданд, ки бо сохтану истифода бурдани асбобу созҳои мусиқӣ алоқамананд.

“Равнақи инкишофёбандаи такмили меҳнат ба санъати мусиқӣ низ таъсири калон расонид. Масалан, тақсими меҳнат байни зану мард, боло рафтани аҳамияти меҳнати мардон ба ташаккули анъанаҳои иҷроияи соф занона мусоидат кард. Дар давраи бостон, бино ба шаҳодати манбаъҳои мактуб, санъати мусиқии дарборӣ чун соф санъати занона баррасӣ мегардад” [9, с.62]. Дар ин давра тақсими меҳнат ба меҳнати мардонаю занона ба вуқӯъ пайваст. Меҳнати мардона аҳамияти калон дошт, вале дар соҳаи мусиқӣ санъати мусиқӣ чун соф ҳунари занона баррасӣ мегардид.

“Дар мактабҳои мусиқии мазҳабӣ, дунявӣ, низомӣ ва ҳунарӣ на танҳо барои амалигардонии ниятҳои эҷодӣ шароити муайян фароҳам оварда мешуд, балки муҳити муайяни иҷтимоию равонӣ ташаккул меёфт, ки ба раванди шаклгирии муқаррароти эҷодӣ таъсири калон мерасонад. Айни замон қайд кардан лозим аст, ки пайдоиши мактабҳои мухталифи мусиқӣ ба инкишофи минбаъдаи мафҳумҳои ҷамъиятан муҳимми баёнию мӯҳтавоӣ таъсири азим расонида, боиси ҳукми қонунро гирифтани амалияи иҷроия гардид ва ба пайдоиши асосҳои функсионалию меъёрии эҷодиёт мусоидат кард” [9, с.25].

Дар мактабҳои мухталифи мусиқӣ муҳити муайяни иҷтимоӣ мавҷуд буд, ки ба ташаккули самтҳо ё ҷараёнҳои муайяни мусиқӣ ва муқаррароти эҷодӣ мусоидат мекард. Ин ҳолат дар навбати худ ба ҳукми қонунро гирифтани амалияи иҷрокунандагӣ ва дигар асосҳои эҷодиёт таъсир мерасонад. Худи мавҷудияти чунин мактабҳо ба вижагиҳои онҳо ишора мекунад ва мисоли барҷастаи самтгирии касбӣ дар санъати мусиқӣ мебошад.

“Дар чоряки дувуми ҳазорсолаи якуми то эраи мо дар Осиёи Миёна оҳан хеле паҳн гардид. Кашфи ин металл на танҳо тамоми фарҳанги моддиро дигаргун сохт, балки барои техника имкониятҳои навро фароҳам оварда, дар давоми се ҳазорсолаи охирин заминаи ҳамаи тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ гардид. Металли нав каме пештар аз тантанаи худ кашф шуд ва якчанд аср барои тантанаи мазкур кифоя буд”. Ф. Энгелс навиштааст: “Оҳан зироаткориро дар майдонҳои нисбатан бузург имконпазир кард, барои зироатҳо тоза кардани минтақаҳои васеи ҷангалзор шароит фароҳам овард, он ба ҳунарманд олати чунон сахту тезро дод, ки ба он ягон санг, ягон металли дар он замон маълум муқобил истода наметавонист” [199, с.163].

Кашфи оҳан боиси тағйирёбии тамоми фарҳанги моддии он замон гардид. Оҳан ба сохтани олати нави меҳнати сахтияш беназир ва беҳамто имконият фароҳам овард. Имкони коштани зироат дар масоҳатҳои калон пайдо шуд. Одамон на танҳо заминҳои озодро истифода бурда метавонистанд, балки метавонистанд мавзеъҳои ҷангалзорро барои зироаткорӣ тоза кунанд. Ҳамаи ин ба пайдо шудани донишу касбҳои нав мусоидат мекард.

“Барои инсони ҷамъияти ибтидоӣ ба масолеҳи чакушхӯр табдил ёфтани пораҳои бешакли санг - маъдан раванди асроромез ва нофаҳмо буд. Дар натиҷа нисбат ба филизкорон - оҳангарон эҳтироми махсус пайдо мешуд, дар шуури одамон нисбат ба онҳо тарси хурофотӣ ба вуҷуд меомад. То ба қарибӣ дар байни бисёр халқҳо чунин муносибат ба

оҳангарон вуҷуд дошт. Аз ҷумла, дар баъзе ноҳияҳои Помир оҳангарон одамони аз ҳама мӯътабар ба шумор мерафтанд, устохонаҳои онҳо бошанд, муқаддас маҳсуб мегардиданд: онҳоро парастиш мекарданд, баъди ҷамъоварии ҳосил дар оҳангархона қурбонӣ мекарданд. Баробари ин, дар дигар бовару устураҳо оҳангарон ба сифати намояндагони шайтон муаррифӣ мешаванд, ба истифодаи оҳан бошад, мамнӯиятҳои мухталиф мавҷуд аст, ки инъикоси тарсу ҳароси одамон дар баробари филиз аст” [15, с.127].

Бо пайдоиши филиз оҳангарӣ ба касби хеле боэътибор табдил ёфт. Касби онҳо хеле мармуз ба назар менамуд ва ҳатто одамон нисбат ба раванди идрокнопазири ба филизи мустаҳкам табдил ёфтани санг-маъдан тарсу ҳарос эҳсос мекарданд.

Маҷмӯаи матнҳои мазҳабии зардуштиён - Авесто манбаи муҳимтарини таърихӣ оид ба таърихи Осиёи Миёна ба ҳисоб меравад.

“Дар асоси матнҳои Авесто метавон ба хулоса расид, ки ҷамъияти он замон бо тафриқаи чуқури вусъатёфтаи иҷтимоию амволӣ тавсиф мешавад. Дар қисмҳои гуногуни Авесто ишораҳо оид ба кадхудоён ва шахсоне ҳаст, ки дорои рамаҳои калон мебошанд. Чорпо чун сарвати асосӣ баррасӣ мешавад. Табиист, ки сарвати аъёну ашроф на танҳо аз чорво, балки аз замин ва амволи дигар низ иборат буд” [37, с.68].

“Дар Авесто номгӯи гурӯҳҳои иҷтимоӣ-касбӣ: рӯҳонӣ ё мӯбад, сарбози дучархасавор, кишоварз-чорводор ва (як бор) ҳунарманд ба чашм мерасад. Баъзе олимон ақида доранд, ки ин тақсимоти иҷтимоӣ аз замонҳои умумияти ҳинду эронӣ маншаъ мегирад, бинобар ин набояд ба эътибор гирифта шавад. Олимони дигар, чунин мешуморанд, ки номгӯи мазкур воқеияти таърихии дар давраи пайдоиши Авесто ва каме баъдтар ҷойдоштаро инъикос мекунад ва ҳангоми кӯшиши таҷдиди (реконструксияи) ҷамъияти Авесто бояд ба назар гирифта шавад. Гурӯҳи дувум иддаояшонро бо далелҳо исбот ҳам менамоянд” [14, с.154].

Дар Авесто, ки манбаъи асосии ҳодисаҳои таърихии ҳамон давра ба ҳисоб меравад, номгӯй ва тавсифи гурӯҳҳои иҷтимоию касбӣ оварда шудааст. Ба ин гурӯҳҳо рӯҳониён ё мӯбадон, сарбозон-дучарахасаворон, чорводорон ва ҳунармандон дохил мешаванд.

Авесто китоби муқаддаси аҷдоди мо буд ва аз таваллуд то марг қарини онҳо буд. Бо суруду ниёиш аз Авесто барзгарон ғалла мекоштанд ва ҳосил меғундоштанд, шубонон аз худоён фаровони алаф ва афзоиши рамаю галаҳояшонро талаб мекарданд, устоён ва ҳунармандон дар асарашон симои худоёнро инъикос намуда, ба шафоати онҳо умед мебастанд. Сарлашкарон ва сарбозон ниёишҳои авестоӣ дар лаб ва дар қалб зидди душман мерафтанд ва ба пирӯзӣ умедвор мешуданд, шоҳон ва ҳокимон тақдири худ ва тақдири мамлакатро ба паноҳи сарвари эзидон Аҳуро Маздо месупурданд. Мӯбадони хирадманд аз китоби осмонии Авесто дониш гирифта, одамонро ба сафою покӣ, сухани нек, пиндори нек, рафтори нек даъват мекарданд. Тибқи анъанаю одати зардуштӣ пайравони ин дин дар давоми сол, моҳҳою рӯзҳои он ба оташкада рафта оташро парастиш мекарданд. Онҳо ба Аҳуро Маздо ва худоёни дигар қурбониҳо мекарданд, иҷобати ниёиш ва барори кору зиндагӣ мехостанд [37, с.154].

“Зироаткорӣ ё деҳқонӣ барои пайравони Авесто неккирдорӣ ба шумор меравад. Касе, ки ғалла мекорад, хайру баракат мекорад” гуфта мешавад дар Авесто [37, с.154]. Дар китоби муқаддаси Авесто муносибати ҳамаи одамон ба одатҳою анъанаҳо инъикос ёфтааст. Намояндагони ҳамаи касбҳо ба оташ саҷда намуда, аз худованд як хоҳиш мекарданд: иҷро ва мустаҷо шавии орзуҳои онҳо. Онҳо тақдири худро ба парвардигор месупориданд ва ба ғалабаю нусрат умед мебастанд. Ба деҳқонӣ ё зироаткорӣ, ки касби муқаддас шумурда мешуд, аҳамияти махсус медоданд. Авесто сарчашмаи қадимтарини омӯзиши фарҳанги моддӣ ва маънавии халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Таърифу тавсифи намудҳои гуногуни ҳунарҳо ва касбҳои халқӣ дар Авесто

моҳияти ҳастии инсон, ҷаҳоншиносӣ ва ҷаҳонбинии ориёиҳои бостонро таҷассум мекунад. Дар маводи бостоншиносии мансуб ба давраи зардуштия малакаҳои ҳунар, санъат, сарвату асотир ва касбияти аҷдоди халқи тоҷикро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

Дар матнҳои Авесто аксаран деҳқонӣ, бофандагӣ, чорводорӣ ва дигар намудҳои ҳунар пешбар мешавад. Шаҳрҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Хуҷанд, Самарқанд, Усрушана (алҳол Истаравшан), Панҷакент, Бухоро ва ғайра аз қадимулайём маркази илму ҳунар ба шумор мерафтанд. Дар Авесто ҳамчунин қариб тамоми олами ҳайвонот таърифу тавсиф шудааст. Чорводорӣ бошад яке аз шаклҳои фаъолияти касбии қабоили авестоӣ ба шумор меравад.

Дар "Вандидод" (боби III Авесто) омадааст: "Чунин ҷой он ҷой, ки ашаване хонае бар пой дорад, бо мӯбаде дар он: бо галае гов, кадбонуе, фарзандоневу решаҳои хуб дар он. Хонае, ки дар он галаи говон ба хубӣ парварда шавад, ашаванӣ афзунӣ гирад; хӯроки сутурон фаровон бошад; саги хуб парвараиш ёбад; кадбону комёб шавад; фарзандон биболанд; оташ фурӯзон бимонад ва ҳар як аз ниёишҳои неки зиндагӣ ба хубӣ бархонда шавад. Чунин ҷой он ҷоест, ки ашаване ҳарчи бештар гандуму гиёҳу дарахтони мева бикорад; ҷое, ки чунин касе заминҳои хушкро обёрӣ ва заминҳои тарро заҳкашӣ кунад" (Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ.

Аз матни Вандидод маълум мешавад, ки аҷдоди бостонии мо ба бинокорӣ, захира намудани хӯроки чорво, ғаллакорӣ, парвариши дарахту рустаниҳо диққати махсус медоданд. Дар боби 17 Вандидод сухан дар бораи ҳунаре чун пиростани мӯй ва нохунҳои дасту пой меравад, ки бо ин ҳунар ба таври истисно занон машғул мешуданд. Ё дар боби (фаргарди) 20 дар бораи нахустин пизишк ва муолиҷаи беморон меравад, ки мавҷудияти касби пизишкӣ шаҳодат медиҳад: "Трита буд нахустин пизишки хирадманд, фархунда, тавонгар, рӯинтан, ва пешдод, ки бемориро ба бемори бозгардонд, ки маргро ба марг бозгардонд. ... Ӯ

буд, ки ба ҷустуҷӯи доруҳову шеваҳои дармон баромад ва Амшосанди Шаҳривар барои пойдорӣ дар баробари беморӣ, дар баробари марг, дар баробари дарду таб, дар баробари нохушӣ ... доруҳо ва шеваҳои дармонро бад ӯ бахшиду омӯхт” [200, с. 236].

Дар Виспарад (боби дигари Авесто) ҳаума васф шудааст. Дар ҳамаи фаргардҳои то замони мо расидаи Авесто ситоиши нӯшобаи муқаддаси ҳаума, ки аз меваи дарахту рустаниҳо тайёр мешуд, ба чашм мерасад, ки аз пайдоишу рушди касби шаробкашӣ шаҳодат медиҳад.

Он нуқта, ки матнҳои Авесто бо оби зар дар 12 ҳазор пӯсти піростаи гов сабт шуда буд, шаҳодат медиҳад, ки қабилаҳои авестоӣ аз касби даббоғати пӯсти ҳайвонот ва санъати хаттотӣ огоҳ буданд.

Дар Авесто санъати мусиқӣ, касби ромишгар ва устои созҳои мусиқӣ, ки дар асоси онҳо дар қарнҳои баъди жанру шаклҳо ва низомҳои силсилвааии баландғояи созию овозӣ, аз қабили “Хусравонӣ”-и Борбад арзи ҳастӣ карданд, хеле тавсифу ситоиш гардидааст. Маҳз ба туфайли ҳамин касби мусиқинавоз хеле роиҷ буд. Анъанаҳои башардӯстонаи авестоӣ ва зардуштия дар эҷодиёти ромишгарони минбаъда ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтанд. Масалан, ёдгориҳои фарҳанги мусиқӣ “Хуниакарон” ва “Гавасан” бо фарҳанги мусиқӣ ва адабии давраи Сомониён иртиботи таркибӣ дорад.

Ҳамин тариқ, дар фарҳанги авестоӣ ҳунарҳое, аз қабили оҳангарӣ, бофандагӣ, мусиқорӣ, заргарӣ, кулолгарӣ ва ғайра бо эҳтироми махсус тавсиф шудаанд, ҳарчанд ин таърифу тавсифҳо ба пояи ситоиши шеъру шоирӣ намерасад. Анъанаҳои авестоӣ ба санъати халқҳои Осиёи Марказӣ чун қисми муҳим ва таркибӣ дохил шуданд. Дар асоси образҳои авестоӣ дар ороиши матоъ ва дигар маснуоти эҷодӣ мавзӯъоти композитсионӣ пайдо шуданд, ки дар ин бора боқимонда асарҳои рассомии Афросиоб, Панҷакент, Варахша, Балолиқтеппа ва ғайра шаҳодат медиҳанд. Дар нақшу нигори матоъҳо, ки устодони номаълум эҷод кардаанд ва онҳо дар асарҳои рассомии (деворнигораҳои)

Афросиёб ба назар мерасанд, доираи анъанавии сюжетҳои санъати қуруни вустои барвақтӣ, аз ҷумла тасвири парандаю ҳайвонот, семурғ, товус, қоз, сари гуроз, буз, гӯсфанд, асбҳои болдор ва дигар ҳайвоноту паррандаҳои воқеию асотирӣ, ки дар Яштҳои Авесто мазкуранд, ба мушоҳида мерасанд.

Касби рассом низ хеле касби мӯътабар ба ҳисоб мерафт ва то андозае мавриди парастиш қарор гирифта буд. Намояндагони ин намуди санъат ба доираи махсуси одамоне дохил мешуданд, ки эҷодиёташон пурасрор ва аксаран мамнӯъ буд.

Дар Готҳо ба чорводорӣ диққати хеле калон дода шудааст. Паёмбар ба Аҳурамаздо муроҷиат карда мегӯяд: "Ту ҳамоне ҳастӣ, ки барои мо ин неъмати бузург – чорво офаридӣ". Мо дар ин ҷо бисёр порчаҳоеро дучор мекунем, ки дар васфи чорво, нигоҳубини чорво, муҳофизати чорво ва ҳимояи чорводорони осоиштаю бегуноҳ аз ҳуҷуми дарандагон ва душманон сухан меравад. Ситоиши Аҳуро Маздо ва сер кардани чорворо кори аз ҳама беҳтарин медонистанд. Дар Авесто ба парвариш ва нигоҳубини чорво диққати калон дода шудааст. Нигоҳубини чорво шуғли беҳтарин маҳсуб мегардид, зеро чорводорӣ, некӯаҳволӣ, либос, ғизо сарват аст.

"Авесто нахустин доиратулмаорифи тамаддун ва аввалин ганҷинаи ориёиҳои шарқӣ – гузаштагони тоҷикон мебошад, он ба мо дар бораи тақдири бобоёну падаронамон дар марҳилаи ибтидоии ташаккули миллат ва тамаддуни тоҷик иттилоъ медиҳад. Ҳафриёти давраи муносибатҳои тараққикардаи ғуломдорӣ на манзараи комил, балки тавсифи умумии он замонро медиҳад, ки вазъияти Суғдро инъикос менамояд. Дар ҳаёти Суғд зироаткорӣ, ки зимнан аллакай дар ҳамин давра ба обёрии сунъӣ асос меёфт, нақши муҳим мебозид" [2, с.35].

Барои мо хеле ҷолиб аст, ки зироаткории дар он давра ба авҷи тараққӣ расида, асосан, ба обёрии сунъӣ асос меёфт. Дар он замон чунин касбҳо, аз қабили нақшакаш, бунёдкунандагони каналҳои обёрӣ ва

шабакаҳои обёрӣ аҳамияти калон доштанд. Сатҳи касбияти бунёди каналҳо ва шабакаҳои обёрӣ хеле баланд буд.

“Баробари масканҳои деҳот, ки аҳолии он бо зироаткорию чорводорӣ машғул мешуданд, масканҳои шаҳрӣ низ арзи ҳастӣ намуданд. Шаҳри калонтарин он шаҳре буд, ки юнониён Мароқанд (алҳол Самарқанд) номидаанд” [2, с.35].

Дар Мароқанд ва шаҳрҳои нисбатан хурд бозорҳо ба вуҷуд омаданд, ки дар онҳо дастранҷҳои ҳунармандон ба фурӯш мерафтанд. Маҳсулоти ҳунармандони Суғдиён диққати тоҷиронро аз ҳамаи гӯшаҳои ҷаҳон ҷалб мекард. Маснуоти оҳанӣ, зарф, матоъ, қолӣ ва либос предмети тиҷорат буданд. Касбҳои нав ҳунармандон, фурӯшгарон, тоҷирон ва касбҳои дигари ҳамҷавори онҳо – ҳаммолон, ҷуфтронон, тарозубонон ва ғайра пайдо мешаванд.

“Дар давлати Ҳахоманишӣ ба истилоҳ тақвими хурдавестоӣ ҷорӣ шуда буд. Ин тақвим аслан ба тақвими шамсии Миср, ки ҳар сол аз 12 моҳи сирӯза ва панҷ рӯзи илова фароҳам меомад, шабоҳат дошт. Моҳ ва рӯзҳои ин тақвим бо номи худоён ва шахсони асотирии мансуб ба оини Зардуштии “Хурд-Авесто”, ки дар “Готҳо” зикр гардидаанд, инчунин бо номи дигар худоёни эронӣ (аз ҷумла онҳое, ки Зардушт яқинан мункир шудааст) тасмия ёфтаанд” [37, с.153].

Пайдо шудани тақвими хурдавестоӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи арзи ҳастӣ кардани касбҳои нав – мунаҷҷимон, математикҳо, физикҳо сухан ронем. Ба ибораи дигар, метавонем дар бораи рушди умуман илм дар ин давра ва пайдо шудани олимони сершумор ҳарф занем.

Бозёфтҳои дар “Дафинаи Амударё” ба даст омада, далели сатҳи баланди рушди ҳунарҳои бадеӣ дар Бохтар мебошанд. Дар ин дафина бостоншиносон ба миқдори зиёд ашёи заргарӣ ва санъати зарробии асосан аз симу зар сохташуда, ҳамагӣ 180 адад ёфтаанд. Гумон меравад, ки аслан шумораи онҳо хеле зиёд будааст. Ҳамчунин ба миқдори зиёд

пулҳои тилло ва нукра ёфт шудааст. Ҳамаи ин тилловариро дар аввал тоҷирони бухороӣ аз аҳолии маҳаллӣ, ки дафинаро соли 1877 дар яке аз маҳалҳои Қабодиён ёфта буданд, харида, ба Ҳиндустон бурданд, ки баъдҳо ин бозёфтҳо ба дасти олимон афтоданд ва мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор гирифтанд [33, с.216].

Предметҳои санъат, ки дар дафина буданд, ба олимон имкон доданд боварии комил ҳосил кунанд, ки дар замони бостонӣ аллакай касбҳои “заргар” ва “зарроб” вуҷуд доштанд ва зимнан дорои сатҳи олии ташкили меҳнат ва касбият буданд, зеро рехтагарию зарробии сиккаҳо аз филиззоти қиматбаҳо аз тайёр кардани тангаҳои мисӣ куллан фарқ дорад.

Баъзе ашёҳои “Дафинаи Амударё”, аз ҷумла сафҳаи тиллоие, ки дар рӯи он сурати барҷастаи одам кашида шуда, либос ва аслиҳаҷоти ӯ бо тамоми ҷузъиёташ тасвир ёфтааст, ҳамчунин аробаи дучарха, бозубанди тилло дар намуди мор ва сари буз, муҷассамаҳои тиллоии ҳайвоноти дигар таҷассуми даҳои бадеии бохтариёни бостон, маҳорати ҳайратовари рассомон–заргарони онҳо мебошад. Ҳамаи ин аз саҳми назарраси моддии халқҳои Осиёи Миёна дар тараққии саноати истихроҷи маъдан ва пайдоиши касбҳои сершумори марбут ба истихроҷ ва коркарди тилло ва сангҳои ороишӣ шаҳодат медиҳад.

“Дар асри IV пеш аз эраи мо дар Осиёи Миёна аслиҳасозӣ ба авҷи тараққӣ расида буд. Сарбозони Осиёи Миёна аз аслиҳаҷоти ҳуҷум бештар ханҷар ва шамшерҳои оҳанӣ ва аҳёнан биринҷиро истифода мебурданд, ки дастаи онҳо аксаран бо нақшу нигори зебо оро дода мешуд. Ханҷарро ба паҳлуи рост меовехтанд. Мардуми Осиёи Миёна ханҷарро бо истилоҳи “карта” ифода мекарданд. Дар баробари ин зоҳиран истилоҳи акинок низ ба кор бурда мешуд. Шамшерҳо хеле калон буда, дарозиашон ба 1,2 метр мерасид. Аксар вақт дар муҳориба табарҳои ҷангӣ - сагарис ба кор медаромад. Баъзе намунаҳои ин қабил

табарҳои ҷангии яктеға ва дутеға дар ҳафриёти гӯрхонаҳои қадимаи Помир ёфт шудаанд” [2, с.115].

Чунин касбу ихтисосҳо, мисли оҳангар, аслиҳасоз тараққӣ меёфтанд, касбҳои низомӣ ва ғайра арзи ҳастӣ менамуданд. Найзаҳои дароз (аршти) бо пайконҳои биринҷӣ ё оҳанӣ, гурз, тиру камон, ки хеле дурзану самарабахш буданд, месохтанд. Бо гузашти замон аслиҳа ва аслиҳасозӣ ба чунин сатҳе мерасад, ки на танҳо аслиҳаи одӣ, балки аслиҳаҳои орододашуда, махсусан ханҷару шамшерҳои мансуб ба табақаи ашроф васеъ паҳн мегардад. Оҳангарони одӣ ба аслиҳасозон табдил меёбанд.

Касби муҳимми дигар дорусозӣ (фарматсевтӣ) буд. “Аз Таҳористон ҳабҳое содир мекарданд, ки аз дорувори тиббии муаттар дар шакли меваҳои мухталиф тайёр карда мешуданд. Ҳамчунин аз ин кишвар рустаниҳои шифобахш ва доруворе ба фурӯш мерафтанд, ки барои аҷнабиён “аҷиб” менамуданд” [2, с.298].

Ба туфайли шароити хуби иқлимӣ дар Осиёи Миёна рустаниҳои гуногуни шифобахш, зироатҳои полезӣ, сабзавот парвариш мекарданд ва аз онҳо дорую давои хушсифати аз лиҳози экологӣ тоза месохтанд. Ҳамин тариқ, касбу ҳунарҳое пайдо шуданд, ки намояндагони онҳо дар ин давра ҳунарҳои зеринро тараққӣ доданд: рустанипарварӣ, боғдорӣ, полезкорӣ, сабзавоткорӣ, ихтисоси дорусоз – гиёҳшинос, ки рустаниҳои шифобахшро ҷамъоварӣ, коркард ва нигоҳдорӣ мекард, мутахассис оид ба омода сохтани дорую дармон, табиб ва касбҳои дигар ба вуҷуд омаданд.

Натиҷаҳои ҳафриёти бостоншиносӣ дар масканҳои шаҳрии бостонии Тохаристон, ки олимони бостоншинос М.Е.Массон, Л.И. Албаум, В.А.Нилсон гузарониданд, нишон доданд, ки дар давраи мавриди тадқиқ ғайр аз касбу ҳунарҳои мазкур меъморӣ ва сохтмон хеле тараққӣ ёфта буданд. Дар ин бобат қисмҳои боқимондаи коху қасрҳо, бурҷҳо, осори боқимондаи деворнигораҳо, равоқҳо ва гунбазҳо, ки

асосан аз похса ва хишт сохта шудаанд, шаҳодат медиҳанд. Аз ин ҷо, ба хулоса омадан мумкин аст, дар ин минтақа аллакай ҳамон вақт намояндагони чунин касбҳо мисли меъмор, муҳандис, рассом, рангзан, устоҳое, ки деворҳои баландиаш гуногунро сохта метавонистанд, наққошони мутахассиси девornигориҳо, кошинкорон ва ғайра зиндагию кор мекарданд [108, с. 28].

Сайёҳоне, ки дар асрҳои VI-VII ба Суғд омада буданд, ин сарзаминро чунин тавсиф кардаанд: “Иқлимаш гарм, ба парвариши зироатҳои ғалладонагӣ мусоид. Аҳолӣ бештар ба ҷорводорию полезкорӣ машғуланд. Долу дарахт нағз месабзад. Асбу шутур ва маркаб зиёд аст. Токпарварӣ яке аз соҳаҳои пешбари кишоварзӣ мебошад” [2, с. 320]. Дар Панҷакент чорхиште ёфт шуд. Чорхишт чуқуриест, ки дар тагаш новачае дорад. Дар паҳлӯи ҷуқурӣ боз як хандақча мекананд, ки он бо новае ба чуқурӣ пайваста аст. Девораҳои чуқурӣ ва хандақчаро бо гаҷ андова мекунанд. Мумкин аст дар таги хандақча тахта ҳам мечиданд, баъд ба болои он янтоқи сабз меандохтанд ва ба болои янтоқ ангур рехта онро фишор медоданд. Оби ангур дар натиҷаи фишор аз байни янтоқ мегузашту ба воситаи новача ба чуқурӣ мерехт. Пас аз он ки оби ангур дар чуқурӣ таҳнишин мешуд, онро гирифта ба хумҳо меандохтанд. Чорхиштҳои ҳозираи тоҷикон низ маҳз чунин сохтор дорад. Мансаби шаробдор вуҷуд дошт [24, с.188].

Дар ин нақли таърихӣ технологияи истеҳсоли шароб дар Суғд дар асрҳои VI-VII тавсиф шудааст. Дар раванди истеҳсоли шароб намояндагони касбу ихтисосҳои мухталиф иштирок карда, таҷрибаи технологии худро оид ба шаробкашӣ ба насли оянда меомӯзонданд. Ҳамин тариқ, дар давраи мавриди тадқиқ дар Суғд на танҳо касбу ҳунарҳои токпарварӣ, ҷамъоварию нигоҳдорӣ ва фурӯши ҳосил, балки аз ангур истеҳсол кардани навъҳои мухталифи шароб низ васеъ паҳн шуда буданд. Касбҳои боғдорӣ, обмонӣ, ҳаммолӣ, шаробдорӣ аз он ҷумла буданд. Раванди технологии кори чорхишт, ки дар давоми қарнҳо дар

бисёр мамлакатҳои ҷаҳон мавриди истифода қарор гирифта буд, аҳамияти махсуси илмӣ–назариявӣ ва амалӣ дорад.

“Бо вуҷуди либоси фохира пӯшидани ашрофи Осиёи Миёна қисми зиёди аҳолӣ дар ҳаёти рӯзмарра газворҳои пахтагиро истифода мебурд. Дар ин бора миқдори зиёди порчаҳои матоъҳои пахтагин, ки дар кӯҳи Муғ ёфт шудаанд, шаҳодат медиҳад. Сабабаш дар он буд, ки либоси пахтагин намкашии зиёд дорад ва ба шароити иқлимии Осиёи Миёна мутобиқ мебошад” [28, с.264].

Дар байни бозёфтҳо аз қалъаи кӯҳи Муғ матоъҳои абрешимии гуногунсифат низ ба даст омаданд ва, чи тавре ки Г.М.Майдинова таъкид мекунад, ин матоҳои абрешимӣ, бе ҳеҷ шакку шубҳа, дар устохонаҳои бофандагие истеҳсол шудаанд, ки ба фурӯш ба берун аз ҳудуди Суғд ва барои либоси табақаҳои ашроф матоъ истеҳсол мекарданд. Ин матоъҳо ба навъи абрешими маъруфи “занданиҷӣ” мансуб буданд ва ба онҳо монанд матоъҳо дар деворнигориҳои тохаристонӣ ва суғдӣ инъикос ёфтаанд. Дар деворнигориҳои Афросиёб, дар Панҷакент миқдори аз ҳама зиёди либосҳои аз чунин абрешим дӯхта ба мушоҳида мерасад. Танҳо дар як маврид либос пурра аз матои “занданиҷӣ” дӯхта шудааст [102, с.41].

Бешубҳа дар ҳаёти инсон либос ҷои махсусро ишғол мекунад. Алҳол низ дар одамон шавқу рағбати рафънопазири дар назари дигарон зеботар намудан вуҷуд дорад, баъзе ашхоси олуфтаи мӯдпараст ба либосҳои мӯднок маблағҳои ҳангуфт сарф мекунанд. Дар он замон дар Суғд либосро асосан аз пахта, абрешим ва пашм медӯхтанд. Мардуми одӣ, маъмулан, матоъҳои нисбатан арзони пахтагиро истифода мебурданд, матоъҳои нисбатан қимати абрешимӣ барои ашроф ва барои содирот ба мамлакатҳои ҳамсоя ба кор мерафт. Матои пашмӣ низ ба хориҷи кишвар содир мешуд. Аз матои пашмӣ ҳамчунин барои аъёну ашроф ва сокинони минтақаҳои баландкӯҳ либос медӯхтанд. Либосдӯзӣ боиси пайдо шудани як қатор касбҳо, аз қабили буранда, дӯзанда, хайёт

гардид. Зимнан гуфтан лозим аст, ки ин касбҳо имрӯз низ касбҳои аз ҳама паҳншуда мебошанд.

“Суғдиён, - менависад И.Б.Бентович, - чармгариро нағз медонистанд. Мешии хушсифати оличаноб ба ҷои коғаз мерафт. Чарми зардчатоби тунук рӯкаши сипари чӯбин гардидааст. Пораҳои қуттичаҳои чӯбин ҳам бо чарми сиёҳи заррингул рӯкаш шудааст. Сарпӯши сабади чоркунҷа ҳам як қабат чарми ранга дорад. Мӯзае ҷолиби диққат аст. Дӯхти он айнан дӯхти ҳамон муккиҳост, ки дар кӯҳистон тоҷикони имрӯза мепӯшанд” [20, с.362]. Аз мӯҳтавои иқтибоси боло маълум мегардад, ки суғдиён пӯсти даббоғишударо танҳо барои дӯхтани либос истифода намебурданд. Пӯст барои хатнависӣ масолеҳи хуб ба ҳисоб мерафт, онро ба рӯи сипар ба мақсади мустаҳкам кардани он мекашиданд, ҳамчун рӯкаши маснуоти заргарӣ (ҷаъбаю қуттиҳои мухталиф), сарпӯши сабадҳо истифода мебурданд, дар ноҳияҳои кӯҳистон аз он пойафзол медӯхтанд. Устоёни даббоғ, заргарон, устоён оид ба коркарди пӯсти хом, устоёни рангзани пӯст, мӯзадӯзон, бофандагон, хайётон, чармбуррон ва дӯзандагони маснуоти чармӣ бо пӯст кор мекарданд.

“Ривоҷи ҳунармандӣ, алалхусус, ривоҷи ҳунармандӣ дар шаҳр боиси равнақи ҳам савдои дохилӣ ва ҳам савдои хориҷӣ гардид. Якчанд маъхазҳо менависанд, ки суғдиён дар тиҷорат “маҳорат” доранд. Таълими бача аз панҷсолагӣ сар шуда, аввал савод меомӯхтанд, сипас, баъди ба синни муайяни балоғат расидан ба онҳо тиҷоратро ёд медоданд. Ҷавонон бистсола барои тиҷорат ба мамлкатҳои хориҷа мерафтанд. Маъхазҳо хабар медиҳанд, ки умуман “аксари мардум ба фоида рағбати зӯр доранд” [39, с. 310].

Лозим ба қайд аст, ки афзоиши мунтазами истеҳсоли маҳсулоти мухталиф дар Суғд зарурати фурӯши онро ба миён меовард, бинобар ин барои суғдиён дар ҳама давру замон тиҷорат санъати махсусе ба шумор мерафт, ки аз тоҷир кордонӣ, зиракию фиросатро талаб мекард. Ба

туфайли ин сифатҳо дар Суғд тиҷорати дохилию хориҷӣ бомуваффақият рушд мекард. Ба рушди тиҷорат омилҳои зерин низ таъсири мусбат мерасониданд:

1) Шоҳроҳи абрешим, ки аз Осиёи Миёна мегузашт.

2) Худи суғдиён тоҷирони бомаҳорат буда, ин касбро ба кӯдакон ёд медоданд, ба онҳо таҷрибаи тиҷоратро меомӯхтанд.

Бо тараққии тиҷорати дохилию хориҷӣ касбу ҳунарҳои марбут ба тиҷорат, аз қабили хариду фурӯш, ҷаллобӣ ба мақсади ба даст овардани фоида ва васеъ намудани тиҷорат инкишоф меёбад. Намояндагони ҳунар моли худро асосан яклухт мефурӯхтанд, тоҷирон бошанд, онро ба савдои чакана бароварда фоида мегирифтанд. Ба ин касбҳою ихтисосҳо, ки бо тиҷорат марбут буданд, дар ин давра ашхоси зеринро мансуб донистан мумкин аст: яклухтфурӯшон, дӯкондорон, тоҷирони растаи муайяни тиҷоратӣ: гӯштфурӯшон, нонфурӯшону нонпазон, матоъфурӯшон, кафшфурӯшон, либосфурӯшон, қаннодону фурӯшандагони маҳсулоти қаннодӣ, ҷавоҳирфурӯшон, чорвофурӯшон (молфурӯшон), фурӯшандагони меваи хушк ва ғайра.

Саргиракҳои тӯрӣ, ки аз ресмони пахтагӣ бофта мешуданд, махсусан ҷолиби диққат аст. Саргиракҳои мазкур осори бағоят аҷибу олисифат ва беҳамтою бесобиқаи санъати тӯрбофии Осиёи Миёна мебошанд.

Намояндагони ҳунари тӯрбофӣ, дурусттараш санъати тӯрбофӣ дар суғдиён на танҳо саргиракҳои тӯрӣ, қисмҳои либос, асбоби рӯзгор, балки асарҳои санъат – тасвири манзараҳо, мавсимҳои сол, паррандаҳо, ноҳияҳои алоҳидаи шаҳрҳо ва ғайраро мебофтанд. Бо ин касб устоёни ресмонрес ё ресандагони ресмонҳои пахтагӣ, абрешимӣ, пашмӣ, устоҳои сабадбоф, наққошони ба тӯр гулпарто, устоҳои ба маҳсулоти тайёр рангмолонда ва ғайра бо муваффақият машғул мешуданд.

Сарпӯшу сабадҳо ва дигар маҳсулоти бофандагии то рӯзҳои мо аз замон боқимонда хеле ҷолиби диққатанд. Онҳо хеле бодиққат иҷро

шудаанд ва аз рӯи техникаи бофандагию шакл маснуоти бофандагии тоҷикони Помирро ба хотир меоранд. Маснуоти чӯбин, аз ҷумла табақ, тугма, бол, қошуқ, чанбара ва ғайраро махсус номбар кардан лозим аст.

Осори санъати тасвирӣ аз Панҷакенти қадим, Варахша ва Самарқанд ёфт шудааст. Дар Паҷакент дар 60 хона деворнигора ба мушоҳида расиданд. Ин шумораи зиёд нишон медиҳад, ки одати ороиши деворҳои хона дар байни суғдиён то чӣ андоза маъмул будааст, ҳол он ки то ба рӯзҳои мо аз он санъати бузурги ороиш фақат резаҳое омада расидаанд [2, с.347].

То рӯзҳои мо намунаҳои ҳайкалҳои монументалии гилӣ боқӣ мондаанд, ки дар онҳо ҳайвоноти тахайюлӣ, моҳиҳо, фигураҳои одаммонанд тасвир шудаанд. Боқимондаҳои деворнигориҳо ва ҳайкалҳои гилӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар ин давра намояндагони халқҳое, ки дар ин минтақа маскун буданд, санъати монументалиро ба авҷи тараққӣ расонидаанд. Дар асоси ёдгориҳои мазкур метавон дар бораи мавҷудияти чунин касбу ихтисосҳо, аз қабили рассом, меъмор, ҳайкалтарош, мусиқанавозон, ромишгарон, овозхонон, раққосон, нависандагон ва дигар намояндагони фарҳанги халқи тоҷик сухан ронд.

Омӯзиш ва таҳлили ҳаёту фаъолияти халқҳои Осиёи Марказӣ дар ҳайати хилофати араб нишон медиҳад, ки миқдори касбҳо зиёд гардид ва баъзе касбҳо таҳти таъмири ислом ва ба сабаби кушода шудани муассисаҳои сершумори таълимӣ-тарбиявӣ такмил ёфтанд. Рушди илму фарҳанг дар давраи Эҳёи Шарқ ба пайдоиши касбҳои нав ва такмили касбҳои мавҷуда таъсири назаррас расонид. Аввалин ғояҳои педагогӣ, нуқтаи назарҳо, назарияи тайёр кардани насли наврас ба ҳаёту меҳнат бо роҳи ба кӯдакон ёд додани ин ё он касб арзи ҳастӣ карданд.

Дар ин давра касбҳои марбут бо деҳқонӣ, хоҷагии шаҳр, ҳунарҳо, андозбандӣ, сарбозии ихтиёрӣ, кишоварзӣ, саноати кӯҳӣ, иқтисодиёт, молшиносӣ, содироту воридот, бофандагӣ, қолинбофӣ, кулолгарӣ, саффорӣ, чорводорӣ, истеҳсоли қалъагӣ ва оҳан, кори ҳарбӣ ва санъати

ҳарб, сабзавотпарварӣ, боғдорӣ, рассомӣ, адабиёт, илм, шишагарӣ, нақшу нигор, хоҷагии хонаводагӣ, истеҳсоли коғаз, меъморӣ, сохтмон (андовагар, дуредгар, рангмол), ихтироъкорӣ инкишоф ёфтанд.

“Дар асри VII арабҳо як қатор мамлакатҳои Осиёи Пеш ва Африқои Шимолиро забт карда, давлати феодалӣ-теократӣ халифат ташкил карданд, ки он тамоми мамлакатҳои истилоъгардидаро муттаҳид сохт. Маркази халифат шаҳри Димишқ буд. Минбаъд таҳти байрақи ислом арабҳо Арманистон, Эрон, Осиёи Марказӣ, шимолу ғарбии Ҳиндустон ва Андалусияро забт карданд.

“Дар асрҳои IX-X, мисли давраи пеш, яке аз вазифаҳои ҳокимияти давлатӣ дар воҳаҳои зироаткории Осиёи Миёна ташкили муҳофизат аз ҳуҷуми кӯчманчиён буд. Дар ин давра, ба мақсади мазкур гурӯҳҳо ё дастаҳои махсуси мусаллаҳи ихтиёриён ташкил карда мешуданд, ки номашон ғозиён – муборизони роҳи дин буд. Ба сафи ғозиён аксаран заминдорон ва ҳзунармандони хонахаробшуда дохил мешуданд. Онҳо одамоне буданд, ки ҷангу муҳорибаро ба худ ихтисос карда буданд, бинобар ин ғозиёнро ба он минтақаҳое мефиристоданд, ки дар он ҷойҳо муҳорибаҳо бо “кофирон” ба амал меомаданд” [191, с.43].

Дар ин давра, ғайр аз касбҳое, ки дар боло зикр кардем, касбҳои нави вобаста ба дини ислом ба вуҷуд омаданд: Ғозиён муборизони ихтиёрии мусаллаҳ баҳри ривоҷи дин, таҳкими он, ашхоси мубаллиғе, ки гурӯҳ-гурӯҳ ба маҳалҳои аҳолинишин рафта, мушрикону кофиронро ба қабули ислом тарғибу ташвиқ мекарданд; котибон – дабирон, ки ба нусхабардории китоби муқаддаси мусулмонон “Қуръон” иштиғол меварзиданд, саҳҳофон, ҷорчиён, муаззинҳо, ки рӯзе панҷ бор мусулмононро ба намоз даъват мекарданд, муаллимон, ки ба фарзандони аҳли ислом хондану навиштанро ёд медоданд ва ғайра.

Дар Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-X кишоварзию саноати кӯҳӣ ва ҳунармандӣ чунон равнақ пайдо карданд, ки баъзе ноҳияҳои алоҳидаи мамлакат ба истеҳсоли маҳсулоти алоҳида тахассус пайдо

мекарданд. Хели молҳое, ки аз Мовароуннаҳр ба дигар мамлакатҳо содир мегардиданд, далели возеҳи сатҳи баланди иқтисодиёти мамлакат дар асри X мебошад.

“Дар давраи Сомониён шаҳрҳои Осиёи Миёна ба марказҳои рушди ҳунармандию тиҷорат табдил ёфтанд. Маҳз дар ҳамин давра ҳунармандони чирадаст, рассомони моницалам, шоирону олимон дар шаҳрҳо гирд омаданд” [199, с.59].

Ба туфайли давлати муттаҳиду пуриқтидори Сомониён кишоварзӣ, чорвопарварӣ, ҳунару тиҷорат, фарҳангу илм ба сатҳи нав, нисбатан баланд баромад. Як зумра мутафаккирон, олимон, файласуфон, математикҳо, ситорашиносон, табибон – Рӯдакӣ, Форобӣ, Сино, Берунӣ ва дигарон арзи ҳастӣ намуданд, ки маҳз эҷодиёти онҳо давраи Сомониёро, ки қарнҳои IX-XIII-ро дарбар мегирад, ба давраи Эҳёи Аҷам ё Эҳёи Шарқ табдил дод. Ҳамаи касбҳое, ки дар он замон вуҷуд доштанд, ба дараҷаи нави инкишоф мебароянд. Дар поён баъзеи онҳоро тавсиф мекунем.

“Дар асрҳои IX-X шишагарони Осиёи Миёна усули бо роҳи дамидан истеҳсол намудани зарфҳои тунукро комилан аз худ карда, тамоми нозукиҳои онро кор мефармуданд” [37, с.65]. Шишагарӣ ва касбҳои марбут ба он яке аз касбҳои ояндадори давраи Сомониён ба ҳисоб мерафт. Онҳо, яъне шишагарон бо роҳи дамидан аз массаи часпак шишаҳои хеле борик ва шишаҳои тиреза истеҳсод мекарданд. Аз шишаҳои борик устоҳо зарф, ороишот ва ғайра месохтанд. Шишаҳои тиреза дар манзили шаҳриёни бой истифода мешуд. Ба ин кор шишагарон, устоҳое, ки регро ба массаи часпак табдил медоданд, рассомон, мусаввирон, меъморон ва дигарон машғул мешуданд.

“Кулолгарони асрҳои IX-X сирҳои гуногунро тайёр карда метавонистанд. Дар он давра аввал сири ишқориро ба кор мебурданд, баъд сири баландсифати сурбӣ афзалият пайдо кард. Талабот ба зарфҳои

сирдор хеле калон буд ва бинобар ин чунин зарфҳоро бисёр истеҳсол мекарданд” [131, с.66].

Ҳунари кулолгарӣ дар давраи Сомониён яке аз ҳунарҳои паҳншудатарин буд. Кулолгарон баъди бо истифода аз сири ишқорӣ ва сурбӣ, аз сафолот ва сир кӯза, хум (зарфҳои калон барои об, шароб, ғалладона), шамъдонҳо истеҳсол мекарданд, онҳоро бо нақшу нигор ва катибаҳо ороиш медоданд. Масалан: “Аввали илм доимо талх асту анҷомаш ширин”. Дар истеҳсолоти сафолот устоҳои мухталиф, аз ҷумла устои интихобкунанда ва тайёркунандаи лой, рангмолон – наққошон, ки ба сафоли маснуот нақш мезаданд, устоёни гулпарто, устоёне, ки зарфҳои сафолиро мехушкониданд, ҳаммолони зарфҳои сафолӣ ва дигарон меҳнат мекарданд.

“Дар давоми мӯҳлати тӯлонӣ Самарқанд (нимаи дувуми қарни VIII ва аввали асри X) тамоми хилофати арабро бо коғаз таъмин мекард. Маҳз дар корхонаҳои ҳамин шаҳр коғази латтагӣ тайёр карда мешуд, ки онро коғази самарқандӣ (баъзан хуросонӣ) меномиданд.

Номи шаш навъи ин гуна коғаз маълуманд. Дар асри X тарзи тайёр кардани коғаз ошкор карда шуда, дар дигар ҷойҳо берун аз хоки Осиёи Миёна, то худи Сурия паҳн мешавад. Пас аз асри X ҳам Самарқанд ҷои асосии истеҳсоли коғаз буд. Ал-Хоразмӣ ҳазломез менависад, ки яке аз дӯстонаш ба вай хат наменависад, зеро хонааш аз Самарқанд дур аст ва коғаз ба вай басо гарон меафтад” [199, с.363].

Бо вуҷуди ин ҳаёти косибон хеле вазнин буд. Шоири арабизабони тоҷик Абуҳатими Варроқ, ки касби коғазсозӣ дошт, дар поёни умри худ баъди 50 соли коғазсозӣ кардан бо дарду алам аз нодорӣ ва бенавоӣ шикваҳо карда гуфтааст:

*Зи варроқӣ, ки шуғли пасту ночиз аст,*
*Надорам рӯзгори хуш, забунбахтам.*
*Агар зистам чу муфлис бенаво зистам,*
*В-агар мурдам, ҳамоно бекафан рафтам.*[38, с.85].

Ҳунари дигарро ҳунари коғазбарорӣ номидан мумкин аст, зеро дар Самарқанд намояндагони бисёр касбу ҳунарҳо бо истеҳсоли коғаз машғул буданд ва ин шаҳр, шаҳри ягонаи таҳвилгари коғаз ба шумор мерафт. Барои истеҳсоли шаш навъи коғаз меҳнати дастиҷамъонаи намояндагони касбҳои гуногун тақозо мегардид, аз ҷумла барои истеҳсол, банду баст кардани он, ба фурӯш баровардан ва ғайра.

“Коху қасрҳо, корвонсаройҳо ва биноҳои тиҷоратӣ, масҷид, мадраса сохта мешуданд. Масолеҳи асосии сохтмон лои похса ва хишти хом буд” [191, с.70]. Ҳамаи иншооти мазкур ба туфайли меъмор, ҳайкалтарош, дуредгар, андовагар, рангмол, рассом, мусаввир, похсазан сохта мешуд, ки ба онҳо даҳбошӣ, панҷоҳбошӣ, садбошӣ, ҳазорбошӣ ва дигарон роҳбарӣ мекарданд.

“Дар санъати тасвирии шаҳрҳо мақоми асосиро ҳайкалтарошию рассомӣ ишғол мекард. Устоёни махсус буданд, ки аз чӯб, филиз, гил ва гаҷ тасвири хеле баландсифати одамон, ҳайвонот, дигар намояндагони олами зинда, мавҷудоти тахайюлӣ иҷро менамуданд” [198, с.75]. Дар ин бобат бисёр асарҳои меъморӣ, ҳайкалшиносӣ ва рассомӣ, ҳамчунин унсурҳои маишӣ, либос ва ғайра шаҳодат медиҳанд. Онҳо исбот менамоянд, ки дар ин давраи таърихӣ дар Осиёи Миёна намояндагони ихтисосҳои мухталиф, ки бо касбҳои дар боло зикргардида, алоқаманд буданд, зиндагӣ мекарданд, фаъолият мебурданд, осорашонро ба мо ба мерос гузоштаанд.

## 1.2. Рушди касбҳо ва корҳои касбинтихобкунӣ дар асрҳои миёна

Дар ин фасли кори илмӣ намояндагони адабиёти форсу тоҷик, олимону мутафаккирони маъруфи асрҳои IX-XIII-ро мо на аз нуқтаи назари эҷодиёти онҳо муаррифӣ мекунем, балки кӯшиш ба харҷ медиҳем то онҳоро дар зиндагии рӯзмарра тасвир намоем. Касбу ҳунари онҳоро нишон дода, абёт, ашъор, рубиҳоеро, ки дар онҳо зарурати омӯзиши касбу ҳунар таъкид гардидааст, мавриди таҳлил қарор диҳем. Он нуқта низ муҳим аст, ки шоирон, носирон, файласуфон, олимон, мутафаккирон ғайр аз илм, фалсафаю назм, ҳамчунин дорои касбу ҳунарҳои ба атрофиён зарурӣ буданд. Масалан, баъзеи онҳо кулолгарӣ, рассомӣ, бофандагӣ мекарданд, баъзеи дигарашон оҳангари моҳир буданд. Ба ибораи дигар, онҳо дар амал дурустии зарбулмасали "Ба як ҷавон 40 ҳунар кам"-ро исбот кардаанд.

"Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар нимаи қарни IX дар деҳаи Панҷруд (дар наздикии Панҷакент) дар оилаи кишоварз чашм ба олам кушодааст. Дар ҷавонӣ Рӯдакӣ ба туфайли овози хуш, маҳорати шоирӣ ва истеъдоди фавқулодаи чангзанӣ маъруфият пайдо кард. Ба дарбор, ки қисми зиёди ҳаёти шоир дар он ҷо гузаштааст, ӯро ҳокими давр Насри II ибн Аҳмади Сомонӣ даъват кардааст" [38, с.52].

Дар ин шеър Рӯдакӣ таъкид кардааст, ки илму дониш ва ақлу хирад баландтару боқадртар аз сарвату молу мулк ва таносоӣ аст.

"Бузургтарин шоири ин давра Абулқосими Фирдавсӣ байни солҳои 934 - 44 дар деҳаи Божи наздикии Тӯс дар оилаи ашрофи миёнаҳол таваллуд ёфта, маълумоти барои замонаи худ хеле хуб гирифтааст" [191, с.99]. Абулқосим Фирдавсӣ муаллифи асари оламшумули "Шоҳнома" мебошад. Мутафаккири бузург Фирдавсӣ дар асараш ҳамаи касбу ҳунарҳои дар он замон мавҷударо номбар кардааст ва бо итминони комил метавон гуфт, ки бо ин кораш ӯ низоми ба худ хоси касбҳо ва кори касбиро ба вуҷуд овардааст.

Абулқосим Фирдавсӣ аз номи яке аз қаҳрамонони асар - Ҳушанг касбҳо, моҳияту вазифаҳон онҳо, мундариҷаю аҳамияти касбу ҳунарҳои мазкурро дар ҳаёти инсон ва роҳҳои аз худ кардани онҳоро зикр кардааст. Дар оғоз ӯ касби геологро тавсиф мекунад, ки дар кӯҳ ҷинси зарурӣ – маъдани оҳанро ёфта аз он филизи оҳанро ҳосил кард. Устои оҳангар аз он асбобу абзори зарурӣ сохт. Дар иртибот бо оҳан метавон як қатор касбу ихтисосҳоро номбар кард.

Сипас Фирдавсӣ Ҳушангро васф мекунад, ки ба киштзор оби дарёро баровард, заминро шудгор намуда дона пошид, ҳосилро ҷамъоварӣ карда, ба одамон кишоварзиро омӯхт. Шоир чунин ихтисосҳо, аз қабили обмон, деҳқон, нонво, мутахассисони даббоғату коркарди пӯст ва ғайраро тавсиф мекунад.

Фирдавсӣ баъдан тавсиф менамояд, ки чи тавр Ҳушанг ҳайвоноти ваҳшӣ - гӯсфанд, гов, буз, хар, буққа, асбро баҳри манфиати инсон ром карду аҳлӣ гардонид. Дар иртибот бо ин мавзӯъ шоир касбҳои ромкунанда, чорводор, шубон, зироаткор, шахси парваришкунандаю тайёркунандаи хӯроки чорво, қассоб, даббоғ ва дӯзандаи либосро аз пӯсти ҳайвонотро тасвир кардааст.

Дар фасли ба хукмронии Таҳмурас бахшидааш Фирдавсӣ дар бораи пайдо шудани касбҳои дигар сухан рондааст. Дар ин фасл Фирдавсӣ шоҳи хирадманди ҷавон Таҳмурасро тасвир кардааст, ки ба туфайли ақлу донишаш ба халқ касби чорвопарвариро ёд дод. Чорвопарварон аз пашму пӯсти гӯсфанду барраҳо ресидани ресмони пашмӣ ва дӯхтани либосу қолинбофиро ёд гирифтанд. Ҳамчунин барои хӯроки чорво парвариш кардани зироатҳои гуногунро ихтироъ карданд, ҳайвоноти ваҳширо ром карданд, бозу шоҳинҳои кушодаболро ром карда, ба онҳо шикорро омӯхтанд [191, с.22].

Сипас сухан дар бораи кашф, коркард ва истифодаи филизу сангҳои қиматбаҳо – тилло, нуқра, мис, лаълу гавҳар, ҳамчунин маводи

шифобахш - кофур, марҳам, мушк, анбар, сабр, маърифати санъати табобати беморон, тайёр кардани дору, даво меравад.

Ҳамин тариқ, ба хулоса расидан мумкин аст, ки дар ин давра дар баробари касбҳои мазкур, ихтисосҳои нав – доруфурӯш, табиб арзи ҳастӣ карда, илми тибб рушд ёфтааст.

Абӯалӣ ибни Сино (Авитсенна) соли 980 дар деҳаи Афшина (дар ноҳияи Бухоро) дар оилаи мансабдори яке аз девонҳои Сомониён таваллуд ёфтааст. Мо маъмулан Абӯалӣ ибни Синоро чун табиби бузург мешиносем. Ҳамзамон Сино оид ба як қатор илмҳои дигар, аз ҷумла математика, ахтаршиносӣ, химия, физика, мусиқӣ, психология, мантиқ, фалсафа табаҳҳур ва дониши чуқур дошт. Ӯ ба мо дар бораи касбу ихтисосҳои алоқаманд бо тибби илмӣ, тибби амалӣ (муолиҷа), илми ташхис, психологияи тиббӣ, истифодаи донишҳои математикӣ, ахтаршиносӣ, химиявӣ, физикӣ, фалсафӣ дар тибб мероси гаронбаҳо гузоштааст.

Носири Хисрав (солҳои 1004-1088) дар Қабодиён таваллуд ёфтааст. Аз овони кӯдакӣ ӯ илмҳои мухталиф, махсусан адабиёт, масъалаҳои мазҳабию динӣ мароқ зоҳир кардааст. Дар ҷавонӣ Носири Хисрав бо ҳаёти дарбори султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва султон Масъуди Ғазнавӣ шинос шуда, як муддат дар дарбори Салҷуқиён ба ҳайси амалдори бахши молияю андоз амал мекунад ва сипас ба саёҳати дунё мебарояд [123, с.163]. Дар тарҷумаи ҳоли Носири Хисрав нуктаи муҳимме марбутан ба молия ва сиёсати молиявии давлати Салҷуқиён мавҷуд аст. Маълум мегардад, ки аллакай дар ин марҳила чунин касбҳо, аз қабили молияшинос, муҳосиб, хазинадор ва ғайра вуҷуд доштаанд.

Носири Хисрав баъди тавсифи ҳунарманд - косиб аз шаҳр ба деҳот мегузарад ва дар рафти тавсифи деҳқон ба алоқаи зичи косиб ва деҳқон ишора намуда, меҳнати деҳқонро меҳнати бостонии одам меномад. Шоир зироаткорӣ ва ашхосеро, ки дар деҳот кор мекунанд, васф менамояд: ӯ меҳнати барзгарро, ки ҳосили ояндаи ғалла аз вай вобаста

аст, меҳнати чорвопарварро, ки на танҳо ҳайвоноти хонагиро парвариш мекунад, балки ҳайвоноту паррандаҳои ваҳширо ром менамояд, меҳнати деҳқонро, ки бо меҳнати худ ҳар сол ганҷинае кашф менамояд, боғи ӯ – хӯронандаи "безабон"-и одамон, ҳайвонот ва парандагон мебошад, таърифу тавсиф менамояд. Дасткушодӣ, хоксорӣ, некахлоқии барзгаронро таъриф карда, шоир ӯро калиди ҳастӣ, манбаю мабдаи инсоният мешуморад [123, с.10].

Дар соҳаи этика Носири Хисрав ахлоқи деҳқонону косибонро ҳимоя мекунад. "Дар ҷаҳон аз ҳунарманд дида, хушбахттар касе нест, мегӯяд мутафаккир. Дар бораи деҳқон мегӯяд:

*Беҳин халлоқи олам деҳқон аст,*

*Аз ӯ гоҳ заръ, гоҳе бӯстон аст*" [124 с.155].

Носири Хисрав на танҳо намояндагони касбу ҳунарҳои одӣ, меҳнати онҳо, натиҷаи фаъолияти меҳнатии онҳоро таърифу ситоиш мекунад, ӯ ахлоқи одии инсонӣ, хоксорию рафтори неки инсонро ҳифз ва ҷонибдорӣ менамояд. Ҳамаи нуктаҳои мазкурро Носири Хисрав ба ҳайси мисол, намунаи ибрат барои дигар табақаҳои аҳолӣ зикр мекунад. Ба суханони дигар, ӯ дар мисоли ҳаёту фаъолияти намояндагони дигар касбу ихтисос ба насли наврас таълим медиҳад, онҳоро тарбия мекунад, ба ташаккули ҷаҳонбиниашон таъсир мерасонад.

Дар абёти боло мутафаккир ҳолату фаъолияти косибро тавсиф намуда, ӯро на шоҳу на ғулом, балки одами озод меномад, меҳнати ӯро, тарзи зиндагонии на он қадар сарватмандона, вале хушбахт ва истироҳати бофароғати косибро баъди меҳнати рӯзона, муносибати хуби ӯро ба ҳамсару аҳли байт, равони неку хоби ширин, сифатҳои мусбату ҳамидаи инсонии ӯ – меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ, шодию нишоти ӯро ситоиш мекунад. Ин тавсифномаро профессиограммаи косибон номидан мумкин аст, ки дар он замон оҳангарону сартарошон, бофандагону бинокорон, дуредгарону заргарон, табибону нонпазон, ошпазону қассобон аз ҷумлаи онҳо ба шумор мерафтанд. Ҳамин тариқ, мутафаккир

дар мисоли косиб низоми томи касбу ихтисосҳои шаҳрию деҳотии замони худро тавсиф кардааст.

“Умари Хайём (1048-1131) дар Нишопур таваллуд ёфта, таҳсилашро дар ҳамин шаҳр ба охир расонида, яке аз бузургтарин олимони асри XI гардид. Умари Хайём муаллифи як қатор асарҳои илмӣ дар соҳаи ахтаршиносӣ, математика, фалсафа ва илмҳои дигар мебошад. Дар давраи ҳукмронии Маликшоҳи Салҷуқӣ ӯ бо як гурӯҳ ахтаршиносони дигар баислоҳи тақвим роҳбарӣ кардааст” [121, с.165]. Фарзия мавҷуд аст, ки Хайём писари бофанда ва чодар-хаймадӯзи нишопурӣ буд.

“Солҳои 70-ум Хайём дар Самарқанд зиндагӣ карда, ба тадрис машғул будааст. Сипас ӯ ба Бухоро кӯч бастааст. Соли 1074 дар Исфаҳон ба мансаби нодими (мушовири) Маликшоҳ расидааст. Дар Исфаҳон бошад Хайём роҳбари расадхона таъин мегардад”.

Ҳаёт, фаъолият, кашфиёти бузург, ғояҳои фалсафию илмии мутафаккири барҷаста Умари Хайёмро омӯзгорон, роҳбарони синф, падару модарон ва ҳамаи ашхосе, ки оид ба касбинтихобкунии насли наврас кор мекунанд, бояд ба ҳайси пойгоҳи назарию илмии чунин касбҳо, мисли ахтаршиносон, геолог, бостоншинос, мударрис, ҷавоҳиршинос, математик, обуҳавосанҷ, уқёнусшинос ва ғайра мавриди истифода қарор диҳанд.

“Қобуснома” асари этикию ахлоқие мебошад, ки масъалаҳои муҳимтарини тарбияю ахлоқро дарбар мегирад. Китоб дар жанри панду ахлоқ ё андарз навишта шудааст ва ҳикояҳоеро фаро гирифтааст, ки услубан хеле сода буда, хеле мароқовар навишта шудаанд. Асари панду ахлоқии “Қобуснома”-ро соли 1082-83 Унсуралмаолии Кайковус барои фарзанди худ Гелоншоҳ таълиф кардааст. “Қобуснома” аз 44 боб ва 56 ҳикоя иборат аст, ки дар онҳо тарзи рафтор, вазъиятҳои мухталифи ҳаётӣ тавсиф шудааст. [21, с.4].

Дар боби бисту ҳафтуми китоб “Андар фарзанд парвардан ва оини он” Унсуралмаолӣ дар бораи пешаҳо ё касбҳо менависад: “Ҳунар дигар асту пеша дигар. Аммо аз рӯи ҳақиқат наздики ман пеша бузургтарин ҳунарест ва агар фарзандони мӯҳташамон сад пеша донанд, чун ба касб накунанд айбе нест, балки ҳунар аст, ҳар яке рӯзе ба кор ояд” [21, с.61]. Сипас муаллиф ривоятеро меорад, ки тибқи он яке аз қаҳрамонони асотирии халқҳои эронӣ бо номи Гуштосп, ки исмаш дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ мазкур аст, баъди аз тахту тоҷ маҳрум шудан ба Қустантания рафт. Ва ӯро ҳеҷ набуд аз моли дунё. Садақа талабиданро ӯ барои худ таҳқир ва айб медонист. Дар чунин шароити мушкил ӯ иттифоқан ба хотир овард, ки дар кӯдакӣ дар дарбори хеш кори оҳангаронро дида буд. Чӣ тавр онҳо аз оҳан маснуоти гуногун - теғу корд, лаҷому рикоб месохтанд ба хотир овард. Ба туфайли кунҷковии кӯдакона ӯ доимо гирди оҳангархона мегашт, кори онҳоро мушоҳида мекард, бисёре аз унсурҳои пешаи оҳангариро ба хотир гирифта буд. Ин ҳолатро ишораи тақдир шумурда, ба назди оҳангарони Рум рафт ва гуфт: “Ман ин санъат донам”. Ӯро ба муздурӣ гирифтанд, чандон, ки он ҷо буд, аз ин ҳунар зиндагӣ мекард ва ба касе мӯҳтоҷ набуд. Баъди он ки ба ватани хеш расид, аз таҷрибаи талхи худ сабақ гирифт ва амр дод: ҳеҷ мӯҳташам ба фарзандони худ ёд додани касбро ор надонанд, зеро бисёр воқеъ мешавад, ки қуввату шуҷоат суд надорад ва маҳз дар ҳамин ҳолат пеша ё касб ба кор меояд. “Ҳар дониш, ки бидонӣ, рӯзе ба кор ояд. Ва баъд аз он дар Аҷам расм афтад, ки мӯҳташам набудӣ, ки фарзандро саноат наомӯхтӣ, ҳарчанд, ки бад-он ҳоҷат набудӣ ва он ба одат карданд” [21, с.95].

Дар поён кӯшиш ба харҷ додем то ғояҳоеро, ки Унсуралмаолии Кайковус дар баъзе бобҳои “Қобуснома” овардааст, таҳлил, ҷамъбаст ва тасниф кунем. Дар боби сию якуми китоб “Андар толибилмӣ ва фақеҳӣ” Унсуралмаолии Кайковус менависад: “ғараз аз пеша на дӯкондорист, балки ҳар коре, ки мардум бар даст гиранд, он чун пеша бошад. Аммо

бояд он корро нек бидонад, то аз он бар тавонад хӯрдан. Аммо акнун чунон, ки ҳамебинам, ҳеҷ пешаву коре нест, ки одамӣ он биҷӯяд, ки он пешаро аз достону низоми ростӣ мустағнӣ донӣ, илло ки ҳамаро тартиб донистан бояд” [21, с.110!].

Аксарияти бобҳои “Қобуснома” ба таълиму тарбияи кӯдак дар оила бахшида шудааст. Масалан, андар шинохтани ҳаққи падару модар, андар фурӯтанӣ ва афзунии ҳунар, андар меҳмонӣ ва меҳмон шудан ва шароити он, андар ишқ варзидан ва расми он, андар хуфтану осудан, андар оини ҷамъ кардани мол, андар оини дӯст гирифтан, андар тиҷорат кардан ва ғайра.

Ғояҳои педагогии “Қобуснома”: фасоҳату балоғатро донистан, тарбияи ҷисмонию ҳарбӣ, реҷаи тановули хӯрок, тозагии бадан, яъне гигиена, варзиш, корҳои касбинтихобкунӣ, омӯхтани касб, тавсифи касбҳо, ҳунармандӣ ё пешаворӣ, деҳқонӣ, иқтисодиёт, тиҷорат, муносибати одамдӯстона, неккирдорӣ, худидоракунӣ, ватандӯстӣ, ишқдӯстӣ, тарбияи духтарон, нақши падару модар ва омӯзгор дар ҷазо додан. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки дар китоби “Қобуснома” муаллиф низоми томи таълиму тарбия, аз ҷумла тарбияи интихоби касби насли навраси давраи худро пешниҳод кардааст.

Дар боби сиву дувум “Андар тиҷорат кардан” мутафаккир андешаҳои худро дар бораи тиҷо1рат баён мекунад. Ӯ тиҷоратро санъат номида, ба фарзандаш насиҳат кардааст, ки ҳамаи сифатҳои мусбати тоҷирро омӯзад. Кайковус дар боби “Андар тартиби илми тиб” менависад: “Бидон, эй писар, ки агар табиб бошӣ, бояд ки усули тиб бидонӣ нек, чӣ ақсоми илмӣ ва чӣ ақсоми амалӣ. Ва бидонӣ, ки он чӣ дар тани одамӣ мавҷуд аст ё табиист ё хориҷ аз табиат. Ва табиӣ бар се қисм аст. Қисми аввал он аст, ки саботу қавоми тан бо ӯст ва қисми дувум он аст, ки тавобеъ аст он чизҳоро, ки саботу қавоми тан бад-ӯст ва қисми севум он аст, ки танро аз ҳале ба ҳоле бигардонад. Ва он ки хориҷ аст аз

табиат ё ба феъл мазаррат расонад бовосита ё бевосита ё худ нафси зарар феъл бувад" [21, с.124].

Дар ин боб муаллиф профессиограммаи муфассали табибро пешкаш карда, кадом донишҳои назарӣ ва амалиро дар соҳаи тиб бояд табибон донанд тавсиф мекунад. Ҳамчунин ӯ муфассалан қисмҳои табиӣ ва ғайритабиии бадани инсонро, ки қавому саботи инсон дар он аст ва бо ёрии онҳо тан аз ҳол ба ҳол мегардад, шарҳ медиҳад.

Сипас Кайковус маҳорату малака ва қобилиятҳои асосиро оид ба муолиҷа, таҷриба, омӯхтани бемор, ташхиси дақиқ, муолиҷаи бемориҳои мухталиф, ҳамчунин сифатҳои асосии пизишк, мисли поквиҷдонӣ, росткорӣ, некӯмуомилагӣ, вақтхушӣ, зарофат, дастгирии эҳсосӣ, маънавию равонии беморро шарҳ медиҳад.

Мутафаккир ба писараш талқин мекунад, ки барои табиби хуб шудан инсон бояд ҳамаи бемориҳоро хуб донад, тамоми дорую давоҳо ва хосияту таъсири онҳоро нағз аз худ кунад. Дар асоси боби "Андар тартиби илми тиб"-и китоби Унсуралмаолӣ Кайковус хонанда ба хулосаи зерин мерасад: инсони касби пизишкро аз худ карда, бояд бисёр касбҳои дигарро, ки дар табобат ба ӯ ёрӣ мерасонанд, хуб омӯзад. Ба суханони дигар, муаллиф ба робитаи мутақобилаи байни касбу ихтисосҳо ишора мекунад.

Дар бораи илми нуҷум сухан ронда, муаллиф ба фарзандаш талқин мекунад, ки "агар мунаҷҷим бошӣ, ҷаҳд кун то бештар ранҷи хеш дар илми риёзӣ барӣ" [21, с.132]. Дар ин ҷо Кайковувс ишора ба алоқаи ин ду илм мекунад ва таъкид менамояд, ки илми риёзӣ асоси илми нуҷум аст.

"Агар муҳандис бошӣ ва массоҳ дар ҳисоб қодир бош, зинҳор, ки як соат бе такрори ҳисоб набошӣ, ки илми ҳисоб илми ваҳшӣ аст. Пас агар замин паймоӣ, нахуст бояд, ки завоё бишносӣ, ва шаклҳои мухталифулазлоъро хор нагирӣ ва нагӯӣ, ки инро ба як масоҳат бикунам ва боқӣ ба тахмин, ки ҳисоби масоҳат тафовути бисёр оварад. Ва ҷаҳд

кун, то завоёро нек бишносӣ, ки устоди ман пайваста маро гуфтӣ, ки ҳон то аз завоё ғофил набошӣ дар ҳисоби масоҳат” [21, с.133].

Унсуралмаолӣ ба фарзандаш як-як сифатҳои касбии массоҳро, яъне андозакунондаи заминро ва касбҳои ба он ҳамҷаворро шарҳ медиҳад ва таъкид мекунад, ки агар инсон массоҳ шудан хоҳад, бояд фазилатҳои зеринро дошта бошад: такрори пайвастии ҳисоб, сарфакорӣ, дақиқӣ ва ғайра.

Касби дигаре, ки Унсуралмаолӣ барои фарзандаш тавсиф мекунад, хунёгарӣ ё мутрибӣ, ромишгарӣ аст. Ӯ ба писараш шарҳ медиҳад, ки мутриб бояд дорои сифатҳои зерини инсонию касбӣ бошад: сабукрӯҳӣ, хушгӯӣ, некӯхӯӣ, ҳамеша покҷома ва мутаййибу чарбзабон будан, донистани оҳангҳои мухталифи мусиқӣ. Кайковус ба мутрибон маслиҳат медиҳад, ки туршрӯю гирифта набошанд.

Ҳамчун донандаи психологияи одам Кайковус одамон – шунавандагони мусиқиро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунад: ба мустамеони, яъне шунавандагони сурхрӯй ва дамавирӯй бештар бам мувофиқ аст, агар мустамеъ зардрӯй ва сифравӣ бошад, бештар зер задан лозим аст; ба одамони сияҳгуна ва фарбеҳ ва мартуб бам бештар мувофиқ аст ва ғайра. Ҳамин тариқ, мутафаккир одамонро аз рӯи мизоҷ ба чаҳор гурӯҳ ҷудо мекунад ва мувофиқи мизоҷи онҳо оҳангу вазнҳои мусиқиро пешниҳод менамояд.

Дар боби дигар, ки “Андар хизмат кардани подшоҳ” ном дорад, муаллиф сифатҳои касбии намояндаи касби маъмур ё идоракунандаро зикр менамояд: хештаншиносӣ, поквиҷдонӣ, хоксорӣ, ҳалолкорӣ, пулпарасту фармудакор набудан.

Дар боби “Андар одоби надимӣ кардан” дар бораи ҳамсӯҳбатии шоҳ муфассалан сухан рафтааст. Муаллиф ба фарзандаш шарҳ додааст, ки надим бояд аз кадом донишу маҳорат, малакаю қобилият, сифатҳои мусбат бархурдор бошад. Ба фикри Унсуралмаолӣ панҷ ҳаваси надим бояд ба фармони вай бошад, хубчеҳра бошад, то мардумон ва шоҳ аз

дидани ӯ норохат нанамоянд, бояд ба арабию форсӣ навиштаю хонда тавонад, ашъори арабию форсӣ аз ёд донад, аз тиббу нуҷум бохабар бошад, илми мусиқӣ ва ҳикоёти музҳикиро донад ва ғайра. Чи тавре ки мебинем дар асрҳои миёна надимони шоҳ одамони ҳаматарафа рушд кардаю соҳибфазл буданд.

Дар боби оянда Унсуралмаолӣ Кайковус дар бораи касби котибӣ сухан меронад. Ӯ мегӯяд: “Бидон, эй писар, ки агар дабир бошӣ бояд ки бар сухан қодир бошӣ ва хатти некӯ дорӣ ва таҷовуз кардан дар хат одат накунӣ ва бисёр навиштан одат кунӣ, то моҳиртар бошӣ дар набиштан”. Дабир бояд “асрори котибӣ нек донад ва суханҳои мармузро нек андар ё бад” [21, с.146].

Дабир бояд нутқи фасеҳ ва фаҳмо, хатти зебо дошта бошад, пайваста ба навиштан машғул шавад, то маҳораташ олӣ гардад. Ҳамаи ин талаботе, ки нисбат ба дабир пешниҳод мешавад, аз аҳамияти касби мазкур дар ҳамаи давру замонҳои тамаддуни инсонӣ шаҳодат медиҳад.

“Ва шарти котибӣ он аст, ки модом муҷовири ҳазрат бошӣ ва собиқи кор ёд дорӣ ва тезфаҳму нофаромӯшкор бошӣ ва мутафаҳҳис бошӣ ва аз ҳама корҳо тазкира ҳамедорӣ аз он чи туро фармояд ва аз он чи туро ва аз муомалати ҳама омилон огоҳ бош ва таҷассус кун ва аз ҳама гуна таарруфи аъмол ҳамекун, агарчи дар вақт ба корат наояд, бошад, ки вақти дигарат ба кор ояд. Валекин он сир ба кас магӯй, магар вақте ки ногузир бувад” [21, с.150].

Яке аз ихтисосҳои дар он давра хеле муҳим - касби дабирро тавсиф карда, муаллиф сифатҳои касбии дабирро номбар мекунад: тезҳушӣ, ҳофизаи мустаҳкам, фаросат, дақиқкорӣ, огоҳӣ, мушоҳидакорӣ, маҳорати нигоҳ доштани сир. Сифатҳои мазкур дар ҳамаи замонҳо ва алҳол низ дар назарияю амалияи кори интихоби касб бомуваффақият истифода мешуданд ва мешаванд.

Ба ақидаи Унсуралмаолӣ Кайковус сипаҳсолор, яъне лашкаркаш бояд аз сифатҳои касбии зерин бархурдор бошад: мӯҳсинӣ, боҳайбатӣ,

хасмро заиф надидан, донистани тактикаю стратегия, яъне илми ҳарб, далерӣ, эҳтиёткорӣ.

Маликушшуарои шоҳ бояд дорои сифатҳои ҳасанаи зерин бошад: тозарӯй ва ханданок будан, мудаббиррӯй ва палидҷома набудан, некахлоқ ва баландҳиммат будан, дар мадҳ ба муболиғаи зиёди аз ваҳм берун роҳ надодан, суханро саҳли мумтанеъ гуфтан.

Дар ҳамаи давру замонҳо байни касбҳо тоҷирӣ яке аз касбҳои асосӣ ба ҳисоб мерафт ва меравад: он касе, ки бо тиҷорат машғул аст, бояд фаъолу мутаҳаррик бошад, далер бошад бо далерие, ки ростию амонат дорад, баҳри суди худ зиёни дигаронро нахоҳад, баҳри тамаи суд сӯзиши дили халқ наҷӯяд, исрофкор набошад, ва ғайра.

Ҳамин тариқ, яке аз бузургтарин мутафаккирони халқи тоҷик Унсуралмаолӣ Кайковус дар китоби маъруфи худ "Қобуснома" касбу ҳунарҳои дар он давра дар аксари мамолики Шарқи Наздику Миёна роиҷро тавсиф намуда, низоми ба худ хоси касбу ихтисосҳоро ба вуҷуд овард ва профессиограммаи ба худ хоси ҳар як касбҳоро таҳия кардааст.

"Абӯрайҳон Муҳаммад ибн Аҳмад Бирунӣ (аксаран ӯро Берунӣ низ меноманд) 4 сентябри соли 973 дар пойтахти Хоразм шаҳри Кат (дертар Шаббоз, алҳол бошад шаҳри Берунии Ӯзбекистон) таваллуд шудааст. Берунӣ олими мутабаҳҳир ё чи тавре, ки мегӯянд энсиклопедист буд. Оид ба нуҷум дониши хеле амиқ дошт, ки ба туфайли он дар бораи курамонанд будани замин хулоса баровардааст. Мулоҳизаи зерини ӯ далели гуфтаи болост: "Агар хаёлан сатҳи заминро сӯрох карда, ба умқ равон кунем, ба тарафи дигари замин баромадан мумкин аст" [21, с.69].

Дар фаъолияти илмиаш Берунӣ ғайр аз нуҷум дар омӯзиши математика, геодезия, ҷуғрофия, геология, физика, химия, биология ба натиҷаҳои фавқулода муҳим ноил гардидааст. Дар асоси омӯзиши ҳаёту фаъолияти Абӯрайҳон Берунӣ ба хулоса расидан мумкин аст, ки дар осори ӯ бисёр касбҳое, ки бо илм ва таҳқиқоти илмӣ марбутанд, инъикос ёфтаанд: математик, геометр, арифметик, нуҷумшинос, ахтаршинос,

олим-геолог, геодезист, мунаҷҷим, муаррих, ҷуғрофидон, этнограф, адабиётшинос, физик, химик, биолог, минеролог, дорушинос, рустанишинос ва ғайра.

Абулфазл Муҳаммад ибн Убайдуллоҳ Балъамӣ (ваф. соли 940) – олим, ходими давлатӣ, вазири Наср ибни Аҳмади Сомонӣ (солҳои ҳукмр.914-943).

Абӯнаср Аҳмад ибн Абдуссамади Мишкон – (ваф.соли 1039-40) насрнавис ва адиби форс-тоҷик. Муддати 30 сол дабири девони рисолати Султон Маҳмуди Ғазнавӣ (ҳукмр. 998-1030) ва писари ӯ – Масъуди Ғазнавӣ (ҳукмр. 1030-1040) буд. Дар номанигорӣ ва хаттотӣ маҳорати хоса дошт.

Абулҳасан ибн Лаббон ибн Башахри Ҷилӣ (такр. 940-1010) зодаи шаҳри Гелон, математик, нуҷумшинос ва ихтироъкори абзорҳои нуҷумӣ. Алҳол асарҳои зерини ӯ маълуманд:

Абӯалӣ Муҳаммади Шерозӣ (858-940, ш.Бағдод) – хаттот, забоншинос, олим. Вазири халифаи аббосӣ Муқтадир (808-932), сипас халифа Қоҳир (932-934) ва халифа Разӣ (934-940) буд. Дар давраи ҳукмронии халифа Разӣ мавриди ғазаб қарор гирифт ва ба зиндон афтод. Дар зиндон аввал дасти росташро буриданд, сипас забонашро канда гирифтанд. Дар зиндон ҷаҳонро падруд гуфт.

Абулфаворис Фанорӯзӣ Хоҷа Амид (соли таваллуд ва вафоташ номаълум) – нависанда ва мутарҷими асри X форс-тоҷик. Дар солҳои 950-951 “Синдбоднома”-ро аз забони паҳлавӣ ба форсию тоҷикӣ гардонид.

Абулқосим Маҳмуд Замахмарии Хоразмӣ (солҳои 1074-1143) яке аз бузургтарин муҳаққиқони лексика ва грамматикаи забони арабӣ буд. Ба қалами ӯ фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ тааллуқ дорад.

Қутбуддин Маҳмуд ибн Масъуд Муслиҳи Шерозӣ (солҳои 1236-1311) – зодаи шаҳри Шероз, фарзанди табиби маъруфи шерозӣ Зиёуддин Масъуд. Таҳти роҳбарии падараш илми тибро омӯхт. Соли 1259 ба

Мароға кӯчида, дар он ҷо ба омӯхтани илмҳои дигари табиатшиносӣ шурӯъ кард. Аз Носируддини Тӯсӣ илми нуҷумро омӯхт ва ба ин илм то андозае ворид гардид, ки яке аз беҳтарин шогирдони Тӯсӣ ба шумор мерафт ва баъзан бо устодаш баҳсу ҷадал ҳам мекард. "Тақрибан 10 сол дар расадхонаи Мароға фаъолият бурда, соли 1269 қозии султони Рум таъин мегардад, дар Сивон ва Малатия (Осиёи Сағир) фаъолият бурдааст. Ба сифати сафири шахсии элхон ба мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна сафарҳо кардааст. Аз ҷумла Хуросон, Бағдод ва дигар шахрҳоро зиёрат намудааст" [21, с.209].

"Абӯҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ (солҳои 1058-1111) дар Тӯс таваллуд ёфтааст ва дар ҷавонӣ бо тасаввуф ошно гашта бошад ҳам, сулукро интихоб накард. Илми фиқҳро дар Ҷурҷон ва Нишопур омӯхта, дар ин соҳа маъруфияту эътибори зиёд пайдо намуд. Вазири маъруфи сулолаи Салҷуқиён Низомулмулк овозаи Ғаззолиро шунида, соли 1091 ӯро ба ҳайси мударрис ба мадрасаи "Низомия"-и Бағдод даъват кард. Муаллифи асарҳои сершумор, аз ҷумла "Эҳё улум-ад-дин"", "Кимёи саодат", "Таҳофут-ал-фалосифа", "Насиҳат-ул-мулук" ва ғайра мебошад" [35, с.172].

Абулҳасан Алӣ ибн Аҳмад Насавӣ (соли тав.номаълум – соли ваф.1119) – файласуф, математик, табиб, дорушинос, байтор, муаллифи нишоти машҳури "ат-Таҷрид фи усули-л-ҳандаса".

Ҳаким Абӯхотами Исфизорӣ (соли тав.номаълум – соли ваф. 1119) – ахтаршинос, мунаҷҷим, астроном, математики маъруф, ҳамсафи Умари Хайём. Тарозуеро ихтироъ карда буд, ки аз лиҳози дақиқӣ ҳамто надошт.

Абӯалӣ Каттоии Марвазӣ Бухороӣ (соли тав.номаълум – соли ваф. 1153) - табиб, математик, мунаҷҷим, донандаи шариат, шоир. Муаллифи китоби "Шинохти фалакиёт".

Собит ибни Кодда (асри IX) – файласуф, математик, ахтаршинос, тарҷумон ва шореҳи муаллифони атиқа. Ба туфайли тарҷумаҳои ӯ рисолаҳои Архимед ва "Конические сечения"-и Апполоний то замони мо

расидааст. Шарҳи ӯ ба “Алмаҷистӣ” мавҷуд аст. Ду рисолаи ӯ оид ба механика “Китобул-қарастун” ва ба аҳли илм маълуманд [95, с.125].

Абӯҳафс Умар ибн Муҳаммад Насафӣ Самарқандӣ (вафот соли 1143) – фақеҳ, муҳаддис, шореҳи Қуръон ва муҳандиси маъруф. Муаллифи китоби “Кандия”, ки дар он иншооти мухталифи обёрӣ ва асосҳои мелиоратсия тавсиф шудаанд.

Қозӣ Минҳоҷ Ҷурҷонӣ (тав.соли 1193) муаллифи китоби “Табақоти Носирӣ”. Ӯ қозӣ ва мунаҷҷими дарбори Ғуриёни Ҳинд буд.

Рашидуддин Фазлуллоҳ ибн Имодуддавла Абухайр ал-Ҳамадонӣ (солҳои 1247-1318). Муаллифи китоби “Ҷомеъ ут-таварих”. Ӯ табиби дарбори Элхониён буд ва ба туфайли донишу фазилат то ба мансаби вазорат расид.

Асадии Тӯсӣ (солҳои 1005-1072) – шоир, забоншинос, хаттот. Муаллифи нахустин фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ “Луғати фурс”, ки то замони мо расида омадааст. Дар китобхонаҳои дунё якчанд китобҳои нассохӣ кардаи Асадии Тӯсӣ маҳфузанд.

Маҳастии Хуҷандӣ (соли 1098 таваллуд шудааст)- шоира, ромишгар, раққоса ва овозхон. Ҳаёту фаъолият дар дарбори султон Санҷар робитаи ӯро бо оммаи меҳнаткашон қатъ накардааст. Ӯ бахшида ба ҳунармандон, яъне дар жанри шаҳрошӯб ашъори бисёр сурудааст. Дар ашъори ӯ аксаран васфи оҳангару кафшдӯз, бофандаю дӯзанда, қассобу нонво ва дигарон дучор мешаванд.

Фаридуддини Аттор (солҳои 1119-1220). Ӯ бо шуғли табобат машғул буд. Яке аз бузургтарин шоирони мутасаввифи форсу тоҷик аст. Бино ба нақли сарчашмаҳо дар бозор дӯкони атториию доруфурӯшӣ дошт ва дар он ҷо беморонро қабул мекард.

Абӯнаср Муҳаммад ибн Муҳаммад ал-Форобӣ (солҳои 873-950) – олими мутабаҳҳир-энсиклопедист, мусиқашинос ва ромишгар, бастакори боистеъдод, муаллифи бисёр асарҳои мусиқӣ, мунаққиди мусиқӣ.

Муаллифи рисолаи машҳури “Китоб-ал-мусиқӣ ал-кабир” (Китоби бузург дар бораи мусиқӣ).

Абӯбакр Муҳаммад ибн Закариё ибн Яҳё ар-Розӣ (солҳои 865-925) – олими мутабаҳҳир, дар шаҳри Рай дар Хуросон таваллуд ёфтааст. Дар Аврупо таҳти номи Разес маъруфият дорад. Ӯ муаллифи рисолаҳо оид ба химия, тиб, биология, фалсафа, геология, математика, физика, астрономия мебошад. Ӯ на танҳо шеър, балки асарҳои мусиқӣ низ таълиф мекард. Бо назардошти қобилияти ӯ ба заргарию ҷавоҳиршиносӣ Розиро эксперти муайян кардани пулҳои қалбакӣ ва баҳодиҳӣ ба мансуоти заргарӣ таъин карда буданд.

Ҳуҷуми қӯшуни Чингизхон ва истилои Осиёи Миёна ба тараққии ҳунармандию косибӣ таъсири манфӣ расонд. Аскарони муғул дар навбати аввал олимон ва ҳунармандону косибонро асир мегирифтанд. Ба забткорию ҷангу ҷидол нигоҳ накарда, ҳунармандӣ ҳамеша мавриди арзёбӣ ва эҳтиром қарор мегирифт. “Дар шаҳрҳои истилоъ кардаи муғулҳо устохонаҳои нави косибону ҳунармандон - “корхона”-ҳо ташкил мешаванд, ки моликияти хону шоҳзодагони муғул буданд. [96, с.304].

Дар давраи мавриди назар дар Осиёи Миёна ғайр аз деҳқонону косибон, шахсони маъруфи таърихӣ зиндагию фаъолият бурдаанд, ки дар эҷодиёти онҳо роҷеъ ба касбу ихтисосҳои он замон маълумоти ҷолиб ёфтан мумин аст: Заҳируддин ал-Байҳақӣ, табиби амалияпардоз, математик, мунаҷҷим; Абдурраҳмони Хозинӣ – ситорашинос, механик, муаллифи китобҳои “Мизон-ул-ҳикма”, “Зиҷи муътабари Санҷарӣ”, “Рисола фи-л-олот”, ки дар инкишофи илмҳои дақиқ мақоми хосе доранд; дастпарвари мактаби илмии Мароға; Носируддини Тӯсӣ, муаллифи “Ахлоқи Носирӣ”, файласуф, математик, ҷуғрофидон, мусиқашинос, табиб, минералшинос. Ба қалами ӯ асарҳои сершумор мутааллиқанд, ки ба тамоми илмҳои замонааш мансубанд. Аз ҷумла, “Зиҷи Элхонӣ”,рисолаи риёзии “Шакл-ул-қутоъ”, “Таҳрири Уқлидус”; Муслиҳи Шерозӣ (1236-1311)– файласуф, риёзидон, ситрашинос, табиб,

шоир,табиатшинос; Абӯҳомид Ғаззолӣ – дар мадрасаи “Низомия”-и Бағдод мударрис буд; Абулҳасан Насавӣ – файласуф, математик, табиб, дорушинос, байтор; Ҳаким Исфизорӣ – ситорашинос, мунаҷҷим, математик, ихтироъкори тарозуҳои мухталиф; Абӯалӣ Бухороӣ – табиб, математик, астролог, шоир; Собит ибн Қурра – математик, ситорашинос, тарҷумон, шореҳи осори Архимед, Апполоний, “Ал-Маҷистӣ”; Абӯҳафси Насафӣ – муҳандис; Қозии Ҷурҷонӣ – қозӣ ва ситорашиноси дарборӣ; Абулхайри Ҳамадонӣ – табиб, вазир; Асадии Тӯсӣ – шоир, забоншинос, хаттот, лексикограф, муаллифи нахустин фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ; Маҳастии Хуҷандӣ – шоира, ромишгар, раққоса, овозхон: ӯ кафшдӯзу оҳангар, бофандаю дӯзанда, қассобу нонворо васф кардааст; Фаридуддини Аттор – шоир, дар бозор дӯкони атторию доруфурӯшӣ дошт; Абӯнасри Форобӣ – олими мутабаҳҳир, мусиқанавоз, бастакор, муаллифи созҳои мусиқӣ; дар Шарқ бо номи “ал-Муаллим-ус-сонӣ” (Муаллими дувум пас аз Арасту, ки дар Шарқ ба ҳайси “ал-Муаллим-ул-аввал”шинохта шудааст) маъруф аст; Абӯбакр-ар-Розӣ – олими мутабаҳҳир, химик, табиб, биолог, файласуф, геолог, математик, физик, ситорашинос, шоир, заргар.

Иттилооти мазкурро дар бораи ҳаёт ва фаъолияти олимон, табибон, файласуфон, пайравону нависандагон, лашкаркашон, косибону деҳқонони одӣ ҷамъбаст намуда, метавон гуфт, ки мушкилоту маҳрумиятҳои дар натиҷаи ҳуҷуми истилоъгарони муғул ба миён омада иродаю руҳияи халқро шикаста натавонист. Онҳо ҳаёту фаъолияташонро, таҳқиқоти илмиро идома доданд. Масалан, Абулҳасан Собит Силон бо вуҷуди хизмати дарбор машғулиятҳояшро бо ситорашиносӣ, тиб, таърих ва математика идома медод; Абулфазл Балъамӣ фаъолияти илмиро бо хидмати давлатӣ ба ҳам мепайваст; Абӯнасри Мишкон ҳам хаттоту ромишгари маъруф ва ҳам дабири дарбор буд; Абӯалии Шерозӣ хаттот, забоншинос, олим ва вазир буд; Хоҷа Амид тарҷумонию нависандагӣ мекард; Абӯбакри Ҷурҷонӣ

мутахассиси шинохта дар соҳаи грамматика буд; Исмоили Ҷурҷонӣ, муаллифи китоби “Хазинаи Хоразмшоҳӣ” соҳаҳои мухталифи тиб, анатомия, сабабу аломатҳои бемориҳо, гигиена, ташхис ва пешгӯии рафти беморӣ, тарзҳои муолиҷа, заҳру подзаҳрҳо, фармокологияро тавсиф кардааст. Дар Бағдод таъсис ёфтани “Байт-ул-ҳикма”, дар шаҳрҳои мухталиф сохтмони расадхонаҳо, китобхонаҳои маъруф аз қабили китобхонаи шаҳри Марв ва ғайра ба рушди илму фарҳанг такони ҷиддӣ бахшиданд.

Дар ин давра ҳунару касбҳои амалӣ, аз қабили ороиши меъморӣ, маснуоти сафолии кандакоришуда, нақшҳои барҷаста аз хишт, гилгул, нақшу нигори рӯи гаҷ, кошикориҳои дуранга, кошикориҳои бисёрранга вуҷуд доштанд. Табиист, ки барои ин корҳо бинокорон, меъморон, муҳандисон, рассомон, ороишгарон, дуредгарон, андовагарон, рангмолон, сафолгарони касбӣ ва дигар косибон зарур буданд.

Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ (солҳои 1219-1292) таҳсили илмро дар Шероз оғоз намуда, сипас дар шаҳри Бағдод дар мадрасаи Низомия идома додааст. Саъдӣ муаллифи асарҳои хеле маъруф, ғазалу қасида ва тарҷеот мебошад. Ӯ устоди шинохтаи наср аст. Саъдии Шерозӣ дар китобҳои “Бӯстон” ва “Гулистон” инсон ва инсониятро васф мекунад, аҳамияти ахлоқи ҳамида, мазҳаб, оила, падару модар ва, махсусан, омӯзгоронро дар тарибияи насли наврас таъкид мекунад. Ӯ махсусан ба сифатҳои инсонию касбии омӯзгор – намояндаи яке аз муҳимтарин касбҳои инсоният диққати ҷиддӣ додааст, зеро маҳз ба туфайли касбияту маҳорати омӯзгор насли наврас касби дӯстоштаашро аз худ мекунад.Дар васфи касбу ҳунар ашъори латиф сурудааст.Аз ҷумла мегӯяд:

*Ҷави толеъ зи хирвори ҳунар беҳ,*
*Агар толеъ набошад боз ҳунар беҳ!*

Дар нимаи асри XIV дар Мовароуннахр ба арсаи сиёсӣ фарзанди беки барлос Темур мебарояд. Темур соли 1336 дар деҳаи Хоҷаилғор, ки дар қарибии шаҳри Кеш воқеъ гардидааст, таваллуд ёфтааст. Ин деҳа дар

масофаи 13 км аз Шаҳрисабз ҳоло ҳам вуҷуд дорад. Намояндагони касбҳои гуногун дар ин давра на танҳо бо ҳаёти осоиштаю меҳнати созанда машғул буданд, балки дар мавридҳои зарурӣ ба дифои ватан аз душманон низ бамехостанд.

“Дар ҳамин гуна як вақти навмедӣ ва лаҳзаи мураккаб мардуми заҳматкаш ташаббуси укдофиаи шаҳрро ба дасти худ гирифтанд” [35, с.89].

Масалан, донишҷӯи мадраса Мавлонзода – роҳбари мудофиаи шаҳри Самарқанд, ёварони ӯ – Хурдаки Бухороӣ ва Абӯбакри Калавии Наддоф аз ҷумлаи толибилмону косибони шаҳр буданд. Ҳамин тариқ, ҳунармандону деҳқонон на танҳо рӯзирасони халқ буданд, балки аҳолиро аз душманон муҳофизат ҳам мекарданд.

“Объектҳои фарҳангии мамлакатро талаву тороҷ намуда, айни замон Темур кӯшиш ба харҷ медод, ки минтақаҳои марказии Осиёи Миёна, ки асоси иқтидори ӯро ташкил мекарданд, обод гардонад. Бо амри ӯ корҳои калонмиқёси обёрӣ ва роҳсозӣ ба иҷро расиданд. Ба ин мақсад Темур аз Байнаннаҳрайн, Сурия, Эрон ва Ҳиндустон гурӯҳи устоён, олимон ва санъатгаронро ба ҳайси асир ба Мовароуннаҳр меовард. Махсусан, дар пойтахти Темур Самарқанд ҳунармандон ва ходимони сершумори илму санъат гирд оварда шуда буданд. Маҳз ба ҳамин сабаб шаҳри Самарқанд дар ин давра фавқулода бузург шуд” [96, с.50].

Темур дар Самарқанд на танҳо коргарону деҳқонон, косибону ҳунармандон, балки олимону шоирон, нависандагону ромишгарони маъруф ва беҳтарин намояндагони касбҳои гуногунро зӯран ҷамъ карда буд. Ба туфайли маҳорату истеъдод ва меҳнати созандаи онҳо шоҳкориҳои дар олам машҳури меъморӣ қомат афрохтанд. Он нуктаро махсус қайд кардан лозим аст, ки Темур аз мамлакатҳои забткардааш китобҳои қиматбаҳо, дастхатҳои нодир, ёдгориҳои санъатро низ ба Самарқанд меовард. Бо фармони ӯ дар заминҳои назди шаҳрҳои бузурги

империя асирон ва мардуми озод корҳои бузургҳаҷми обёрӣ, сохтмони роҳу биноҳоро анҷом доданд. Дар ҳамаи ин корҳо намояндагони касбу ихтисосҳои мухталиф гилкорону хишткорон, андовагарон, дуредгарон, кулолгарон, ҳаккокону кандакорон, заргарон, бофандагону дӯзандагон, рангмолон, нонвоён, боғдорон, деҳқонон, ҳаммолон, рассомону ромишгарон, овозхонону раққосон, сарбозону миршабон иштирок мекарданд.

Барои нигоҳдорию истифодаи чунин миқдори зиёди китобҳо китобхона сохта шуда буд, ки дар он намояндаҳои касбҳои зерин фаъолият мебурданд: дабирон, нассохон, саҳҳофон, мутарҷимон, дуредагорони рафсоз, ҳаммолон, шореҳон ва ғайра. "Дар Ҳирот чунин олимони машҳур, мисли Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Фасеҳӣ, Абдурразоқи Самарқандӣ, Ҳофизи Абрӯ ва дигарон, ҳамчунин хаттотон, миниатюрнависон, зарҳалкорон, сҳҳофон ҳаёту фаъолият мебурданд, ки бо кӯшишу меҳнати якҷоя дастхатҳои маъруфи ҳиротиро офариданд. Олимони Ҳирот бо Хитою Ҳиндустон робита доштанд" [97, с.205].

Ба туфайли меҳнати олимону адибони маъруф Шомӣ, Алии Яздӣ, Фасеҳӣ, Самарқандӣ, Ҳофизи Абрӯ, маҳорати беҳтарини хаттотон, миниатюрасозон, зарҳалгарон, саҳҳофон асарҳои зебою мӯҳташам офарида шуданд, ки дар бисёр мамлкатҳои Шарқи Миёнаю Наздик, Хитою Ҳиндустон паҳн шуданд.

Дар касбу ҳунар косиби озод фигураи асосӣ мегардад, сеххҳои (коргоҳҳои) ҳунармандӣ бошанд ба шакли асосии ташкили ҳунармандон табдил меёбанд. А.М. Беленитский дуруст қайд кардааст, ки " ... коргоҳҳои умумии косибон дар асри XV устувор гардида, аҳамияти онҳо хеле боло рафт. Яке аз аломатҳои зоҳирии аҳамияти ин коргоҳҳо дар ҳаёти шаҳр иштироки муташаккилонаи онҳо дар ҷашнҳоест, ки Темур ва Темуриён барпо мекарданд. Ҳар як коргоҳи косибон дар ин ҷашнҳо мустақилона ширкат менамуд" [18, с. 189].

Аввалин аломатҳои истеҳсолоти коллективӣ, тиҷорати коллективӣ, хизматрасонии коллективӣ дар шаҳрҳо дар намуди коргоҳҳои косибӣ – коргоҳи оҳангарон, коргоҳи қассобон, коргоҳи бофандагон, коргоҳи заргарон, коргоҳи чеварон ва кафшдӯзон, коргоҳи сартарошон, коргоҳи нонвоён ва ғайр пайдо мешавад.

"Табақаи миёнаи шаҳр – косибону тоҷирони шаҳр, мансабдорону рӯҳониёни миёна – на танҳо истеъмолгарон, балки офарандагони арзишҳои фарҳангӣ мешаванд" [97, с.236]. Аз ин иқтибос ба хулосае расидан мумкин аст, ки табақаҳои миёнаи аҳолӣ – намояндагони касбҳои мухталиф, тоҷирон, мансабдорон, рӯҳониён на танҳо бо касби худ ё хизмати давлатӣ ва мазҳабӣ машғул мешуданд, балки бо намудҳои муайяни соҳибкорӣ шуғл меварзиданд, яъне арзишҳои моддию маънавӣ ба вуҷуд меоварданд.

Соли 1413 ҳанӯз пеш аз сохтани мадраса ба Самарқанд математик ва ситорашиноси бузургтарини он замон Салоҳуддин Мӯсо ибни Муҳаммад Қозизодаи Румӣ (1360-1437) омада, якҷоя бо набераи Темур – Улуғбек лоиҳаи сохтмони мадрасаро таҳия мекунад. Бо маслиҳати Қозизодаи Румӣ бо даъвати Улуғбек аз Кошон (Эрони Шимолӣ) ба Самарқанд олими маъруфи дигар Ғиёсуддин Ҷамшеди Кошӣ (ваф.1429/1430) меояд. Дертар Улуғбек ин ду олимро муаллимони худ номидааст. Баъди шиносоӣ бо харобаҳои расадхонаи Мароға ва муфассалон омӯхтани он, Улуғбек дар Самарқанд расадхона бино мекунад. Бо расадхонаи Мароға Улуғбек вақте, ки бобояш Темурро дар юришҳои ҳарбӣ ба Эрону Осиёи Пеш ҳамроҳӣ мекард, шинос шудааст. Баъди фавти омӯзгорону мураббиёнаш Улуғбек, Алоуддин Алӣ ибн Муҳамади Кушчиро (1402-1474), ки барои ташаббускорӣ, ҷуръати гузоштани масъала ва суботу пойдорӣ дар ноил гардидан ба мақсад эҳтиром мекард, сарвари расадхона таъин мекунад.

"Алоуддин Алӣ ибн Муҳаммади Кушчӣ, зодаи Самарқанд ситорашиноси мумтози замон буд. Эҳтимол меравад, ки дар аввал ӯ

қушчии Улуғбек бошад. Алии Кушчӣ таҳсили ибтидоиро дар Самарқанд гирифта, соли 1414 ба мақсади такмили дониш дар соҳаи илмҳои табиӣ ба Кирмон (Хуросон) меравад. Муҳаққиқон сабаби сафари ӯро ба Кирмон ба таври муталиф шарҳ медиҳанд. Ҳадс мезананд, ки яке аз сабабҳои сафар ихтилофи байни Ғиёсуддини Кошӣ ва Алии Кушчӣ буд, ки "дар натиҷа Улуғбек ӯро (яъне Кушчиро) ба Кирмон фиристод ва Кушчӣ якчанд сол дар он шаҳр таҳсил кард" [95, с.298].

Давраи солҳои 1437-1449-ро давраи авҷи аълои фаъолияти Кушчӣ ҳисоб кардан мумкин аст. Ба туфайли истеъдоди ташкилотӣ ва дониши амиқ дар соҳаи ситорашиносӣ Кушчӣ ба комёбиҳои назаррас ноил мегардад. Ӯ рисолаи "Зиҷи Улуғбек" ё "Зиҷи ҷадиди Кӯрагонӣ"-ро ба итмом мерасонад. Ӯ ҳамчунин як қатор асарҳо оид ба астрономияю математика, аз ҷумла "Рисола дар илми ҳайат" ва "Рисола дар илми ҳисоб"-ро таълиф кардааст.

"Чи тавре ки медонем, баъди вафоти Улуғбек 27 октябри соли 1449 расадхонаи Самарқандро дарвешони мутаассиб, душманони илму маърифат вайрон карданд. Вале асари асосии дар расадхона таълиф ёфта маҳфуз монд. Зиҷи мазкур ҷадвалест, ки координатҳои 1018 ситораро бо дақиқии барои он замон ҳайратовар дарбар мегирад" [95, с.96].

Маводи таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки дар давраи ҳукмронии Улуғбек дар Самарқанд санъат, астрономия, математика, геометрия, арифметика, тригонометрия, ҷуғрофия, оптика рушди босуръат доштанд, олимони дар тамоми олам маъруф – Мирзо Улуғбек, Кошӣ, Алии Кушчӣ ташаккул ёфтанд. Таҳқиқоти илмӣ ва кашфиёти илмии онҳо бо пайдо шудани касбу ихтисосҳои нав ва такмили касбҳои мавҷуда дар соҳаҳои мухталифи илм алоқамананданд: мушоҳидакунандаи ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ, тағйир ёфтани мадори ҷирмҳои осмонӣ, мутахассиси андозагирии кунҷҳои астрономӣ, андозагирии масофаи байни замин ва аҷроми фалакӣ, мутахассиси омӯзиши зиҷ, аз ҷумла зиҷи ҷадиди

Кӯрагонӣ, мутахассиси омӯзиши таъсири ҷирмҳои осмонӣ ба тағйирёбии фаслҳои сол, ба кайфияту аҳволу саломатии одамон ва ғайра.

“Дар ороишоти ёдгориҳои меъмории он давр майлҳои ҳотамткорӣ ва таҷаммулписандӣ тазоҳуроти равшани худро пайдо намуданд. Василаҳои ороишгарӣ хеле гуногун ва мукаммал буданд. Дар ин бобат низ комёбиҳои пешинзамон ва бозёфтҳои тоза ба ҳам омехта, мавриди истифода қарор мегирифтанд. Дар асри XV хотамкории маҷмӯии хеле гарон ва заҳматталаб, ки он вақтҳо ба дараҷаи беназири такомули худ расида буд, ба таври васеъ ба кор бурда мешуд. Тасвирҳои нафиси наботӣ ва ҳандасӣ, интихоби рангҳои асил (аксаран гаммаи рангҳои кабуду сафеду нилобӣ), тарҳи аҷиби луоби нилгун, ки дар заминаи ялтаросии он тахайюлоти беинтиҳои мусаввир нақшҳои зебое меофарад, аз хусусиятҳои барҷастаи хотамкории он замон ба шумор мераванд. Барои ороиши деворҳои дарунӣ усули кундал, ки аз омезиши андудаи тилло бо ягон хел ранг (бештар ранги кабуд) иборат аст, ифода мешуд. Таносуби зарандуд ва ранг гуногун буд: баъдан заминашро зарандуд намуда, бар он шаклҳои барҷастаи рангӣ мекашиданд ва ё, баръакс, ба заминаш ранг молида, дар рӯи он шаклҳои барҷастаи тиллоӣ месохтанд. Дар ҳар ҳолат нақшу нигори аҷиб ва ҷолибе ба вуҷуд меомад ва бесабаб нест, ки мутахассиси ин навъи ороишро ба парчаи зардӯзӣ монанд кардаанд” [96, с.240].

Пешрафти илм ба рушди санъат, махсусан, санъати ороишгарӣ таъсир расонид. Ороиши ансамблҳои олиҷаноби Самарқанд, ба мисли Регистон, мадрасаҳои Шердор, Тиллокорӣ, Улуғбек, масҷиди ҷомеи Бибӣ Хонум ва инкишофи хотамкории маҷмӯии тавсирҳои наботӣ ва геометрӣ, интихоби гаммаи рангҳо, нақшаҳои зебо, техникаи кундал, хотамкории тасвири барҷаста ва ғайра мусоидат мекард.

Бузургтарин намояндаи адабиёти ин давра шоир ва донишманди маъруф Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1432) мебошад. Ҷомӣ дар деҳаи Ҷом, наздикии Нишопур таваллуд ёфта, таҳсили худро дар Ҳирот

ба анҷом расонид. Ӯ таҳти роҳбарии олимони дар он давра маъруф сарфу наҳви забонҳои тоҷикӣ ва арабиро омӯхта, ба Самарқанд меравад ва дар он ҷо аз Қозизодаи Румӣ оид ба геометрия, алгебра ва астрономия сабақ мегирад.

“Ҷомӣ бузургтарин ходими фарҳанг ва адабиёти асри XV, мураббии маънавии бисёр шоирон, нависандагон, муаррихон, рассомон, хаттотон, ромишгарон ва ҳатто ходимони давлатию динӣ мебошад. Асарҳои ӯ, ки ба назми оламшумули форсии тоҷикӣ мансубанд, тадриҷан дар адабиётҳои дигар халқҳои Шарқ мавқеъ хеле мустаҳкам пайдо карда, ба дастоварди фарҳанги ҷаҳонӣ табдил меёбанд” [22, с.3].

Дар назм ва эҷодиёти шифоҳии халқ ҳикмати халқ ниҳон аст, муҳаббат ба меҳнат васф мешавад, аҳамияти ҳунарҳо, меъморӣ арзёбӣ мегардад. Дар асарҳои шоирону мутафаккирон омӯзгор ва илм тавсиф мешавад.

Мисли дигар мутафаккирони номбаркардаи мо Ҷомӣ низ меҳнат, муҳаббат ба меҳнат, аҳамияти касб, дониш, меъморӣ, санъатро тавсиф намуда, дар ғазалу байтҳояш сифатҳои беҳтарини намояндагони касбҳои мухталиф, яъне косибон, деҳқонон, меҳнати онҳоро васф мекунад, аҳамияти илмомӯзию китоб, илму дониш ва ғайраро таъкид месозад.

Ақидаю ғоя ва нуқтаи назари Ҷомӣ дар бораи табиат, ҷамъият ва инсон, аз ҷумла дар бораи касбҳо дар шеъру ғазал ва дигар асарҳояш инъикос ёфтаанд [97, с. 213].

Мир Алишер Навоӣ (солҳои 1441-1501) дар оилаи шахси хеле соҳибмаърифат таваллуд ёфтааст. Дар байни наздикони ӯ шоирон, мусиқидонон ва хаттотон буданд. Дар синни понздаҳсолагӣ Навоӣ аллакай шоири машҳур буд ва фарқи ӯ аз дигар шоирон дар он буд, ки вай шеърро ҳам ба забони ӯзбекии қадим ва ҳам тоҷикӣ мегуфт. Аз эҳтимол дур нест, ки ӯ шоир, мусиқашиносу бастакор низ буд, бинобар ин ӯро Навоӣ (“Навоӣ” аз калимаи тоҷикии наво – оҳанги мусиқӣ) номидаанд. Ӯ худро шогирди Ҷомии бузург меҳисобид. “Аз рӯзи ба тахт

ҷулус кардани Ҳусайн Бойқарои Темурӣ (соли 1469) дар Ҳирот Навоӣ ходими давлатӣ мешавад. Ӯ унвони амирӣ гирифта, мансабҳои хеле баланди давлатиро ишғол мекунад. Вай қариб тамоми ҳаёташро дар Ҳирот гузаронидааст” [30, с.254]. Қариб дар ҳамаи асарҳои Навоӣ ғояи фоидаи дониш, меҳнат, касб таъкид шудааст. Ин ғояҳо махсусан дар “Хамса”-и ӯ дар намунаи ҳаёти Фарҳод, ки яке аз қаҳрамонони асосии достони “Фарҳод ва Ширин” мебошад, ифода ёфтааст. Дар ин асар, образи Фарҳод чун оҳангар, сарбоз, обёрикунанда мунъакис гардидааст.

Камоли Хуҷандӣ солҳои 20-уми асри XIV дар шаҳри Табрез вафот кардааст). Номи пурраи ӯ Камолуддин Абӯмаҳмуд Масъуд ибни Муҳаммад Хуҷандӣ аст. Маълумоти ибтидоияшро шоир дар зодгоҳаш Хуҷанд гирифта, сипас барои такмили дониш ба Самарқанд меояд. Бо эҷодиёти шоир шинос шуда, мо як ҷанбаи дигари истеъдоди серпаҳлӯи ӯро кашф кардем. Баъди сафари ҳаҷ ӯ Табрезро ҷои иқомат интихоб мекунад. Султон Ҳусайн ибни Султон Увайси Ҷалоир ба ӯ боғе ҳадя мекунад. Камол дар боғаш меҳнат карда, онро ба гӯшаи биҳишти заминӣ табдил медиҳад ва меваи дарахтонро ба бечорагон тақсим мекардааст. “Камоли Хуҷандӣ яке аз бузургтарин устодони ғазал аст. Ғазалҳои ӯ бо мавзунияту равонӣ ва салосат фарқ мекунанд” [35, с.252].

Дар асри XIV шаҳрҳои Ҳирот, Балх, Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд марказҳои калони ҳунармандию тиҷорат буданд. Дар ин шаҳрҳо қариб 130 намуд касбу ҳунар ривоҷу равнақ доштанд: пизишк, коғазсоз, бинокор, металлург, котиб, дабир, хаттот, наштарзан, муҳандис, сӯзангар, заргар, нонво, кафшдӯз ва ғайра.

Дар нимаи дувуми асри XIV дар Самарқанд коргоҳҳои собунпазӣ мавҷуд буданд. “Дар тараққии истеҳсолоти косибӣ, дар тиҷорати дохилӣ дар асри XIV тағйироту дигаргуниҳои муайян ба вуқӯъ пайвастанд. Тағйироти мазкур ба ҷанбаи техникии истеҳсолоти молӣ таъсири ҳадди ақалл расониданд. Махсусгардонии косибӣ дар асри XIV мисли асри XV хеле маҳдуд буд. Барои тавсифи махсусгардонии мазкур дар асри XIV мо

нисбат ба давраи пеш аз он маводи бештар дар ихтиёр дорем, зеро ба миқдори зиёд ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ – санадҳои хариду фурӯш, вақфномаҳо ва ғайра то рӯзҳои мо маҳфуз мондаанд, ки дар онҳо дӯконҳо ва коргоҳҳои мухталиф зикр шудаанд. Ҳар як намуди маҳсулоти тайёр ва ҳатто нимтайёрро косибони алоҳида истеҳсол мекарданд. Ҳосилнокии меҳнати косибон дар ин замон дар сатҳи дар давраи феодализм ҳатталимкон баланд қарор дошт” [95, с.282].

Дар асри XIV шаҳрсозӣ вусъати бесобиқа ёфт. Яке аз аломатҳои хоси ин замон вусъати сохтмони шаҳрвандӣ аст. Дар бисёр шаҳрҳо ва роҳҳои корвонгард пулҳо, сардобаҳо, корвонсаройҳо, ҳаммомҳо, биноҳои гуногунҳаҷми тиҷорат пайдо шуданд. Сохтмони дигар иншоотҳои монументалӣ: аз қабили мадраса, масҷид, мақбара, хонақоҳ низ дар авҷ буд. Барои ороиши дохили бино гаҷи сафед ва ранга маводи аз ҳама мувофиқ ба шумор мерафт. Техникаи иҷрои ороиш гуногун буд. Баъзан деворро ду қабат (аз поён ранга, аз боло сафед) гаҷкорӣ мекарданд, сипас дар қабати боло гул мепартофтанд ё тасвир иҷро карда мешуд. Дар мавридҳои дигар тасвирро бо гаҷи сафеди якқабата мезаданд, нақшу нигорро бошад, бо гаҷ “рӯкаш” мекарданд.

**Кандакории рӯи санг**. Дар соҳаи ҳунар устоёни асри XIV ба авҷи аъло расиданд. Намунаҳои олиҷаноби кандакории рӯи санг обида ва сангҳои рӯи қабр мебошанд. Сангҳои рӯи қабр бо катиба ва нақшу нигор оро дода шудаанд. Дар ин сохтмонҳо намояндагони касбҳои мухталиф, аз ҷумла хаттотон, кандакорон, муҳандисон, бинокорон меҳнат кардаанд.

Камолуддин Биноӣ (соли таваллуд 1453 – соли 1512 кушта шудааст). Биноӣ дар Ҳирот дар оилаи бинокор таваллуд ёфтааст. Маънои тахаллуси ӯ – Биноӣ аз касби аҷдодиаш шаҳодат медиҳад. Дар ҷавонӣ шоири оянда дар ҳақиқат ҳамроҳи падараш дар сохтмони бисёр иншооти он давра иштирок кардааст. “Биноӣ шоир ва носири забардаст ва мутриби моҳир буд. Дар илми мусиқӣ таснифҳо дорад. Ба

қалами ӯ маснавии ахлоқии “Беҳрӯз ва Баҳром” мансуб аст, ки дар он ақоиди ҷомеашиносӣ ва этникии шоир ифода шудааст. Дар ин маснавӣ шоир заъфу сустиҳои нисонро мавриди мазаммат қарор дода, зарурати илмомӯзиро таъкид мекунад, нуқсонҳо ва норасиҳои аҳли сарвату ашроф, фисқу фуҷури рӯҳониёни мутаассибро зери тоҷиёнаи танқид мегирад” [95, с.305].

Ҳаёт ва фаъолияти Биноиро омӯхта, ӯро чун намунаи намояндагони яке аз касбҳои муҳим – бинокор тасаввур кардан мумкин аст. Ба ғайр аз бинокор ва соҳиби ҳамаи сифатҳои ба ин касб зарурӣ будан, Биноӣ шоир, носир ва мутриби чирадаст буд.

“Дар давлати Ҷониён шароит барои тараққиёти касбу ҳунар ва тиҷорати дохилию хориҷӣ хеле номусоид буд ва ба қадри авҷ гирифтани низоъҳои салтанатталабӣ ва ҷангҳои феодалӣ боз ҳам бадтар мешуд. Баъзе шаҳру вилоятҳои тамом чунон дучори тороҷ ва хароби мегардиданд, ки пас аз муддати дуру дарозе ба худ омада наметавонистанд. Вале мардум малакаи касбӣ, пешаварӣ ва ҳунари худро фаромӯш намекард: бе сабаб нест, ки дар худи як Бухоро Сайидои Насафӣ бештар аз дусад навъи касбу ҳунарро ном бурдааст. Харобии иқтисодие, ки ҷангҳои дохилӣ, тохтутозҳои хевагиҳо, ҳуҷуми тоифаҳои бодиянишин ва қӯшунҳои аҷнабӣ ба сари аҳолӣ меоварданд, ба инкишофи мӯътадили истеҳолоти молӣ ва тиҷорат халал мерасонанд. Қашшоқӣ, гуруснагӣ, хонавайронӣ – ҳамаи ин боиси кам шудани харидорони муқаррарии колоҳои олӣ мегардид. Сайидои Насафӣ, ки дар пиронсолӣ ба бофандагӣ машғул будааст, дар ашъори худ ба набудани харидор, тамоман аз равнақ бозмондани бозор дар охирҳои асри XVII ишорат мекунад:

*Дар таҳи гарди касодӣ шуд матоам поймол,*
*Рӯзгоре шуд хиҷолат аз дӯкон бошад маро.*

ё худ

*Гоҳе матои худ, ки ба бозор мебарам,*
*Домону остини харидор мекашам.*” [81, с.79].

Сайидои Насафӣ (ваф.байни солҳои 1701-1711) бузургтарин шоири ин давра аст. “Сайидо қасидаҳои худро на ин ки ба подшоҳон ва аъёну ашроф, балки ба камбағалон, пешаварон ва деҳқонон бахшида, ҳаёти ин гурӯҳи аҳолиро хеле хуб тасвир кардааст. Қасидаҳое, ки ӯ дар тавсифи нонвой, наққош ва ғайра навиштааст, аз ҳамин қабиланд” [115, с.23].

“Дар пайравӣ ба Носири Хисрав, - менависад Л.М. Мирзоев, - Сайидо бо овози баланд бартарияти халқи меҳнаткашро дар дигар табақаҳои ҷамъият изҳор дошт ва зимнан таъкид кард, ки қувваи меҳнаткашон дар иттиҳоду ягонагӣ аст” [115, с.34].

“Агар инсон саодатманд будан хоҳад, пеш аз ҳама, бояд касби меҳнатӣ дошта бошад, устоди кори худ бошад, зеро маҳорат меҳнатро осон мекунад” [81, с.24]. Дар ин ҷо, шоир ба насли наврас мурочиат мекунад, ки касби муйянеро донистан ҳанӯз кофӣ нест, корро бояд устодона, босалоҳият иҷро кард ва талқин менамояд, ки кордонию маҳорат меҳнатро осон мегардонад, ки бошад роҳест ба хушбахтӣ.

“Сайидои Насафӣ дар давлати хони Бухоро нахустин шоирест, ки ошкоро ба ҳимояи аҳли меҳнат бархоста, сохти феодалиро сахт танқид кардааст. Ӯ ҳамчун шоири соҳибистеъдод, ифодакунандаи орзую омоли табақаҳои меҳнатии аҳолӣ, хусусан, ҳунармандон баромад кардааст. Аҳли меҳнат ва баёни кайфияти он дар эҷодиёти ӯ мақоми марказӣ дорад” [115, с. 29].

Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ соли 1657 дар маҳаллаи зардӯзони Самарқанд таваллуд ёфтааст. Ҳамаи хешу ақрабои шоир зардӯзони моҳир буданд ва ӯ низ аз ин санъат вуқуфи комил дошт.

Фаъолияти Вафоӣ ба солҳои 80-90-уми асри XVII тааллуқ дорад. Вафоӣ яке аз шоирони Хоразм аст, ки ба забони форсӣ асар таълиф мекард. Ӯ шоири хеле боистеъдод буд. Вафоӣ ғайр аз шоирӣ бо кандакорӣ машғул буд ва рӯзашро бо дастмузди ин касб мегузаронд.

Аҳмад Махдуми Дониш дар шаҳри Бухоро (соли 1827 ё 1828 – ваф. 1897) таваллуд ёфтааст. Ӯ мутафаккири барҷастаи асри XIX буда, дар улуми фалсафаю нуҷум ва муҳандисӣ вуқуфи том дошт, шоир ва хаттот буд. Аҳли замона ӯро инсони пешқадами давра эътироф кардаанд. Баъди хатми мадраса Аҳмади Дониш муддате ба фаъолияти педагогӣ низ машғул шудааст.

Косибӣ чун машғулияти анъанавии аҳолии Осиёи Миёна дар нимаи дувуми қарни XVIII – нимаи аввали асри XIX хеле тараққӣ карда буд. Бо вуҷуди шароити номусоиди ҳаёт, фишори иҷтимоӣ, бесарусомонӣ, ки ба давраи парокандашавии сохти феодалӣ хос аст, косибию ҳунармандии аҷдоди мо мутобиқан ба талаботи замон ташаккул ва инкишоф меёфт. Ҳунармандӣ дар ҳамаи минтақаҳою деҳот ба мушоҳида мерасид, вале танҳо дар шаҳрҳо косибии касбӣ инкишоф ёфта буд. Маҳз бозори васеи тиҷорат дар шаҳр боиси ривоҷи ҳунармандӣ мегардид. Қайд кардан лозим аст, ки аҳолии шаҳрҳои калонтарини Осиёи Миёна, мисли Бухоро, Самарқанд, Қӯқанд, Ҳуҷанд, Ӯротеппа (Истаравшани ҳозира) ва ғайра бо косибӣ машғул буданд ва ба он чун ба манбаи ягонаи рӯзгузаронӣ ва чун ба санъат муносибат мекарданд. Дар баъзе шаҳрҳои музофотӣ ва деҳот ҳунармандӣ ҳанӯз аз кишоварзӣ ҷудо нашуда буд, бинобар ин косибию ҳунармандӣ дар музофот то ба сатҳи шаҳрҳои марказӣ нарасидааст.

Санъати бофандагии Бухоро берун аз ҳудуди он иштиҳор дошт. Ба гуфти муҳаққиқони рус Ф. Ефремов ва Т.С. Бурнашев дар Бухоро пиллаю пахта бисёр аст ва аксари аҳолии шаҳр ва деҳот ба миқдори зиёд матоъҳои шоҳию пахтагин истеҳсол мекунанд.

Дар хонаи аксари деҳқонон дастгоҳи бофандагӣ мавҷуд буд ва онҳо дар вақти фароғат аз кори кишоварзӣ эҳтиёҷоти хонаводаи худ ва баъзан ҳамсоягонро ба матоъи пахтагӣ қонеъ мегардониданд.

Ҳунармандӣ ривоҷи беандоза дошт ва дар раванди кори бофандагон тақсими меҳнат ба мушоҳида мерасид. Масалан, дар Хуҷанд маҳаллаи пиилакашон ва маҳалли ғӯзакашон вуҷуд дошт. Аҳолии ин

маҳаллаҳо барои косибони маҳаллаҳои шоҳибофону читгарон ашёи хом (ресмон) тайёр мекарданд. Аз пахта ва абрешим намудҳои гуногуни матоъ мебофтанд, ки он ба таъмини талаботи либосҳои мардонаю занона равона мегардид.

Бо вуҷуди он ки дастгоҳҳои бофандагӣ кӯҳна ва хеле одӣ буданд, дар баъзе маҳалҳо, аз ҷумла дар Бухоро, Самарқанд, Қаротоғ, Қалаихум матоъҳои олисифати серхаридор истеҳсол мекарданд.

Оҳангарону кулолгарон, чармгарону заргарон, дуредгарону рассомон бо меҳнати ҳаррӯзаи худ ва молҳои бозоргирашон анъанаҳои қадимаи косибиро идома медоданд.

Дар бисёр шаҳрҳои маҳаллаҳои ҳунармандони касбӣ, аз қабили чармгарон, заргарон, бӯрёбофон, оҳанпазон, қолинбофон, фӯтабофон ва ӯайра вуҷуд доштанд.

Баъзе шаҳру деҳаҳо маҳз ба туфайли инкишофи намудҳои алоҳидаи касбҳо маъруфият пайдо мекарданд. Масалан, намудҳои мухталифи алоча, ханҷару корд номи Қаротоғро дар тамоми минтақа машҳур карда буданд. Маснуоти оҳангарону бофандагони Қаротегин (Ғарм), Дарвоз (Қалъахум) дар давлатҳои ҳамсоя маълуму машҳур буданд. Зин ва маҳсулоти чармгарии хушсифати косибони Балҷувон шӯҳрати зиёд доштанд. Оҳани хушсифати Ванҷро тоҷирон ба оҳангарони мамлакатҳои хориҷии дуру наздик дастрас мекарданд.

Дар охири асри XVIII ва аввали қарни XIX Қӯқанд чун яке аз марказҳои истеҳсоли коғаз маъруфият пайдо кард. Вале коргоҳҳои коғазбарорӣ дар маҳалҳои аз Қӯқанд дури Сух, Чоркӯҳ, Ворух, Хуҷанд, Ӯротеппа ва деҳаи Қӯштегирмон воқеъ буданд. Тибқи маълумоти муаррихи тоҷик Усто Ҷаҳонов танҳо дар деҳаи Сух, ки аҳолии асосии он тоҷикон буданд, тақрибан даҳ коргоҳи коғазбарорӣ фаъолият мекард. Дар деҳаи бостонии Чоркӯҳ панҷ коргоҳи истеҳсоли коғаз буд.

Вале коғазе, ки дар маҳалҳои мазкур истеҳсол мекарданд, коғази “хом” буд. Онро ба Қӯқанд бурда, мум ва дигар моддаҳо молида сайқал

медоданду суфта мекарданд ва баъд ба фурӯш мебароварданд. Ин корро асосан устои мӯҳрсоз иҷро мекард. Маҳз ба ҳамин сабаб ин коғаз бо номи “коғази Қӯқандӣ” машҳур шудааст. Дар устохонаҳои коғазбарории Чоркӯҳ ва Сух, аз рӯи навиштаҳои А.П.Федченко, маъмулан коғазро аз ашёи хоми гуногун: партови матоъ, арғамчин, ресмонҳои кӯҳна, пӯслохи тут, пояи зағир, дигар ашёи хоми нолозим тайёр мекарданд. Ашёи хомро чанд рӯз дар тағораҳо тар карда, сипас зери пресс мегузоштанд. Барои тайёр кардани коғаз, пеш аз ҳама, маҷрои доимӣ ва фишори баланди об лозим буд. Бинобар ин, коргоҳҳои истеҳсоли коғазро маъмулан дар пойхамиҳои соҳили дарёҳои сероб бино мекарданд.

Устоҳои коғазбарор дар як рӯз то сесад варақ коғаз истеҳсол мекарданд. Соҳиби мол коғазро ба тойҳо ҷудо карда, ба Қӯқанд мебурд. Ҳар як той маъмулан аз 24 варақ иборат буд. Устои мӯҳрсоз коғазро харида, дар хона онро ранг мекард, сайқал медод, ҳошияашро мебаровард.

Агар то ин дам нархи “коғази нимтайёр” дар бозори Қӯқанд 15 тин бошад, баъди коркард усто онро аз рӯи 25-30 тин мефурӯхт. Дар қарнҳои XVI-XVII ва нимаи асри XIX дар тиҷорати дутарафаи байни Русия ва хонигариҳои Осиёи Миёна коғази истеҳсоли Самарқанд, Қӯқанд ва Хуҷанд моли содиротии категорияи якум маҳсуб мегардид.

Гап дар сари он аст, ки то охири асри XVIII Русияи подшоҳӣ коргоҳҳои истеҳсоли коғаз надошт. Бинобар ин, муассисаҳои давлатии Русия, махсусан минтақаҳои шарқии он, ки бо ҳудуди Осиёи Миёна ҳамҷавор буданд, коғази истеҳсоли Самарқанд, Қӯқанд ва Хуҷандро истифода мебурданд. Масалан, агар як пуд коғази маъмулӣ дар Самарқанд 45-50 сӯм бошад, нархи он дар Оренбург ба 80 сӯм мерасид.

Ҳунари истеҳсоли коғазро аҷдоди мо аз хитоиён омӯхтаанд. Ин ҳодиса чунин сурат гирифтааст: соли 723 дар соҳили дарёи Талос, дар наздикии шаҳри бостонии Тироз, ки сокинонаш суғдиён буданд, байни қӯшуни Абӯмуслим ва лашкари Хитой муҳориба ба вуҷуд омад.

## 1.3. Шарҳи мухтасари таърихи корҳои касбинтихобкунӣ ва зарурати он дар низоми таълиму тарбияи хонандагон

Имрӯз дар ҷаҳон миқдори хеле зиёди касбҳои гуногун мавҷуд аст, ки дар замонҳои мухталифи таърихӣ арзи ҳастӣ кардаанд. Касбҳое ҳастанд, ки 1000 сол муқаддам ба вуҷуд омадаанд. Касбҳое мавҷуданд, ки дирӯзакак пайдо шудаанд. "Муҳаррик"-и ин раванд пешрафти илму техника дар тамаддуни нисонӣ аст, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти одам зуҳур мекунад.

Ҷавоб ёфтан ба суоли "Кӣ шудан лозим аст?" ё "Кадом касбро интихоб кардан лозим аст?" барои ҳар инсон мубрамият дорад, зеро масъалаи ҳаётан муҳиммест, ки ба тамоми зиндагии минбаъдаи одам таъсир мерасонад. Дар назди ҷавононе, ки ба ҳаёти мустақилона қадам мегузоранд, масъалаи хеле мураккабу мушкил ба миён меояд: чи тавр дар олами касбҳо самтгирӣ карда, касберо интихоб кунанд, ки ба талабот, манфиат, шавқу рағбат ва қобилиятҳои онҳо ҷавобгӯ бошад. Вазифаи асосии корҳои касбинтихобкунӣ низ маҳз дар ҳамин аст: ба ҷавонон ёрӣ додан дар ёфтани ҷои сазовор дар ҳаёт. "Корҳои касбинтихобкунӣ низоми тадбирҳои равонӣ-педагогӣ, тиббӣ ва давлатӣ мебошад, ки ба инсони ба ҳаёт қадамгузоранда дар интихоби илман асосноку устувори касб бо назардошти ҳам талаботи ҷамъият ва ҳам шавқу рағбат ва қобилиятҳои худ ёрӣ мерасонад. Тадбирҳои мазкур манфиатҳои ҷамъияту шахсиятро ҷамъбаст мекунанд" [138, с.67]. Чи тавре ки академик С.Я. Батишев қайд мекунад "корҳои касбинтихобкунӣ фаъолияти ҳадафманди марбут ба ташаккули шавқу рағбат ва майли касбии насли наврас мутобиқан ба қобилиятҳои шахсӣ, талаботи ҷамъият ва шоямӣ ба ин ё он касб мебошад..." [16, с.34]. Аз ин таъриф бармеояд, ки корҳои касбинтихобкунӣ кори педагогӣ аз рӯи усулҳо, иҷтимоӣ аз рӯи мундариҷа, иқтисодӣ аз рӯи натиҷа ва давлатӣ аз рӯи ташкил мебошад.

Таърихи ҷалби кӯдакону наврасон ба меҳнати маҳсулнок решаҳои амиқ дорад, ки ба қаъри асрҳо мерасад. Аз солҳои аввал волидайн кӯдаконашонро ё мустақилона ё ба таълими усто дода меомӯзонанд. Дар ин марҳила майлу рағбати кӯдакон, қобилиятҳои онҳо мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Ҳамин тариқ, ташхиси ба худ хоси маҳорату қобилиятҳо ба амал меояд.

Маълум аст, ки “... ҳанӯз дар миёнаи ҳазорсолаи III қабл аз мелоди Масеҳ дар Бобули Қадим санҷиши хамткунандагони мактабҳо, ки мехостанд дабир (котиб) шаванд, гузаронида мешуд. Ба туфайли дониши дар он замон васеъ дабири касбан омодагардида дар тамаддуни байнаннаҳрайниён шахси марказӣ мешуд, ӯ заминро андозагирӣ мекард, амволро тақим мекард, месуруд, созҳои мусиқӣ менавохт. Дар рафти санҷиш маҳорати матоъ, филизот, рустаниҳоро шинохтани ӯ, ҳамчунин донистани чор амали арифметикӣ мавриди имтиҳон қарор мегирифтанд” [51, с.55].

“Дар Мисри бостон санъати коҳиниро танҳо ба онҳое, ки аз санҷишҳои муайян гузаштаанд, ёд медоданд. Дар аввал номзад бояд аз сӯҳбат мегузашт. Дар сӯҳбат тарҷумаи ҳол, сатҳи саводнокиро муайян мекарданд, намуди зоҳирӣ ва маҳорати муоширатро арзёбӣ менамуданд. Сипас маҳорати кор кардан, гӯш кардан, хомӯш буданро месанҷиданд. Он касоне, ки ба қобилияти худ ба таълим эътимоду боварӣ надоштанд, ба таҳаммули маҳрумиятҳои давраи дуру дарози таълим шубҳа изҳор мекарданд, аз санҷиш бо оташу об ва таҳдиди марг мегузаштанд” [4, с.16].

Тахмин мекунанд, ки олими маъруфи давраи атиқа Фисоғорус маҳз аз чунин санҷишу интихоби “сахт” гузаштааст. Баъди хатми таълим ӯ ба Юнон баргашта, мактаби худро ташкил кард. Ба мактабаш ӯ талабагонро баъди гузаштан аз санҷишҳое, ки дар вақташ омӯзгорони мисрӣ Фисоғорусро гузаронида буданд, қабул мекард. Фисоғорус ба қобилиятҳои зеҳнӣ диққати махсус медод ва мегуфт, ки “На аз ҳамаи

дарахтҳо Уторид тарошидан мумкин аст”. Бинобар ин, дар марҳилаи санҷиш, агар бо забони имрӯза гӯем, ҳар талабаи эҳтимолиро аз лиҳози мавҷудияти чунин қобилиятҳо имтиҳон мекард. Хеле ҷолиб аст, ки Фисоғфус ба ханда ва роҳгардии ҷавонон низ диққат медод ва иддао мекард, ки тарзи хандидан нишондиҳандаи хубтарини хислати инсон аст. Ӯ ба тавсияҳои волидайн ва омӯзгорон хеле ҷиддӣ муносибат мекард, ҳар як ҷавони навро даъват мекард, ки озодона изҳори ақида намояд ва шарм надошта фикри ҳамсӯҳбаташро рад кунад ва дар рафти ин кор навомадаро хеле бодиққат таҳти мушоҳида мегирифт [4, с.16].

Дар ҳазорсолаи 3 қабл аз мелоди Масеҳ дар Хитой мансаб ва касби амалдори ҳукуматӣ хеле васеъ паҳн шуда буд. Мутаносибан, дар Хитой низ унсурҳои аввалини интихоби касбӣ бо ишғоли ин мансаб пайдо шуданд. Ҷолиб аст, ки тадбирҳои мазкур дар вазъияти мутантан мегузашт. Дар он ҷавононеро, ки ба ишғоли ин ё он мансаб имтиҳон супурдан мехостанд, аз рӯи мавзӯъҳое, ки худи император муайян карда буд, аз санҷиш ё имтиҳон мегузарониданд. Мавридҳое мешуданд, ки дар марҳилаи хотимавии озмунҳои бисёрзинагии интихоб аз довталабон имтиҳонро худи император қабул мекард. [4, с.4].

Хитой мамлакати ягонае набуд, ки дар он чунин низоми интихоб таълим ё тарбия амал мекард. Масалан, дар Спарта низоми тарбияи сарбозон таҳия гардида, бомуваффақият татбиқ мегардид, дар Рим бошад низоми интихоб ва таълими гладиаторҳо амал мекард.

“Одамон, - менависад Афлотун, - ба ҳамдигар он қадар ҳам шабеҳ таваллуд намешаванд, табиати онҳо мухталиф аст, ҳамчунин қобилияташон ба ин ё он кор аз ҳам фарқ мекунад. Бинобар ин, агар ягон корро мутобиқан бо мабдаъҳои табиии худ иҷро кунед, онро зиёдтар, беҳтар ва осонтар ба анҷом мерасонед” [133, с.167].

Зимнан, дар Афина масъалаи иртиботи иқтидори давлат аз қобилиятҳои ашхосе, ки ин давлатро идора мекунанд, кушоду равшан муҳокима мешуд. Афлотун дар китоби “Давлат” ақидаи Суқротро ба

суоли “Кадом ҳокимонро интихоб кардан лозим аст?” меорад: “Ба ҳокимони аз ҳама боэътимод, далер ва ҳатталимкон хушқиёфа афзалият додан лозим аст, вале ғайр аз ин, на танҳо одамони наҷиб ва сахтгирро, балки одамони дорои хислатҳое, ки ба чунин тарбия мувофиқанд, низ ҷустан лозим аст. Онҳо бояд ба илм даррок ва тезфаҳм бошанд ... инсонеро ҷустан лозим аст, ки ҳофизаи хуб матонати шикастнопазир дошта, аз ҳама ҷиҳат меҳнатдӯст бошад” [138, с.47].

Дар ҷамъияте, ки синфҳои антогонистӣ мавҷуданд, маъмулан роҳи ҳаётии ҷавонон қаблан ва ирсан муайян карда шудаанд. Ҳанӯз дар Юнони Қадим файласуф Афлотун пешниҳод карда буд, ки ба халқ он ақидаро талқин кардан лозим аст, ки худоён ҳангоми хилқати одамон ба сиришти онҳо тилло, нуқра ва мисро ҳамроҳ намудаанд. Одамони “тиллоӣ” табиатан бояд бо илму санъат машғул шаванд ё давлатро идора кунанд, одамони “нуқраӣ” сарбоз мешаванд ва давлатро ҳимоя мекунанд, одамони “мисӣ” бошанд, ҳунармандону деҳқонон ва ғуломононе, ки бояд бори гарони меҳнати ҷисмониро дар дӯш дошта бошанд [138, с. 203].

Чунин принсипҳо таҷассуми худро дар мамлакатҳои капиталистӣ ёфтаанд.

Одамони пешқадами ҳамаи давру замонҳо зидди нобаробарии иҷтимоӣ мубориза мебурданд ва барҳақ чунин мешумориданд, ки ҳар инсон бояд бо коре машғул шавад, ки бештар ба қобилият ва шавқу рағбати ӯ мувофиқ аст. Масалан, мутафаккири фаронсавӣ, сотсиалисти утопист Сен-Симон дар бораи ҷамъияти оянда орзу карда, чунин навишта буд: “Мансабу ихтисосҳои гуногун мувофиқи қобилият тақсим карда мешавад. Дар натиҷа онҳо бо сатҳи баландтари мукаммалӣ иҷро мегарданд. Аллакай бо ҳамин як сабаб дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсонӣ пешравӣ бо суръати нисбатан тезтар дар муқоиса бо давраи дилхоҳи гузашта амалӣ хоҳад гашт. Тақсими меҳнат комилан асоснок яке аз сабабҳои умдаи комёбии тамаддун маҳсуб мегардад, вале комилан

возеҳ аст, ки он танҳо дар сурати ба тафриқаи қобилиятҳои меҳнаткашон асос ёфтан боровар мегардад". Ва каме баъд илова кардааст: "... дар гузашта сарчашмаи ҳамаи бесарусомониҳо қобилиятҳои амалӣ нагардида, зӯроварӣ ба шавқу рағбат, таҳмили касб ва, чун натиҷа, пайдо шудани ғайриқаноатмандӣ ва бадбинӣ буданд" [170, с.389].

Ҳанӯз дар қаъри ҷамъияти ибтидоӣ тақсими якуми меҳнат зуҳур кардааст. Тақсими меҳнат тафриқаи сифатӣ, махсусгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар раванди инкишофи ҷамъият мебошад, ки боиси мустақил гардидани намудҳои гуногуни он, ба вуҷуд омадани касбҳои нав мешавад. Тақсимоти аввалияи меҳнат вобаста аз ҷинс ва синну сол бо роҳи табиӣ амалӣ гардидааст. Минбаъд ин омилҳои дигарро низ, аз қабили афзоиши нобаробарии амволӣ дарбар гирифт, ки дар ниҳояти кор сабаби пайдоиши синфҳо, фарқи байни шаҳру деҳа, байни меҳнати ақлонӣ ва ҷисмонӣ шуд.

Шарти муайякунандаи тақсими меҳнат рушди нерӯҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият мебошад. Зимнан нақши асосиро дар ин маврид олотҳои маҳсулнокии меҳнат мебозад.

Дар сохти ибтидоии ҷамъиятӣ аввалин тақсими калони ҷамъиятии меҳнат (ҷудо шудани қабилаҳои чорводор) ба амал омад. "Аз тақсими нахустини калони ҷамъиятии меҳнат тақсими аввалини калони ҷамъият ба ду синф - ҳокимон ва ғуломон, истисморгарон ва истисморшавандагон ба миён омад" [198, с.167]. Ба туфайли ин форматсияи дувуми ҷамъиятию иқтисодӣ – сохти ғуломдорӣ ба вуҷуд омад.

Дар раванди инкишофи сохти ғуломдорӣ дар асоси рушди минбаъдаи нерӯҳои истеҳсолкунанда, тақсими дувуми калони меҳнат – аз ҳунармандӣ ҷудо шудани деҳқонӣ ба амал омад, ки ба ҷудошавии шаҳр аз деҳа ва ба миён омадани зиддияти байни онҳо оғоз гузошт.

"Тадриҷан ҳанӯз дар давраи вайроншавии сохти ҷамъияти ибтидоӣ истеҳсолоти молӣ - шакли истеҳсолоти ҷамъиятӣ арзи ҳастӣ мекунад, ки

дар он маҳсулот барои мубодила истеҳсол мешавад. Истеҳсоли одии моддӣ (майдамолӣ) ба моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот ва меҳнати шахсии истеҳсолкунандаи мол ва оилаи он асос ёфта буд” [162, с.11].

Дар натиҷаи рушди мубодилаи мол тақсимоти севуми калони ҷамъиятии меҳнат сурат гирифт: савдо/тиҷорат аз истеҳсолот ҷудо шуд, ки дар натиҷа тоҷирон арзи ҳастӣ карданд. Аз ин сабаб ҷамъият ба форматсияи нави ҷамъиятию иқтисодӣ – сохти капиталистӣ гузашт. Истеҳсоли мол дар замони капитализм, ки ба моликияти хусусӣ ва истисмори меҳнати коргарони иҷора, ки аз воситаҳои истеҳсолот маҳруманд, асос меёбад, шакли умумӣ ва ҳукмронии истеҳсолот мегардад. Зимнан нерӯи корӣ ба мол табдил меёбад.

Бо пайдо шудани капитализм тараққии босуръати мануфактура ва индустрияи калони мошинӣ оғоз меёбад. Дар ин шароит, чи тавре ки К. Маркс навишта буд, раванди истеҳсолот “аллакай қаблан ба коргар мутобиқ шудааст” [105, с.31]. Тақсимоти минбаъдаи меҳнат ба амал меояд, касбҳои нав пайдо мешаванд, мундариҷаи касбҳои кӯҳна тағйир меёбад. Аз коргар иҷрои ягон амали алоҳида талаб карда мешавад. Ӯ ба замимаи мошин, иҷрокунандаи меҳнати ғайритахассусӣ табдил меёбад. Коргар ин амалро танҳо барои хӯронидани худ ва оилааш мекунад. Меҳнат ба коргар нишоту қаноат намеорад”.

Мануфактура қобилиятҳои инсонро яктарафа инкишоф медиҳад, аз як намуди меҳнат ба дигар гузаштанро ғайриимкон месозад. К. Маркс менависад: “Баъдим тақсим, алоҳидашавӣ ва ҷудошавии амалҳои мухталиф коргарон мутобиқан ба қобилиятҳои афзалиятдоштаашон тақсим, тасниф ва гурӯҳбандӣ мешаванд. Агар, ҳамин тариқ, хусусиятҳои табиии коргарон он заминаро омода созад, ки дар он тақсимоти меҳнат неш зада мебарояд, пас, аз тарафи дигар, мануфактура ... нерӯҳои кориеро инкишоф медиҳад, ки табиатан ба вазифаҳои яктарафаи махсус шоям мебошад” [105, с.67]. Раванди стихиявии тасниф ва тақсими

коргарон ба гурӯҳҳо, ки Маркс тавсиф кардааст, ба он оварда мерасонад, ки бисёриҳо бо коре машғул мешаванд, ки ба вижагиҳои психофизиологии онҳо мувофиқ нестанд.

Дар рафти тақсими минбаъдаи меҳнат ин масъала беш аз пеш тезу тунд мегардад. Талаботи касб ба инсон тағйир ёфтанд ва зиёд мешуданд. Идоракунии техникаи гаронбаҳо беш аз пеш муносибати бомаҳорат ва эҳтиёкоронаро талаб мекард. Садамаҳо ва брак ба капиталистон зарари бисёр меовард. Хатоҳо дар интихоби коргарон, ҷудо кардани коргарони ноқобил, тайёр кардани коргарони баландихтисос зарари калони иқтисодӣ мерасониданд. Харҷи таълиму омодасозии касбии коргарон торафт зиёд мешуд. Бо вуҷуди ин азкорравии коргарон, шумораи фалокатҳо меафзуд. Чи тавре ки таҳлил нишон дод, сабаби азкорравӣ ва фалокатҳо дар он буд, ки ҳангоми ба кор қабул кардани одамони нав қобилиятҳои инфиродии онҳо ба назар гирифта намешуд, мувофиқати онҳоро ба талаботи касб тафтиш намекарданд.

Рақобат, ҳирси ба даст овардани фоида ва абарфоида капиталистонро водор месохт, ки роҳҳои нави истифодаи самарабахши нерӯи корӣ, пурзӯр намудани истисмори коргаронро ҷустуҷӯ кунанд.

Соли 1849 дар Фаронса китоби “Роҳнамои интихоби касб” аз чоп баромад. Соли 1883 методи тадқиқи психологӣ бо ёрии тест (тест аз забони англисӣ маънои масъала, санҷишро дорад) паҳн гардид, ки онро психологи англис Ф.Галтон пешниҳод карда буд. Ин усулро барои психологияи озмоишӣ бори аввал соли 1880 психологи амрикоӣ М.Кеттел пешниҳод карда буд. Соли 1896 усули мазкурро психологи фаронсавӣ А.Бине ба таври васеъ барои тадқиқи вижагиҳои инфиродии психологӣ мавриди истифода қарор дод.

Гуфтан лозим аст, ки бисёр педагогҳою психологҳо тестҳоро усули ягонаю универсалии тадқиқи хонандагон эътироф намуда, ба он, яъне тест аз будаш зиёд баҳо медиҳанд. Чунин аз будаш зиёд қадр кардани тест дар аксар мамлакатҳо ба назар мерасад.

Соли 1908 профессори Донишгоҳи Ҳарвард Ф.Парсонс дар шаҳри Бостон (ИМА) барои ёрӣ расонидан ба наврасон дар интихоби касб “Бюрои интихоби касб” ташкил кард. Эҳтимол бюрои мазкурро оғози ҳаракати корҳои касбинтихобкунӣ ҳисобидан лозим бошад. Баъдан чунин бюро соли 1910 дар Ню-Йорк низ кушода шуд. Бюро ба таҳқиқи муфассали талаботе шурӯъ кард, ки касбҳои гуногун ба инсон ва қобилиятҳои хонандагон пешниҳод мекунанд. Бюро фаъолияташро дар иртибот бо омӯзгорон амалӣ мегардонид ва тесту анкетаҳоро истифода мебурд. Таҷрибаи кори бюрои мазкур бо гузашти айём дар ИМА, Испания, Финляндия, Швейсария, Чехословакия ва дигар мамлакатҳо васеъ паҳн гардид.

Айни замон дар Англия қонун қабул шуд, ки он ба роҳбарони мактабҳо бо иҷозати Вазорати маориф ҳуқуқи кушодани муассисаҳоро медод, ки дар онҳо хонандагон (аз 17-сола поён) дар интихоби касби оянда ёрии машваратӣ ва иҷтимоӣ дар бораи вазъи бозори меҳнат, шароити кор аз рӯи ин ё он касб ва ғайра гирифта метавонистанд. Соли 1911 дар Англия дастури махсус қувваи қонунӣ пайдо кард, ки он кори биржаи меҳнат ва муассисаҳои мактабиро ҳамоҳанг месохт.

Тибқи дастури мазкур ба ном комитетҳои машваратдеҳ оид ба интихоби касб ва комитетҳои мактабии мусоидат ташкил карда шуданд, ки фаъолияташон ба комитетеҳои машваратдеҳ шабоҳат дошт. Дар давраи аз соли 1912 то соли 1917 чунин комитетҳо дар 130 округи Англия ташкил карда шуданд.

Худи истилоҳи “анг professio - намуди машғулият ва *orientation* - роҳнамо”, яъне касбинтихобкуниро профессори Донишгоҳи Ҳарвард Ф. Парсонс, ки соли 1908 дар Бостон аввалин дар Амрико бюрои касбии ёрӣ дар интихоби касбро ташкил карда буд, пешниҳод кардааст.

Дар коркарди масъалаҳои интихоби одамон ба кор директори лабораторияи психологии Донишгоҳи Ҳарвард профессор Г. Мюнстерберг ба комёбиҳои назаррас ноил гардид. Ӯро бунёдгузори

психотехника мешуморанд, зеро маҳз ӯ таҳиякунандаи тестҳои психотехникӣ мебошад.

“Психотехника соҳаи психология аст, ки ҳадафи он татбиқи психология ба ҳалли масъалаҳои амалӣ, асосан масъалаҳои марбут ба фаъолияти меҳнатии инсон мебошад. Барои муайян кардани ташхис ваояндабинии қобилиятҳои касбии инсон психотехника ба таври васеъ тестҳои психотехникиро истифода мебарад. Вале саргармии аз ҳад афзун дар санҷишҳои тестӣ, ки бидуни назардошти шароитҳои мушаххаси таърихии ташаккули шахсият гузаронида мешуданд ва ба қадри зарурӣ баланд набудани сифати кори илмӣ дар ин соҳа боиси маҳдуд гардидани миқёси татбиқи амалии психотехника шуданд”.

Психотехника дар Русия солҳои 20 ва нимаи аввали 30-уми асри гузашта васеъ паҳн шуда буд. Баъди соли 1936 он мавҷудияташро қатъ кард. Алҳол дар Русия марҳилаи эҳёи психотехника фаро расидааст. Мундариҷаи психотехника, масоил ва усулҳои он ба соҳаи психологияи меҳнат дохил шуданд. Як мисол меорем: яке аз компанияҳои бузургтарини телефон ба Мюнстерберг супориш дод, ки коршоямии номзадҳоро ба касби телефонистзан таҳлил кунад. Кори телефонистзанон хеле душвор ва мондакунанда маҳсуб мегардид, баъзан онҳо водор мешуданд дар як соат 15 пайвасткуниро ба ҷо оранд. Бо назардошти он, ки барои ҳар пайвастшавӣ телефонистзан бояд 14 амали алоҳидаи психофизикиро иҷро намояд, азкорравӣ дар соҳа зиёд буд. Ҳайратовар нест, ки на ҳамаи одамон ба чунин кори пуршиддат тоб оварда метавонистанд ва аз кор мерафтанд, ки ин ҳолат ба соҳибкорон фоидаовар набуд.

Вазъиятро муфассалан омӯхта Мюнстерберг оид ба интихоби касбии довталабон ва мансабҳои телефонистзан аз рӯи сифатҳои психофизиологии онҳо тавсия таҳия кард. Дар натиҷа азкорравӣ аз ин касб назаррас паст шуд. Супориши ояндаро ба таҳияи методикаи интихоби касбӣ барои ишғоли мансаби ронандгони вагонҳои

троллейбусҳоро ба Мюнстерберг “Ҷамъияти амрикоӣ оид ба ҳисобкард дар бораи меҳнат” пешниҳод кард. Методикаҳои таҳия намудаи Мюнстерберг оид ба муайян кардани коршоямии касбии телефонистзанҳо ва ронандгони вагонҳо бо вуҷуди номукаммалӣ дар дигар мамлакатҳо паҳн гардид. Бинобар ин, психологи немис В.Штерн тарзи санҷиши ашхосро ба вазифаи ронандаи вагон такмил дод.

Ҷанги якуми ҷаҳон (солҳои 1914-1918) ҳамчунин ба тавсеаи минбаъдаи талаботи муайян кардани коршоямии касбӣ таъсир расонд: ҷанг ҳукуматдорони ҷонибҳои даргири мамлакатҳои капиталистиро водор сохт, ки тайёрии босуръати ашхоси дорои сифатҳои зарурии ақлонию ҷисмониро ба кори ҳарбӣ ташкил кунанд.

Дар Олмон дар иртибот бо зарурати тақвияти интихоби касбӣ соли 1922 қонун дар бораи низоми корҳои касбинтихобкунӣ ва машваратдиҳии касбӣ қабул шуд. Ҳамчунин низомнома дар бораи принсипҳои роҳбарӣ ба ин низом тасдиқ гардид. Тибқи низомнома бюрои машваратдиҳии касбӣ, ки маъмулан дар назди биржаҳои меҳнат ташкил мешуданд, бояд корҳои зеринро ба анҷом мерасониданд:

1) Гузаронидани тайёрии мунтазами наврасон ба интихоби касб ва ба ин мақсад нигоҳ доштани алоқаи зич бо мактаб (дар амал ин кор чор-панҷ моҳ пеш аз хатми мактаб шурӯъ мегардад);

2) Пешниҳод кардани ҷавобу иттилооти марбут ба касбинтихобкунӣ ҳам ҳангоми қадам гузоштан ба ҳаёти касбӣ ва ҳам дар мавриди тағйир додани касб;

3) Гузаронидани муоинаи психологӣ;

4) Ба тавсияҳо ҳамроҳ кардани роҳхат ба кор ё ба омӯзиши касбӣ.

Ҳамин тариқ, рушд ва тавсеаи талаботи иҷтимоию иқтисодии истеҳсолоти капитализми тараққӣ ёфта истода, масъалаи касбинтихобкунии ҷавононро тезу тунд карданд. Вале дар ҳамаи мамлакатҳо ташаккули низоми касбинтихобкунии ҷавонон ба манфиати сармоя ҳал карда мешуд.

Ба хусусияти синфии корҳои касбинтихобкунӣ дар ҷамъияти капиталистӣ Н.К. Крупская низ ишора кардааст: “Мо мебинем, - қайд мекунад ӯ дар мақолаи “Дар бораи интихоби касб” (1929), - чи тавр ҷамъияти кӯҳнаи капиталистӣ барои оммаи васеи аҳолӣ соҳаи интихоби касбро маҳдуд карда, ҳар гуна миёнадеворaҳои синфии манъкунанда ба вуҷуд оварда, як қатор касбҳоро ба синфҳои муайян номнавис карда буданд” [86, с.119].

Алҳол корҳои касбинтихобкунӣ дар мамлакатҳои капиталистӣ то андозаи муайян бо талаботи пешрафти илму техника, бо зарурати объективии баланд бардоштани сифати тайёр кардани нерӯи корӣ, ки барои истифода дар корхонаҳои автоматонида ва механиконида коршоянд, машрут гардидааст. Ҳамзамон, он ба тайёр кардани нерӯи корие нигаронида шудааст, ки ба суръати баланди меҳнат ва шиддати калон тоб оварда тавонанд. “Пешрафти илму техника, - гуфта буд В.И. Ленин, - дар ҷамъияти капиталистӣ маънои пешравӣ дар санъати арақи ҷабин баровcovарданро дорад” [91, с.9].

Дар раванди корҳои касбинтихобкунӣ буржуазия вазифаи барои худ тайёр кардани коргарони мутеъро мегузорад, ки бе чуну чаро дар меҳнати маҷбурӣ иштирок карда тавонанд. Бинобар ин, буржуазӣ вонамуд карданӣ мешавад, ки корҳои касбинтихобкунӣ гӯё шаҳодати ғамхории давлати буржуазӣ дар бораи ҷавонон бошад ва ҳамвора дар бобати ба капитализми “инсондӯст” ва “халқӣ” сабзида расидани сохти капиталистӣ сухан меронад. Омӯзгор ва устои таълими истеҳсолии муассисаи таълимӣ касбии махсус, усто бояд ин бофтаҳою сохтаҳои идеологҳои буржуазиро донанд, дар шароити муборизаи шадиди идеологӣ бо капитализм ниятҳои ҳақиқии онро фош карда тавонанд. Айни замон дар кори худ таҷрибаи хориҷии касбинтихобкунии ҷавононро омӯхтан ва интиқодан истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Низоми Ф. Тейлор маъруфияти хоса ба даст овард. Ӯ методи мушоҳидаҳои хронометражӣ ва арзёбии таҳлилии корҳоро, ки ба меъёргирии меҳнат, пардохти музди он, ташкили ҷои кор, танаффусҳои танзимшуда ва се намуди интихоб – олати меҳнат, усулҳои меҳнат, иҷрокунандагонро дар як низом муттаҳид сохтааст, таҳия кард.

В.И. Ленин таъкид карда буд, ки низоми мазкур истисморӣ буда, ба манфиати сармоя хизмат мекунад, вале, айни замон, он "як қатор комёбиҳои ғанитарини илмро дар кори таҳлили ҳаракатҳои механикӣ ҳангоми меҳнат, рафъ намудани ҳаракатҳои нолозим ва ноӯҳдабароёна, ... ҷорӣ кардани низоми ҳисобгирию назорат ва ғайраро дарбар мегирад" [91, с.67].

Дар Русияи подшоҳӣ китоби "Интихоби факултет ва гузаштани таҳсили донишгоҳӣ", ки андешаҳоро дар бораи интихоби касб ҳангоми дохил шудан ба донишгоҳ дарбар мегирифт, соли 1897 бори аввал аз чоп баромад. Муаллифи китоб Н.И. Киреев, муаррихи либералию буржуазии рус, профессори Донишгоҳи Петербург буд. Вале интихоби касб мисли мамлакатҳои дигар бо нобаробарии иҷтимоӣ маҳдуд карда мешуд. Тамоми корҳои касбинтихобкунӣ бо як мақсад гузаронида мешуд: афзун кардани фоида аз ҳисоби пурзӯр кардани истисмор.

Дар оғози қарни бистум дар Русия кори босуръат оид ба корҳои касбинтихобкунӣ таҳти ҳимояи Музеи педагогии хонаи муаллимон (Москва) сар мешавад. Ҳамаи кор аз он оғоз ёфт, ки музей оид ба масъалаи интихоби касб аз ҷониби хонандагони мактабҳои гуногунтип як қатор таҳқиқот гузаронд. Таҳқиқоти мазкур имкон дод, ки хоҳиши хонандагон дар бораи ба кадом касбҳо бартарият додани онҳо, сабаби ин ё он ихтисосро интихоб кардани ҷавонон муайян карда шаванд. Ҳамаи ин суолҳо дар рафти райъпурсии хонандагон дар бораи касбиояндаи онҳо, ки музей гузаронд, муайян карда шуданд.

Ва танҳо сотсиализм, ки ҳамаи маҳдудиятҳои иҷтимоиро дарҳам шикаст, интихоби касбро, ки на танҳо манфиати иқтисодӣ меорад, балки

чун шарти рушди ҳамаҷонибаи инсон хизмат мекунад, дар ҳақиқат озод кард.

Аз солҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ дар ИҶШС ба масъалаҳои корҳои касбинтихобкунӣ диққати калон дода мешуд. Асосҳои илмии касбинтихобкунии ҷавононро Н.К. Крупская, Л.В. Луначарский, С.Т. Шатский, А.С. Макаренко ва дигарон тадқиқ кардаанд. Принсипи асосии коркарди низоми касбинтихобкунии хонандагон дар солҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ принсипи рушди ҳамаҷонибаи инсон буд. Дар бораи оянда фикр карда Н.К. Крупская навишааст: “Самти рушд ба сӯи ҷамъияти бесинф аст, яъне ҷамъияте, ки дар он девори байни меҳнати ҷисмонӣ ва ақлонӣ аз байн бардошта мешавад. Омезиши касбҳои аз ҳама олӣ ва аз ҳама одӣ ба вуҷуд меояд” [86, с.24].

Индустрикунонии мамлакат, ки солҳои 20-30 сар шуд, ҳар чи тезтар ҳал кардани масъалаи тайёркунии оммавии кадрҳоро тақозо мекард, ки ҳалли он бидуни ҳалли масъалаи дигар – масъалаи интихоби касб аз ҷониби одамони алоҳида ғайриимкон буд. Корро мақомоти маориф, ҳифзи тандурустӣ, комиссариати халқии меҳнат мегузарониданд.

Дар ИҶШС масъалаҳои меҳнат, тайёрии меҳнатӣ ва минбаъд, корҳои касбинтихобкунӣ дар доираи идеологияи дар он солҳо ҳукмфармои марксистӣ сурат мегирифт. Дар назди Пажӯҳишгоҳи марказии меҳнат, ки соли 1921 бо дастури бевоситаи В.И.Ленин кушода шуда буд, лаборатория таъсис ёфт, ки вазифаи асосиаш корҳои касбинтихобкунӣ буд.

Тадриҷан омӯзишу тадқиқи ин масъала дар дигар марказҳои мамлакат низ оғоз ёфт: дар Пажӯҳишгоҳи умумиукраинии меҳнат (Харков), дар лаборатория оид ба корҳои касбинтихобкунӣ дар назди шӯъбаи психофизиологии Бюрои қазонии ташкилоти илмии меҳнат, дар Пажӯҳишгоҳи бемориҳои касбии ба номи Обухови Москва ва дигар шаҳрҳо. Баъдтар, соли 1922 Комиссариати халқии РСФСР масъалаи такмили бюрои касбинтихобкунии наврасонро баррасӣ кард.

Бюрои нахустин соли 1927 дар назди Биржаи меҳнати Ленинград арзи вуҷуд кард. Оид ба корҳои касбинтихобкунӣ кормандони босалоҳият-- машваратгарони корҳои касбинтихобкунӣ маслиҳатҳо медоданд. Солҳои 1930 Лабораторияи марказии оид ба маслиҳатҳои касбӣ ва касбинтихобкунии ШУМИК (ВЦСПС) ба коркарди низоми касбинтихобкунии мактабӣ шурӯъ кард. Соли 1932 ситоди ҳамоҳангсозии таҳқиқоти масъалаҳои касбинтихобкунии мактабӣ ташкил карда шуд. Ҳамин тариқ, дар давраи сиёсати нави иқтисодӣ ва дар аввали солҳои 1930 дар ИҶШС корҳои касбинтихобкунӣ рушди босуръат ёфт.

“Соли 1936 қарори тааccуфовари КМ ҲКУ (б) “Дар бораи таҳрифкориҳои педагогӣ дар низоми Комиссариати халқии маориф” чоп шуд. Қобили зикр аст, ки ҳуҷум ба илмҳои гуманитарӣ маҳз аз корҳои касбинтихобкунӣ оғоз ёфт. Маҳз корҳои касбинтихобкунӣ дар баробари нақзи озодӣ (ва пеш аз ҳама, озодии интихоб ...) заъфпазир буд. Соли 1937 таълими меҳнат дар мактаб манъ гардид ва корҳои касбинтихобкунӣ якбора маҳдуд карда шуд. Ҳамин тариқ, дар давраи тоталитаризми сталинӣ касбинтихобкуниро, ки воқеан бо масъалаи озодии интихоб алоқаманд буд, манъ карданд” [141, с.97].

Аз нав зинда шудани ин кор дар охирҳои солҳои 1950, вақте ки аввалин диссертатсияҳои илмӣ оид ба масъалаҳои касбинтихобкунии мактабӣ ҳимоя шуданд, оғоз ёфт. Дар солҳои 1960 (дар давраи нармтар шудани сиёсат дар солҳои ҳукмронии Н.С. Хрушев) гурӯҳи корҳои касбинтихобкунӣ дар Пажӯҳишгоҳи назария ва таърихи педагогикаи АИП ИҶШС (роҳбар А.Н. Волковский), лабораторияи корҳои касбинтихобкунӣ дар Пажӯҳишгоҳи психология дар Киев (роҳбар Б.А. Федоришин), Пажӯҳишгоҳи таълими меҳнат ва касбинтихобкунӣ дар назди Академияи илмҳои педагогии ИҶШС (роҳбар А.М.Голомшток) ташкил карда шуданд.

Дар солҳои рукуд (аз нимаи солҳои 1960 то нимаи солҳои 1980) ҳарчанд корҳои касбинтихобкунӣ расман манъ нашуда буд, сатҳи тадқиқи он коҳиш ёфт. Дар ин солҳо дар сатҳи расмии давлатӣ даъватҳои "тамоми синф ба ферма!", "... ба завод!", "... ба сохтмони комсомолӣ!" роиҷ буданд.

Чунин сиёсат ба мадди аввал на манфиатҳои шахсият, балки манфиатҳои хоҷагии халқ ва қобилияти мудофиавии мамлакатро мегузошт ва, дар натиҷа, ба таназзули корҳои касбинтихобкунӣ оварда расонид. Дар давраи "бозсозии "горбачёвӣ" дар ин самт корҳои нисбатан зиёд ба анҷом расонида шуд:

- бештар аз 60 марказҳои касбинтихобкунии ҷавонон дар минтақаҳо ва нуқтаҳои сершумори машваратгоҳҳои касбӣ дар ноҳияҳо ташкил карда шуданд. Дар Комитети давлатии меҳнати ИҶШС ин кор таҳти назорати О.П.Апостолов буд, ки дар самти эҳёи корҳои касбинтихобкунӣ ва амалан дар ташаккули хадамоти психологии мактаб саҳми арзанда гузоштааст;

- дар пойгоҳи Комитети давлатии меҳнат тайёрии фаъолонаи машваратгарони касбӣ оғоз ёфт. Лозим ба таъкид аст, ки дар он замон дар ИҶШС психологҳои амалияпардозро ба таври оммавӣ тайёр намекарданд;

- дар мактабҳои миёна курси "Асосҳои истеҳсолот. Интихоби касб" ҷорӣ шуд. Лозим ба таъкид аст, ки ин курс низ яке аз аввалин курсҳои психологӣ дар мактаб буд;

- гузариш ба кори нисбатан босифат оғоз ёфт (ҳарчанд таҷриба кам буд, вале он босуръат меафзуд);

- дар натиҷа соли 1986 хадамоти воқеии давлатии касбинтихобкунии ҷавонон бо дурнамои такмили минбаъда ташкил карда шуд.

Дар солҳои ҳокимияти шӯравӣ Россия ба яке аз мамлакатҳои пешқадами дунё табдил ёфт. Вазифаҳои азиме, ки дар назди мардуми

шӯравӣ меистоданд, аз ҳар кас татбиқи ҳадди аксари нерӯю қобилиятҳоро талаб мекарданд, ин кор бошад танҳо ҳамон вақт имконпазир аст, ки ҳар инсон дар сохтори касбии ҷамъият ҷоеро ишғол кунад, ки бештар ба хусусиятҳои психологӣ, донишу маҳоратҳои ӯ мувофиқат кунад.

Аз як тараф, мавҷудияти гуногунии касбу ихтисосҳо, аз ҷониби дигар, одамоне, ки бо як қатор мушаххасоти устувори инфиродию шахсиятӣ аз ҳам фарқ мекунанд, бо исрор ба назар гирифтани омилҳои мазкурро дар интихоби касб, муассисаи таълимӣ, ҷобаҷогузорӣ ва ҷойивазунӣ дар ҷои кор тақозо менамояд. Амалӣ гардонидан ва такмил додани ин кор ҳам ба дурнамои ҷорӣ ва ҳам дарозмуддати рушди мамлакатамон ҷавобгӯ мебошад.

Рушди илму техника, автоматониии истеҳсолот, ҷорӣ намудани равандҳои нави технологӣ, ташкили илмии меҳнат ва таҳкими пойгоҳи моддию техникии истеҳсолот омилҳое мебошанд, ки масоили касбинтихобкуниро ба қатори вазифаҳои муҳимтарини давлатӣ мебароранд.

Барои ҳамоҳангсозии корҳои касбинтихобкунии ҷавонон назди Вазорати маорифи ИҶШС шӯрои байниидоравӣ бо иштироки намояндагони “Госплан”-и ИҶШС, Комитети давлатии меҳнати ИҶШС, Иттифоқҳои касабаи умумииттифоқ ва КМ ВЛКСМ, дигар вазорату идораҳои дахлдор ташкил карда шуд.

Тибқи қарори КМ КПСС ва Шӯрои Вазирони ИҶШС “Дар бораи беҳтар намудани тарбияи меҳнатӣ, таълим, корҳои касбинтихобкунии мактаббачаҳо ва ташкили меҳнати истеҳсолии фоиданоки ҷамъиятии онҳо” (апрели соли 1984) дар бисёр шаҳрҳои мамлакат марказҳои касбинтихобкунии хонандагон ташкил карда шуданд, дар мактабҳои миёна мансаби ҷонишини директор оид ба тарбияи меҳнатӣ ва корҳои касбинтихобкунии хонандагон ҷорӣ карда шуд, нақши ҷомеаҳои меҳнатӣ

дар тайёр кардани хонандагон ба интихоби касб меафзояд, вақти таълими меҳнат ва меҳнати сермаҳсул назаррас зиёд мегардад.

Дар ин солҳо дар мамлакат шумораи таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои корҳои касбинтихобкунӣ меафзояд. Вале, бо вуҷуди комёбиҳои назарраси илмҳои педагогӣ дар тадқиқи ин масъала, бисёр чизҳоро ва, пеш аз ҳама, баъзе масъалаҳои таълими меҳнату касбинтихобкуниро дар амалия санҷидан лозим аст.

Ҳукумати Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият дар давраи рушди технологияҳои муосир ва талаботи бозори меҳнат ба кадрҳои баландихтисос сиёсати давлатиро дар соҳаи таълими меҳнатӣ ва интхоби дурусти касб муайян мекунад. Дар марҳилаи нави таърихӣ моҳият, мақсад, вазифаҳо ва мундариҷаи тарбияи меҳнатӣ ва корҳои касбинтихобкунии хонандагонро танзим намуда, нақш ва мақоми онҳоро дар ташаккули шахсият такмил медиҳад.

Оид ба масъалаҳои корҳои касбинтихобкунии хонандагон як қатор қарору санадҳои муҳим қабул карда шудааст. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2010, №499 Консепсияи касбинтихобкунии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо намояндагони илму маориф бахшида ба соли маориф ва донишҳои техникӣ қабул шудааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф тасдиқ гардидааст.

Дар Консепсия хусусиятҳои психолгию синнусолии хонандагон дар интихоби касб, қобилиятҳои инфиродӣ дар аз худ кардани дониш, малакаҳои технологӣ ва роҳҳои амалигардонии онҳо нишон дода шудаанд. Дар шароити нави муносибатҳои ҷамъиятӣ консепсия тамоюли рушди сиёсати далатиро бо назардошти маъно ва мундариҷаи фанни технологияи меҳнат ва интихоби касб амалӣ мегардонад.

Консепсия ҳуҷҷатест, ки асосҳои назарӣ ва методологиро дарбар мегирад, мақсаду вазифа, мазмуну мундариҷа, ҳамчунин хусусиятҳои

корҳои касбинтихобкунии хонандагонро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад.

Амалӣ гардонидани Консепсия ба интихоби дурусти касб ва баланд бардоштани сифатҳои касбии мутахассисон мусоидат мекунад ва татбиқи онро аз ҳамаи сохторҳои давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, новобаста аз мансубияти сохтор, дигар идораҳои дахлдор ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ талаб менамояд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015 №794 Барномаи рушди корҳои касбинтихобкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2020 тасдиқ шудааст.

Барномаи рушди корҳои касбинтихобкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2020 (минбаъд “Барнома”) дар асоси моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораиояндабинӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба иштиғоли аҳолӣ”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2010, №499 “Дар бораи консепсияи корҳои касбинтихобкунии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2008, №373 “Дар бораи қоидаҳои ташкили низоми тайёрии касбӣ, баланд бардоштани тахассус ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор” таҳия гардидааст.

Барнома моҳиятан иҷтимоӣ аст ва чун қисми таркибии Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии халқи Тоҷикистон дар амалигардонии сиёсати иҷтимоии давлат нақши муҳим мебозад ва татбиқи он ба баланд бардоштани сатҳи ҳаёти аҳолӣ, коҳиши сатҳи фақр, тақсимоти меҳнат, ба роҳ мондани фаъолияти самарабахши меҳнатии одамон дар таносубҳои муайян байни соҳаҳои мухталифи истеҳсолоти моддию маънавӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат мекунад.

Барномаи рушди корҳои касбинтихобкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2020 дар бобати интихоби озоди касб, касб ва сифатҳои шахсиятӣ, таносуби байни шавқу рағбат ва касбе, ки фард интихоб кардааст, мушаххасоти психикию функсионалии ӯ ва имкониятҳо дар бозори меҳнат, қонеъгардонии шахсият аз кор ва ба даст овардани мақоми инфиродии иҷтимоӣ, инкишофи тарзи ҳаёти солим ва ҳаёти сазовор тадбирҳои таъминоти иҷтимоиро пешбинӣ мекунад.

Стратегияи миллии инкишофи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Мактаби ибтидоӣ барои тайёрӣ ба азхудкунии намудҳои нави фаъолияти таълимӣ ва баробар сохтани шароитҳои ибтидоӣ идомаи таҳсилро то 5 сол зиёд мекунад,.

Мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ - синфҳои 10-11-ум бо мақсадҳои пойгоҳии интихоби бошууронаи касбӣ ва хатти сайри таҳсилоти касбӣ, аз худ кардани нақшҳои иҷтимоӣ ва салоҳиятҳои калидӣ чун захираи бомуваффақ мебошад.

Барномаҳои тайёрии касбӣ, ки азхудкунии касбҳои коргариро таъмин мекунад, ба барномаҳои умумитаҳсилотиии маълумоти миёна ворид карда мешаванд. Татбиқи онҳо бо захираҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, захираҳои худии мактаб, пойгоҳи истеҳсолии ҳудуд, ки мактаб ба он хизмат мерасонад, таъмин карда мешавад.

Гирифтани маълумоти умумии асосӣ азхудкунии касбро бо гирифтани сертификати дахлдор дарбар мегирад. Ин имкон медиҳад насли нав ба меҳнат чун нерӯи тахассусманди корӣ ворид гардад.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, №94 Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст. Тарбияи меҳнатӣ ва корҳои касбинтихобкунӣ. Меҳнат асоси ҷомеаи инсонӣ ва шаҳрвандиро ташкил мекунад. Ҳаёт инсонро аз хурдӣ ба меҳнат одат мекунонад. Малакаҳои аввалини меҳнатиро кӯдак дар боғчаи бачагон ва оила, аз рӯи принсипи аз сода ба мураккаб, аз камсамар ба самарабахш ба даст меорад.

Тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касб имкон медиҳад ҳар шаҳрванд кори худро дӯст дорад, бо намудҳои мухталифи фаъолияти инсонӣ шинос шудаю онҳоро мушоҳида карда, барои худ касби беҳтаринро интихоб кунад. Мақсади асосии тарбияи меҳнатӣ ва корҳои касбинтихобкунӣ тарбияи муҳаббат ба меҳнат ва фаъолияти меҳнатӣ, ҳамчунин ёрӣ расонидан ба интихоби касб мебошад.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020. Дастгирии рушди низоми таҳсилоти касбии ибтидоӣ ва миёна, ки ба самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти мамлакат (таҳкими пойгоҳи моддӣ-техникӣ, робитаҳои мутақобила ба корхонаю ташкилотҳо – корфармоёни оянда хатмкунандагон, рушд ва баланд бардоштани самарабахшии низоми корҳои касбинтихобкунии ҷавонон, ба вуҷуд овардани низоми озмунҳои минтақавӣ оид ба ихтисосҳои корӣ - Word skills Tajikistan) ҳамоҳанг карда шудааст.

## Хулосаҳои боби аввал

Ҳукумати Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият дар давраи рушди технологияҳои муосир ва талаботи бозори меҳнат ба кадрҳои баландихтисос сиёсати давлатиро дар соҳаи технология (таълими меҳнат) ва интихоби дурусти касб муайян мекунад. Дар марҳилаи нави таърихӣ моҳият, мақсад, вазифаҳо ва мундариҷаи тарбияи меҳнатӣ ва корҳои касбинтихобкунии хонандагонро танзим намуда, нақш ва мақоми онҳоро дар ташаккули шахсият такмил медиҳад.

Ҳамаи он касоне, ки дар сайёраи мо зиндагӣ мекунанд, новобаста аз он, ки онҳо кӣ ҳастанд ва дар кадом қисми олам зиндагӣ мекунанд, дар кадом давраи таърихӣ зиндагӣ кардаанд ва намояндаи кадом миллат, халқият, халқ, этнос ва ё қавм мебошанд, ин суолҳоро ба худ додаанд, медиҳанд ва хоҳанд дод.

Дар таҳқиқи ҳозираи мо, таърихи пайдоиш ва тараққии ҳунармандӣ ва зуҳури касбҳои халқи тоҷик ва халқҳои Осиёи Миёна, аз сохти ҷомеаи ибтидоӣ то рӯзҳои мо мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ба мақсади ҳал кардани масъалаи мазкур, руҷӯи муайяни таърихиро пеш гирифтем, яъне адабиёти сершумори илмӣ ва илмии оммабоб, маводи таърихӣ ва бостоншиносии маҳалҳои мухталифи таърихии Тоҷикистонро, ки дорои арзиши илмӣ буданд, омӯхтем, таҳлил ва тасниф намудем, бо сокинони маҳалҳои мазкур оид ба масоили мавриди таваҷҷӯҳ сӯҳбатҳои бисёр гузаронидем.

Рушди касбии аҷдоди мо бо мурури вақт, тадриҷан на танҳо ба тайёр кардани олотҳои муайян, балки фаҳмидани сохтору хосиятҳои масолеҳи истифодашаванда низ сабаб гардид. Аз намуди зоҳирии онҳо ба хулоса омадан мумкин аст, ки аллакай дар ин давра одамон дар бораи хелҳо ва хосиятҳои сангҳо (мулоим, сахт, зудшикан) маълумот доштанд ва дониши худро ҳангоми тайёр кардани аслиҳаҳои таъиноташон гуногун истифода мебурданд.

Дар асоси маводи таърихии мавҷуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар давраи мезолит теъдоди аҳолӣ дар шароити модарсолорӣ - авлодӣ нисбатан зиёд будааст. Дар натиҷаи самтгирӣ ба махсусияти касб фаҳмиши нави моҳияти касб ба миён меояд.

Ҳамин тариқ, дар фарҳанги авестоӣ ҳунарҳое, аз қабили оҳангарӣ, бофандагӣ, мусиқорӣ, заргарӣ, кулолгарӣ ва ғайра бо эҳтироми махсус тавсиф шудаанд, ҳарчанд ин таърифу тавсифҳо ба пояи ситоиши шеъру шоирӣ намерасад.

Дар ин бобат бисёр асарҳои меъморӣ, ҳайкалшиносӣ ва рассомӣ, ҳамчунин унсурҳои маишӣ, либос ва ғайра шаҳодат медиҳанд. Онҳо исбот менамоянд, ки дар ин давраи таърихӣ дар Осиёи Миёна намояндагони ихтисосҳои мухталиф, ки бо касбҳои дар боло зикргардида, алоқаманд буданд, зиндагӣ мекарданд, фаъолият мебурданд, осорашонро ба мо ба мерос гузоштаанд. Касбҳое ҳастанд, ки 1000 сол муқаддам ба вуҷуд омадаанд.

“Дар ороишоти ёдгориҳои меъмории он давр майлҳои ҳотамткорӣ ва таҷаммулписандӣ тазоҳуроти равшани худро пайдо намуданд. Василаҳои ороишгарӣ хеле гуногун ва мукаммал буданд. Дар ин бобат низ комёбиҳои пешинзамон ва бозёфтҳои тоза ба ҳам омехта, мавриди истифода қарор мегирифтанд.

Пешрафти илм ба рушди санъат, махсусан, санъати ороишгарӣ таъсир расонид. Имрӯз дар ҷаҳон миқдори хеле зиёди касбҳои гуногун мавҷуд аст, ки дар замонҳои мухталифи таърихӣ арзи ҳастӣ кардаанд.

Гуфтан лозим аст, ки рушди илму техника, автоматикунонии истеҳсолот, ҷорӣ намудани равандҳои нави технологӣ, ташкили илмии меҳнат ва таҳкими пойгоҳи моддию техникии истеҳсолот омилҳое мебошанд, ки масоили корҳои касбинтихобкуниро ба қатори вазифаҳои муҳимтарини давлатӣ мебароранд.

Ҳамин тариқ, истифодаи тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касб имкон медиҳад ҳар шаҳрванд кори худро дӯст дорад, бо намудҳои мухталифи

фаъолияти инсонӣ шинос шудаю онҳоро мушоҳида карда, барои худ касби беҳтаринро интихоб кунад ва ташаккули босалоҳиятии корҳои касбинтихобкунии омӯзгори оянда хизмат намоянд.

# БОБИ II. ОМОДАГИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА БА ТАШКИЛИ КОРҲОИ КАСБИНТИХОБКУНӢ ВА ИМКОНИЯТИ ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

## 2.1. Омодагии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ

Ҳуқуқи якҷоя бо волидайн интихоб кардани касб, намуди иштиғоли меҳнатӣ тибқи қобилият, маълумот ва бо назардошти талаботи хоҷагии халқ ба кадрҳои баландихтисос дар шароити ошкор сохтани хусусиятҳои шахсият, кори тарбиявӣ бо хонандагон ва падару модарони онҳо, ҳамчунин ҳалли якҷояи бисёр масъалаҳои дигар, ки дар раванди кору корҳои касбинтихобкунӣ ба миён меоянд, амалӣ мегардад. Комёбии ин кор аз бисёр ҷиҳат ба сифати тайёрии мутахассисон, ки кори касбинтихобкунииро амалӣ мегардонанд, вобаста аст. Чунин мутахассисонро алҳол дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ аз рӯи ихтисоси №2120 “Фанҳои умумитехникӣ ва меҳнат” тайёр мекунанд. Омӯзгорони оянда бояд донанд, ки “Маркази корҳои касбинтихобкунӣ бо хонандагон муассисаи маълумоти умумӣ ба ҳисоб меравад, ки вазифааш бо ҳарчӣ бештар ба назар гирифтани он шароитҳои ҷамъиятие, ки хонандагон дар онҳо зиндагию кор мекунанд, ба воя расонидан, таълим додан ва тарбия кардани насли ҷавон мебошад” [155, с.12].

Ҳалли ин вазифа танҳо дар сурати таъмин кардани сатҳи баланди маълумоти умумӣ ва политехникии ҷавонон, дар онҳо тарбия намудани омодагии психологӣ ба меҳнат кардан имконпазир мебошад. Лозим ба таъкид аст, аллакай дар хонандагони синфҳои V-IX – и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маҳорату малакаҳои умумимеҳнатиро ташаккул дода, барои интихоби бошууронаи касб шароит фароҳам овардан зарур аст.

Олими намоёни тоҷик А.М. Миралиев дар китоби худ менависад: “Корҳои касбинтихобкунӣ ба насли наврас расонидани дониш дар бораи касбҳои гуногунсамт, аҳамияту хусусиятҳои онҳо, ташаккул додану

тарбия намудани шавқу рағбати устувору амиқ ба касбҳои муайян ё гурӯҳи касбҳо бо назардошти майли шахсии хонандагон мебошад”.

Дар натиҷаи кор оид ба корҳои касбинтихобкунӣ хонандагон бо олами касбҳо шинос мешаванд. Мундариҷаи асосии кор оид ба корҳои касбинтихобкунӣ амалҳои зеринро дарбар мегирад:

1. Бо дониш дар бораи мундариҷаи меҳнати кормандони касбҳои гуногун ва талаботе, ки ба ин касбҳо пешниҳод карда мешаванд, мусаллаҳ намудани хонандагон;

2. Омӯхтани хусусиятҳои инфиродии ҷисмонӣ ва психологии хонандагон;

3. Расонидани ёрӣ дар интихоби касб;

4. Расонидани ёрӣ дар аз худ кардани касб. [66, с.52].

Маҳз дар мактаб дар насли наврас ба намудҳои мухталифи фаъолият шавқу рағбат ташаккул дода мешавад. Корҳои касбинтихобкунӣ, ки дар вақти дарс ва берун аз дарс амалӣ мегардад, бояд инкишофи хусусиятҳои инфиродӣ ва қобилиятҳои эҷодии ҳар як хонандаро таъмин кунад, самтияти касбиро дар ягонагии манфиатҳои шахсию ҷамъиятӣ ташаккул диҳад. Корҳои касбинтихобкунӣ асоси худмуайянкунии касбии мактабиён мебошад. Худмуайянкунии касбӣ ва шахсиятӣ умумиятҳои хеле зиёд доранд, амалан ба ҳам омехта мешаванд. Таҳлили амиқи ин мафҳумҳо ба ошкор сохтани ду фарқи усулии онҳо имконият медиҳад:

1) “худмуайянкунии касбӣ” мафҳуми нисбатан мушаххастар аст, он ба расмиятдарории нисбатан одитари ҳуқуқӣ (диплом, сертификат ва ғайра) дорад; “худмуайянкунии шахсиятӣ” дар қиёс ба худмуайянкунии касбӣ нисбатан мураккабтар аст, гирифтани ҳуҷҷати расмӣ дар бораи худмуайянкунии шахсиятӣ имконпазир аст, алҳол ба ашхоси аз лиҳози равонӣ солим ҳуҷҷат дар бораи “шахсият” намедиҳанд;

2) худмуайянкунии касбӣ бештар аз шароитҳои мусоиди берунӣ вобаста аст, худмуайянкункунии шахсиятӣ бошад аз худи инсон вобаста

мебошад, зимнан шароити атроф чи қадар кӣ бадтар бошад, имконияти сифатҳои беҳтарини худро зоҳир сохтани шахсият бештар аст. Ба хотир меорем, ки маъмулан қаҳрамонон дар вазъиятҳои мураккаби ҳаётӣ арзи ҳастӣ мекунанд. Дуруст аст, ки дар давраҳои некӯаҳволӣ, ки саршор аз “дилкашолиҳо” ва “хушбахтиҳо”, бо табассумҳои шахшуда (вақте ки ҳама “бояд” хушбахт бошанд) мебошанд, ба ҳар ҳол ашхосе ёфт мешаванд, ки дар ҳалли масъалаҳои барои одамони тангназар нофаҳмо ҷидду ҷаҳд ва пофишорӣ мекунанд. Барои чунин одамон давраҳои некӯаҳволӣ ба имтиҳони ҷиддӣ табдил меёбад ва онҳо барои худинкишофи шахсиятӣ, худмуайянкунӣ шароит фароҳам меоранд.

Шартан типҳои асосии зерини худмуайянкуниро ҷудо кардан мумкин аст: касбӣ, ҳаётӣ, шахсиятӣ. Дар сатҳҳои олии зуҳуроти худ ин типҳо қариб ки мутақобилан нуфузпазиранд. Масалан, соҳибкасб ё чи тавре ки мегӯянд, профессионале, ки дар кор маънои асосии ҳаёташро ёфтааст, бе ҳеч шакку шубҳа худро чун шахсият низ амалӣ мегардонад. Дар мавриди дигар, инсон дар “хоббӣ”, масалан, шеъргӯӣ ба дараҷае мерасад, ки на ба ҳар як шоири касбӣ даст медиҳад, атрофиён низ дар бораи ӯ чун “*шоири ҳақиқӣ*” сухан меронанд.

Фарқҳои (аломатҳои фарққунандаи) вижаи ин типҳои худмуайянкунӣ метавонанд дар нуктаҳои зерин таҷассум ёбанд.

Ба худмуайянкунии касбӣ хос аст:

1) расмиятгароии зиёд (касбият дар диплому сертификатҳо, дар дафтарчаи меҳнат, дар натиҷаҳои кор ва ғайра инъикос меёбад);

2) мавҷудияти шароитҳои мусоид (дархости иҷтимоӣ, ташкилотҳои дахлдор, таҷҳизот ва ғайра).

Ба худмуайянкунии ҳаётӣ хос аст:

1) глобалӣ будан, ҳама ҷиҳатҳоро фаро гирифтани тарзу усули ҳаёти хоси муҳити иҷтимоӣ-фарҳангие, ки дар он инсон зиндагӣ мекунад;

2) вобастагӣ аз қолабҳои шуури ҷамъиятии ҳамин муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ;

3) вобастагӣ аз омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва дигар омилҳои “объективӣ”, ки ҳаёти ин гурӯҳи иҷтимоӣ ва касбиро муайян мекунанд.

Ба худмуайянкунии шахсиятӣ хосанд: 1) ғайриимкон будани барасмиятдарории ё суваргароии пурраи “рушди шахсият” (чи тавре, ки қайд гардид, тасаввур кардан мушкил аст, ки инсон бо сабти зерин диплом ё сертификат дошта бошад: “Соҳиби ин ҳуҷҷат “Шахсият мебошад”); 2) шароитҳои аз нуқтаи назари одамони муқаррарӣ номусоид ё мураккаб, ки на танҳо ба зоҳир гардидани сифатҳои беҳтарини шахсиятии инсон халал намерасонанд, балки аксаран ба рушди чунин сифатҳо муосидат менамоянд. Тасодуфӣ нест, ки қаҳрамонон маҳз дар марҳилаҳои мушкил, davraҳои гузариши ҷамъиятию таърихӣ арзи ҳастӣ мекунанд. Дуруст аст, ки дар марҳилаҳои “мусоид” низ инсон имкони ба ҳар ҳол барои худ ёфтани масъалаи сазовор ва барои ҳалли он кӯшиш ба харҷ додан дорад, яъне шахсият дар марҳилаи “беҳбудӣ” низ мисли тангназарон фақат ба “кайфу сафои зиндагӣ” машғул намешавад. Чунин худмуайянкунӣ дар марҳилаҳои “беҳбудӣ”, ки саршор аз васваса ва фисқу фуҷур мебошад, эҳтимолан нисбат ба қаҳрамонӣ дар давраи ҷанг ва дигар фалокату садамаҳои мушаххас, вақте баъзан инсон маҷбур аст шахсият бошад, назаррастар мебошад.

Дар замони ҳозира, вақте ки одамони ба камол расида қисми асосии вақташонро дар кор мегузаронанд, худмуайянкунии шахсиятӣ аз бисёр ҷиҳат бо худмуайянкунии касбӣ (бо кори асосии ҳаёт) вобаста аст. Ҳарчанд дар оянда вазъиятҳое низ имконпазиранд, ки вақти аз кор холии инсон барои рушди шахсӣ беш аз пеш зиёд хоҳад шуд. К. Маркс моҳияти пешрафти фарҳангию таърихиро маҳз дар ҳамин медид, яъне пешрафт ба туфайли инкишофи нерӯҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ беш аз пеш вақтро барои тараққии қобилиятҳои иҷтимоии фардҳо озод мекунад [105, с.63]. Дар он вақт, эҳтимолан, маҳз худмуайянкунии ҳаётӣ (берун аз доираи бисёр намудҳои кӯҳнаи фаъолияти касбӣ) барои аксари одамон асоси худмуайянкунии шахсиятӣ мегардад.

Вале ҳамаи гуфтаҳои боло то чӣ андоза ба касби “психолог” дахл доранд? Ба ҳар ҳол, барои психолог (мисли намояндагони дигар касбҳои гуманитарию эҷодӣ) худмуайянкунии шахсиятӣ, пеш аз ҳама, бо кори асосии ҳаёт алоқаманд хоҳад буд. Масалан, тасаввурнопазир аст, ки ягон паротовғундор ё фаррош маънои асосии ҳаёташро бо кораш вобаста кунад: аниқтараш ӯ, ин намуди фаъолиятро аз рӯи зарурат иҷро мекунад ва онро ба сифати воситаи асосии татбиқи талаботи худ дар эҷодиёт баррасӣ намекунад. Дар касбҳои эҷодӣ (масалан, дар касбҳои психологӣ-педагогӣ) бошад, мутахассис имконияти хеле хуб амалӣ гардонидани ниятҳои эҷодиашро дорад. Аммо оё ҳамаи психологҳои мо, ба чунин худтатбиққунӣ ва худтранстендесия (худсӯзию азхудгузарӣ) тайёранд, яъне ба мунтазам васеъ намудани нияту имкониятҳои худ имконият доранд?

Дар ҳар типҳои асосии худмуайянкунӣ (касбӣ, ҳаётӣ, шахсиятӣ) шартан зертипҳо ё зернамудҳоро ҷудо кардан мумкин аст, ки тибқи меъёри васеии диапазон ва худи имкони худмуайянкунӣ аз ҳамдигар фарқ доранд. Азбаски меъёри “каму зиёд” (имкониятҳо) ҷорӣ карда мешавад, ин зернамудҳоро сатҳҳои имкониятҳои худмуайянкунӣ номидан дурусттар аст. Барои ҳам худмуайякунии касбӣ ва ҳам худмуайянкунии ҳаётӣ метавон панҷ сатҳи алоҳидаро ҷудо кард. Азбаски дар рафти рушди худ дар ягон фаъолияти мушаххас инсон ҳамзамон худро чун шахсият амалӣ мегардонад, барои худмуайянкунии шахсиятӣ сатҳҳои алоҳида – сатҳҳои амалигардонии имкониятҳои мавҷуда (аз рӯи типҳои худмуайянкунии касбӣ ва ҳаётӣ) ҷудо карда мешаванд. Барои аёният ҳамаи ин дар расми 2 инъикос гардидааст. Чи тавре ки зоҳир гардид, дар рафти инкишоф ва амалигардии эҷодӣ худмуайянкуниҳои касбию ҳаётӣ наздик мешаванд ва ба ҳамдигар нуфуз мекунанд. Дар расм ҳолати мазкур дар намуди ақрабакҳои ба ҳам нигаронида нишон дода шудааст.

Сатҳҳои амалигардонии имкониятҳои мавҷуда (сатҳҳои умумӣ оид ба типҳои худмуайянкунии касбӣ ва ҳаётӣ):

1) ҷангталабона ё хасмона напазируфтани фаъолият аз рӯи ҳамин тип, намоишкорона сарфи назар кардан ва ҳатто хароб сохтани имкониятҳои мавҷуда. Масалан, ин ҳолат мумкин аст дар "мунтазам муайян кардани муносибат" бо ҳамкорон, роҳбарият ё муштариён инъикос гардад. Дар худмуайянкунии ҳаётӣ ин мумкин аст, масалан, дар истифода набурдани имкониятҳо барои ҳалли масъалаҳои муҳими рӯзгор ё ба вуҷуд овардани мушкилоти сунъӣ дар иҷрои ягон кори наҷиби ҷамъиятӣ зоҳир гардад.

2) канораҷӯии хомӯшона аз фаъолият тибқи типи мазкур. Масалан, дар кор инсон бо ҳар роҳ барои иҷро накардани вазифаҳои касбии худ баҳонаҷӯӣ менамояд. Дар ҳаёти ҳаррӯза ин кор дар танбалӣ ва фаъол набудан зуҳур мекунад.

3) амалигардонии тарзҳои қолабии фаъолият. Масалан, педагог танҳо тибқи "дастуруламал" кор мекунад ва худаш ҳаёти касбиашро бо роҳи пурра амалӣ нагардонидани ҳатто он имкониятҳо, ки дар ихтиёр дорад, назаррас коҳиш медиҳад.

Дар ҳаёти ҳаррӯза ин ҳолат дар намудҳои қолабӣ ва бинобар ин, тарзҳои ногузир ҳарзакорона гузаронидани вақти холӣ (картабозӣ, телевизорбинии бе ҳадду ҳисоб, вақте ки инсон аз олами ҳақиқӣ ба олами тахайюлот меравад) зоҳир мегардад. Хавфнокии ин сатҳ дар он аст, ки шаклан инсон ҳамаи корҳои "фармуда"-ро иҷро мекунад ва ба ӯ ягон эрод гирифтан имконнопазир аст. Вале зимнан ҳаёти чунин инсон бемақсаду бемундариҷа мегузарад ва инсон мумкин аст, дар охири ҳаёт ин нуктаро дарк кунад.

4) ҷидду ҷаҳди такмил додани унсурҳои алоҳидаи фаъолияти худ, яъне воқеан оғози эҷодиёти ҳақиқӣ, вале дар доираи тарзҳои анъанавии фаъолияти ҳаётӣ. Масалан, омӯзгор на танҳо "фармуда"-ҳоро иҷро мекунад, балки мекӯшад сабки инфиродии фаъолияти худро ташаккул

диҳад, ба вазифаҳои нисбатан нав, нисбатан мураккабтар даст занад ё тарзу усулҳои ғайриодии корро ҷустуҷӯ намояд. Дар ҳаёти ҳаррӯза ин мавқеъ дар назаррас тағйир ёфтани муносибатҳои мутақобила бо одамони атроф, ҷустуҷӯи имкониятҳои нави ҳалли масоили мавҷудаи ҳаётӣ зоҳир мегардад ва ғайра.

5) ҷидду ҷаҳди умуман назаррас такмил додани фаъолияти худ. Масалан, дар кори худ педагог на тарзҳои алоҳидаро куллан тағйир медиҳад, балки хусусият ва ҳатто мақсади фаъолияти худро дигаргун месозад, ки боиси мавқеи ӯро идрок накардани атрофиён ва, ҳатто, мухолифату низоъ бо онҳо мегардад, ки табиист, на ҳар кас чунин вазъиятро таҳаммул карда метавонад. Ин ҳолат метавонад дар моҳиятан тағйир додани тамоми тарзи ҳаёти худ, дар ҷустуҷӯи муносибатҳои усулан нав дар ҳалли масаъалаҳои ҳаётан муҳимм ва ғайра инъикос гардад.

Дар расм бо тирчаҳои (амудии) алоҳида ҳамчунин вариантҳое ишора шудаанд, ки инсон барои худ имкони татбиқи иқтидори эҷодиашро берун аз доираи тасаввуроти аз ҷониби умум пазируфта меёбад (тирчае, ки ба боло нигаронида шудааст). Вале, чи тавре, ки мукаррараран таъкид гардид, барои мутахассиси навкор чунин вектори рушд метавонад амалан “ҳалокатовар” гардад, зеро барои ин худамалигардонӣ (дурусттараш аз худ баромадан, яъне ҳам аз доираи худ ва ҳам аз доираи тасаввуроти аз ҷониби умум эътирофгардида баромадан) ба ҳар ҳол “пойгоҳи” қавӣ ва таҷрибаи худтатбиққунӣ дар стаҳҳои нисбатан дастрас тақозо карда мешавад. Дар акси ҳол мушкилоте ба миён меоянд, ки ба ашхоси ба ном “доҳиёни эътироф нагардида” хосанд. Тирчаи поёнӣ дар расм ба имконияти эҳтимолии таназзури маънавӣ ва шахсиятӣ ишора мекунад. Дар ин маврид, мутахассиси худмуайянкунанда амалан вақти худро ба корҳои мухталифи “майда-чуйдаи ҳаёт” сарф мекунад ва ояндаи назаррас ва дурахшони рушдашро аз даст медиҳад.

Ҳамин тариқ, схемаи мазкур бори дигар ҳақиқати маъруфро тасдиқ мекунад, ки ҳатто дар мавриди маҳдуд будани имкониятҳо худро ба ҳайси шахсияти комилиёр татбиқ кардан мумкин аст. Бо вуҷуди ин барои шахсияти эҷодкор вазъияти зерин матлубу мақбул аст: ҳам имкониятҳоро васеъ кардан ва ҳам дар худ барои татбиқи ин имкониятҳои васеъ нерӯ пайдо кардан.

Аз рӯи мушоҳидаҳои мо, мутахассисони ҷавону донишҷӯён ба васеъ кардани имкониятҳои худ диққати калон медиҳанд ва баъзан хеле дуруст фикр мекунанд, ки амалигардонии имкониятҳои мазкур кориояндаи наздик аст. Мухатассисони калонсои машғули меҳнат тадриҷан диққаташонро ба татбиқи имкониятҳои касбии мавҷуда равона мекунанд.

Вазъияти зеринро вазъияти идеалӣ шумурдан мумкин аст: ба донишҷӯён махсус ёд додани амалигардонии имкониятҳои хурд (зеро на ҳамеша ҳама одамон аз лиҳози касбӣ хуштолеъ мегарданд, баъзеҳо хоҳ-нохоҳ дар марҳилаи аввал бо имкониятҳои муҳдуди рушди касбӣ ва ба роҳ мондани карйераи бомуваффақият қонеъ мегарданд) ва дар мутахассисони коркунанда махсус ҳавасманд гардонидани ҷидду ҷаҳд ба тавсеаи имкониятҳои касбӣ. Вале, азбаски амалан ин корҳо қариб ки иҷро намешаванд, дар назди мутахассисони коркунанда ё донишҷӯёни худмуайянкунанда вазифаи эҷодии нав ба миён меояд: ҳамзамон васеъ кардани имкониятҳои касбӣ ва дар худ баланд бардоштани омодагӣ (сатҳи) ба амалигардонии пурраи имкониятҳои мавҷуда.

Мафҳуми “худмуайянкунӣ”-ро, агар бо забони имрӯза гӯем, муродифҳои зерини он “худфаъолкунӣ”, “худтатбиқкунӣ”, “худамалигардонӣ”, “азхудгузарӣ”, ки бо фаъолияти меҳнатӣ, бо кор вобастаанд, низ ифода менамоянд. Масалан, А. Маслоу чунин мешуморад, ки” худфаъолкунӣ “тавассути иштиёқ бо кори муҳим” зоҳир мегардад. К. Ясперс худтатбиққуниро бо “коре” марбут медонист, ки инсон иҷро мекунад. И.Е. Кон мегӯяд, ки “худтатбиққунӣ” тавассути

меҳнат, кор ва муоширaт зоҳир мегардад. П.Г. Шедровский чунин мешуморад, ки "маънои худмуайякунӣ дар қобилияти худсозии инсон, қобилияти ба вуҷуд овардани таърихи инфиродии худ, дар маҳорати доимо муҷаддадан идрок кардани моҳияти худ ниҳон аст".

Е.А. Климов ду сатҳи худогоҳии касбиро ҷудо мекунад: 1) гностикӣ (бозсозии шуур ва худогоҳӣ); 2) амалӣ (тағйироти воқеии мақоми иҷтимоии инсон) [70, с.167].

Худмуайянкунӣ на танҳо "худтатбиқкунӣ", балки тавсеаи иимкониятҳои ибтидоии худ – азхудгузариро (аз рӯи гуфти В.Франкл) пешбинӣ мекунад: комилиёрии ҳаёти инсон тавассути азхудгузарии ӯ, яъне қобилияти аз доираи худ баромада тавонистани ӯ ва, аз ҳама муҳиммаш, дар маҳорати дар кори мушаххас ва тамоми ҳаёти худ ёфта тавонистани маъноҳои нав муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, маҳз маъно/мундариҷа моҳияти худмуайянкунӣ, худамалигардонӣ ва азхудгузариро муайян мекунад. Н.А. Бердеев дар асари "Худшиносӣ" ("Самопознание") қайд мекунад, ки ҳанӯз дар арафаи наврасию ҷавонӣ ӯро фикри зерин ба изтироби фавқулода оварда буд: "Бигзор ман маънои ҳаётро надонам, вале онро ҷустуҷӯ карда метавонам... ?".

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин шуморидан мумкин аст, ки моҳияти худмуайянкунии касбӣ дар ҷустуҷӯю ёфтани маънои шахсиятӣ дар фаъолияти меҳнатии интихобшаванда, азхудшаванда ва аллакай иҷрошаванда ва дар ин ҷанба ҳамчунин дар ёфтани маъно дар худи раванди худмуайянкунӣ ифода меёбад [141, с.32].

Аз ин нуқтаи назар корҳои касбинтихобкунӣ дар мактаб на маҷмӯи чорабиниҳои алоҳида мебошад, ки ба мактабро тамом кунонидани талабаҳо равона карда мешавад, балки он қисми таркибии тамоми низоми кори таълиму тарбия ба шумор меравад.

Ба суоли "Шахсият чист?" олимони муосир ҷавобҳои гуногун медиҳанд. Дар гуногунии ҷавобҳои онҳо, ва, аз ҷумла ихтилофи ақоиди олимон дар ин бобат, мураккабии худи хориқаи шахсият зоҳир мегардад.

“Шахсият ин инсон дар низоми мушаххасоти психологии ӯ мебошад, ки онҳо (мушаххасоти психологӣ) дар алоқаю муносибатҳои табиатан ҷамъиятии инсон зоҳир мегарданд, устувор мебошанд ва рафторҳоеро, ки барои худи ӯ ва атрофиёнаш аҳамияти назаррас доранд, муайян мекунанд” [124, с.230]. А.Н. Леонтйев чунин мешумурд, ки “шахсият моҳияти иҷтимоии инсон аст, бинобар ин мизоҷ, хусусият, қобилият ва дониши инсон ба таркиби шахсият ба сифати зерсохторҳои он дохил намешаванд, онҳо шартҳои ташаккули ин ташкилаи моҳиятан иҷтимоӣ мебошанд” [94, с.30].

Ҳар як касб, аз ҷумла касби педагогӣ ба сифатҳои шахсиятии корманд талаботи вижа пешниҳод мекунад.

Таҳти мафҳуми сифатҳои муҳимми шахсияти педагог маҷмӯи мушаххасаҳои паҳлӯҳои ақлонӣ ва эҳсосию иродавии шахсиятро мефаҳманд, ки ба самарабахшии фаъолияти касбӣ- педагогии омӯзгор таъсири мусбат мерасонад ва асоси услуби инфиродии онро ташкил мекунад.

Контент–таҳлили мавқеи олимоне, ки бо масъалаи сифатҳои шахсиятии педагогҳои касбӣ машғул шудаанд, имкон медиҳад тамоми гуногуншаклии сифатҳои мазкур аз рӯи дараҷаи муҳиммияти онҳо ва бомуваффақият амалигардонии фаъолияти педагогӣ дар чаҳор гурӯҳи таснифӣ имконият медиҳад: доминантӣ, канорӣ, манфӣ, касбан ғайримуҷоз (мамнӯият).

Сифатҳое доминантӣ ба ҳисоб мераванд, ки набудани ҳар яке аз онҳо боиси имконнопазирии амалигардонии самарабахши фаъолияти педагогӣ мегардад. Сифатҳое музофотӣ ё канорӣ ҳисоб мешаванд, ки ба самарабахшии фаъолият таъсири ҳалкунанда намерасонанд, вале ба бомуваффақиятии он мусоидат менамоянд. Сифатҳое, ки боиси коҳиши самарбахшии меҳнати педагогӣ мегарданд, манфӣ ҳастанд. Сифтаҳои касбан ғайримуҷоз боиси корношоямии касбии омӯзгор мегарданд.

Таркиби гурӯҳҳои мазкури сифатҳои шахсиятиро муафассалтар баррасӣ мекунем.

Сифатҳои доминантӣ. Ба ин сифатҳо, сифатҳои аксеологӣ ва праксеологӣ мансубанд. Сифатҳои аксеологӣ дар рафти ҳамкории педагог бо меъёрҳои арзишӣ- маъноӣ ё этикӣ-демонологӣ – танзимгарони фаъолияти касбӣ- педагогии инфиродӣ ташаккул меёбанд. Сифатҳои праксеологӣ дар раванди аз ҷониби педагог аз худ кардани меъёрҳои ҳамкории педагогӣ ва меъёрҳои абзорӣ-педагогӣ, ки фаъолияти касбӣ- педагогии омӯзгорро танзим мекунанд, ташаккул меёбанд.

Ба таркиби сифатҳои аксеологӣ сифатҳои маънавӣ- ахлоқӣ дохил мешаванд, ки ба педагог имкон медиҳанд маъноҳои контекстии фаъолияти касбӣ – педагогиро фаҳмад; ва онҳо сифатҳои демонологие мебошанд, ки образи педагоги ба амалҳои касбӣ-педагогии худ нисбат ба таълимгирандагон, дигар иштирокдорони раванди таълим, нисбат ба касби худ, ба ҷамъият ва ба худ дар раванди фаъолияти касбӣ-педагогӣ масъулро ба вуҷуд меоранд.

Сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ: башардӯстии педагогӣ; неккирдории педагогӣ; хушахлоқии педагогӣ.

Сифатҳои этикӣ-демонологӣ: поквиҷдонии педагогӣ; масъулияти педагогӣ; поквиҷдонии педагогӣ; масъулиятшиносии педагогӣ; боинсофии педагогӣ; таҳаммулпазирии педагогӣ.

Ба таркиби сифатҳои праксеологӣ сифатҳои босалоҳиятие дохил мешаванд, ки педагогро чун шахси кордоне, ки ҳамкории педагогиро дуруст ташкил карда метавонад, муайян мекунанд. Ҳамчунин ба таркиби сифатҳои праксеологӣ сифатҳои менеҷерӣ ворид мегарданд, ки ба технологиядонии педагог дар ҳалли вазифаҳои касбӣ-педагогӣ масъул мебошанд.

Сифатҳои босалоҳиятӣ: фанноварии педагогӣ; кунҷковии педагогӣ; зарофати педагогӣ; хирадмандии педагогӣ.

Сифатҳои менеҷерӣ: тарҳрезии педагогӣ - қобилияти дар раванди қабули қарорҳои педагогӣ амалӣ гардонидани тарҳрезии педагогӣ; идрокпазирии педагогӣ – қобилият ба идрок, фаҳмидани маънои вазъияти педагогӣ чун асоси қабули қарорҳои педагогӣ; рефлексияти педагогӣ – қобилияти идроки рафтору кирдори педагогии худ бо роҳи қиёси мақсадҳо бо натиҷаҳои объективии фаъолияти педагогии худ, ҳадафмандии педагогӣ – қобилияти қабул кардани қарорҳои мусоиди педагогӣ; интиқодияти педагогӣ – қобилияти таҳти шубҳа гузоштани саҳеҳии қарорҳои педагогии худ, аз баҳри қарорҳои педагогии нодуруст баромада тавонистан, эътироф кардани хатоҳои педагогӣ.

Сифатҳои музофотӣ ё канорӣ: кушодарӯӣ, зарофат, ситорагармию ҷозибадорӣ, маҳорат.

Сифтаҳои манфӣ: боғаразӣ, дар байни талабаҳо ҷудо кардани “азиздурдонаҳо” ва “нафратоварон”, кушоду равшан изҳор кардани ҳусни таваҷҷӯҳ ва бадбинӣ нисбат ба дастпарварон; бетаҳаммулӣ; ҳолатҳою рӯҳияҳои психологии муваққатии худро назорат карда натавонистан; қасосгирӣ – кӯшиши аз талаба интиқом гирифтан; мутакаббирӣ – афзалияти худро нисбат ба хонанда таъкид кардан, ки аз лиҳози педагогӣ комилан қобили қабул нест; парешонхотирӣ, фаромӯшхотирӣ.

Мамнӯиятҳои педагогӣ: одатҳои зараровар, ки ҷамъият онҳоро аз лиҳози иҷтимоӣ хавфнок мешуморад (бадмастӣ, нашъамандӣ ва ғайра); баъзе бемориҳои рӯҳӣ (шизофрения, тутқолук); ҷиддан халалдор будани дасту по (дастгоҳи ҳаракат); ноқисии ҷидии нутқ ва сомеа; касофати маънавию ахлоқӣ, беринсипӣ; латукӯб, дағалӣ, беслоҳиятии касбии педагогӣ, бемасъулиятӣ.

Фарҳанги касбии педагог нишондиҳандаи сатҳи назария ва амалияи педагогӣ, технологияҳои муосири педагогӣ, тарзҳои худтанзими эҷодии имкониятҳои инфиродии шахсият дар фаъолияти педагогӣ ба ҳисоб меравад. Он таҳсилоти низомманд мебошад, ки ба сифати

мушаххасаҳои моҳиятии шахсият дар соҳаи фаъолияти касбӣ зоҳир мегардад.

Муносибати босалоҳият – қонунияти инкишофи низоми таҳсилот, ки бо ҷустуҷӯи роҳу тарзҳои қонеъгардонии хушсифати талаботи – бемайлон тараққиёбандаи ҷамъият машрут мегардад. Асоси онро консепсияи дар талабагон баробари дониш ташаккул ёфтани қобилияти мустақилона ҳал кардани вазифаҳои муҳимтарини амалӣ ташкил мекунад. Бинобар ин муносибати босалоҳият бо муносибатҳои фанноварӣ, муҳитӣ ва дигар муносибатҳо алоқаи зич дорад.

Сабаби асосии баланд шудани шавқу рағбат ба муносибати босалоҳият дар он аст, ки таҳсилот дар шароити муосир алҳол ба талаботи инсону ҷамъият дар самти худмуайянкунии иҷтимоӣ ва шахсиятӣ, пӯёии касбии инсон саривақт вокуниш нишон намедиҳад. Самарабахшии сусти меҳнати таълимӣ, ки дар шаклҳои анъанавӣ ташкил шудааст, ҳамчунин таваҷҷӯҳро ба муносибати босалоҳият ангезиш медиҳад. Таҳсилоти зоҳиргарою шаклгаро тавре амалӣ мегардад, ки гӯё худи инсон аз ӯҳдаи ягон кор намебаромада бошад. Имрӯз дар маркази таҳсил на дониш, балки ҳомили он – инсон қарор дорад, ки дар фаъолияти он сифати таълим зоҳир ва амалӣ мегардад.

Аксаран истилоҳҳои “салоҳият” ва “босалоҳиятӣ” ё “салоҳиятнокӣ”-ро муродиф мешуморанд, аммо байни онҳо фарқҳои муайян мавҷуданд. Мутахассисон қобилияти фаъолиятро тибқи талаботу интизории иҷтимоӣ иҷро кардани инсонро меноманд, босалоҳиятӣ бошад меъёри (сатҳи) аз худ кардани салоҳият аст. Ин истилоҳҳоро ба тариқи зерин низ муайян кардан мумкин аст: салоҳият маҷмӯи сифатҳои ба ҳам алоқаманди шахсият (дониш, маҳорат, малака, тарзҳои фаъолият) мебошад, ки барои фаъолияти самарабахш зарур аст, босалоҳиятӣ бошад дараҷаи тасаллут ба салоҳияти дахлдор аст [12, с.56].

Дар таҳсилот тамоюли ҳаракат аз мафҳуми “тахассус” ба мафҳуми “салоҳият” тамоюли умумиаврупоӣ ва ҳатто ҷаҳонӣ мебошад.

Фаъолияти инсони босалоҳият, рафтор ва қарорҳои ӯ дар ҳамаи мавридҳо ба масаъалаҳое, ки дар назди ӯ ба миён меоянд, мутобиқу мувофиқ аст.

Чаҳор соҳаи фаъолиятро фарқ мекунанд, ки таҳсилот бояд инсонро ба онҳо тайёр кунад: худро чун шахсият татбиқ кардан, донишомӯзӣ дар тамоми давраи ҳаёт; ҳаёти ҷамъиятӣ ва фаъолияти иқтисодӣ; фаъолияти касбӣ бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ-таърихӣ.

Дар ин қарина салоҳиятҳо чун навташкилаҳои аз лиҳози шахсиятӣ ва иҷтимоӣ муҳим баррасӣ мегарданд, ки ҳам дар ҳаёти ҳозира ва ҳам дар ҳаёти ояндаи донишҷӯ матлуб мебошад. Ба маънои васеъ босалоҳиятӣ синтези донишу маҳоратҳо дар амал, қобилияти пешбинӣ кардани натиҷаи онҳо, ба шароитҳои мунтазам тағйирёбандаи ҳаёт (шахсӣ ва иҷтимоӣ) зоҳир кардани вокуниши мувофиқ аст.

Ташаккули босалоҳиятии иҷтимоӣ – таҷрибаи рафтор дар вазъиятҳои мухатлифи ҳаётӣ ва муҳити гуногуни иҷтимоӣ ба вазифаи муҳимми низоми таҳсилот табил меёбад. Мутахассисон тасдиқ мекунанд, ки рафтори зидди иҷтимоӣ ва хушунатомези хонандагони ҳалқаи ибтидоии таълим аксаран боиси он мегардад, ки баъди каме калонтар шудан онҳо таълимро қатъ карда, аз баҳри мактаб мебароянд.

“Хонандагони дорои салоҳиятҳои ғайрикофии иҷтимоӣ ногузир ҳам дар таълим ва ҳам дар ҳаёт бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мегарданд.” Салоҳияти иҷтимоӣ на танҳо маҷмӯи донишу малака ва маҳоратҳои мушаххас, балки маҷмӯи мушаххасоти шахсият мебошад, ки самарабахшии амалҳои онро муайян мекунад. Таҳти мафҳуми салоҳиятҳои иҷтимоӣ мутаҳаррикии чандири касбӣ, таафккури эҷодӣ, маҳорати ёфтани ҳалли дуруст дар фаъолияти ҳаётии касбӣ ва ҳаррӯзаро мефаҳманд.

Мутахассисон блокҳои зерини салоҳиятҳои умумӣ ё “калидӣ”-ро барои хонандагон ҷудо мекунанд:

Салоҳиятҳои таълимӣ – ташкил кардани раванди таълим ва интихоби траекторияи (масири) таҳсилот; ҳал кардани масъалаҳои таълимӣ ва худомӯзӣ; аз таҷрибаи таҳсилотӣ манфиат бардоштан ва ғайра.

Салоҳияти тадқиқӣ – ёфтану коркард намудани иттилоот; таҳлил ва синтез карда тавонистан; истифода бурдани манбаъҳои гуногун; кор кардан бо ҳуҷҷатҳо ва ғайра.

Салоҳиятҳои иҷтимоӣ-шахсиятӣ – интиқодан баррасӣ кардани ҷанбаҳои гуногуни рушди ҷамъият; ёфтани робита байни ҳозира ва гузашта; ба мунозира ворид шудан, нуқтаи назари худро ҳимоя кардан ва ғайра.

Салоҳиятҳои коммуникативӣ – шунидан ва ба назар гирифтани ақида ва нуқтаи назари дигар одамон; мунозираю мубоҳиса ва муҳофизат кардани мавқеи худ; қобилият ба танқид ва худтанқид; ба якчанд забон хондаю навишта, сухан рондаю фаҳмида тавонистан; дар назди омма баромад кардан; қобилияти фаҳмидани фарҳанг ва одатҳои халқҳои дигар ва ғайра.

Фаъолияти ташкилӣ ва ҳамкорӣ – ташкил кардани кори шахсӣ; қабули қарор ва барои қарору фаъолияти худ масъул будан; муқаррар кардану нигоҳ доштани тамос; ҳамкорӣ ва кор кардан дар команда; қобилияти татбиқи дониш дар амалия ва ғайра.

Салоҳиятҳои шахсиятию мутобиқатӣ – истифода бурдани манбаъҳои нави иттилоот ва коммуникатсия; зоҳир намудани тайғирпазирӣ дар шароити зуд тағйирёбанда; матин ва суботкор будан дар баробари мушкилиҳо; қобилият ба худомӯзӣ ва худташкилкунӣ; сарварӣ, ташаббускорӣ, қобилияти мустақилона кор кардан.

Дар асоси муносибати босалоҳият меъёрҳои зерини сифати тайёрии дузинагӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ муайян карда шудааст:

Бакалавр вазифадор аст: намоиш додани дониши асосҳо ва таърихи ихтисоси асосии худ (касб); возеҳу бомантиқ баён кардани

донишҳои пойгоҳӣ; мустақилона шарҳ додани масъулияти нав ва тавзеҳи онҳо дар қаринаи донишҳои мазкур; намоиш додани фаҳмиши сохтори умумии ин фан (ихтисос) ва робитаи мутақобила байни фанҳои ба он тобеъ; намоиш додани фаҳмиш ва маҳорати татбиқи методи таҳлили танқидӣ ва синтез; бомуваффақият амалӣ гардонидани методикаю технологияҳои мансуб ба фаъолияти касбӣ; намоиш додани фаҳмиши сифати таҳқиқот, ки ба фан мансуб аст; намоиш додани фаҳмиши тафтиши санҷишӣ ва эмпирикии назарияҳои илмӣ.

Магистр вазифадор аст: дар соҳаи махсуси фанни мушаххас доштани сатҳи баланди дониш, ки шиносоиро бо назарияҳои навтарин, шарҳи онҳо, методу технологияҳо пешбинӣ мекунад. Ҳодисаҳои навтаринро дар назария ва амалия идрок кардаю шарҳ дода тавонистан; дар усулҳои таҳқиқоти мустақил ба қадри кофӣ босалоҳият будан, натиҷаҳои онҳоро шарҳ дода тавонистан; ба мундариҷаи фан ҳарчанд маҳдуд ҳам бошад гузошта тавонистани саҳми мумтоз (омода сохтани диссертатсия); зоҳир намудани мумтозӣ ва эҷодкорӣ дар бобати тасаллут доштан ба фан (ихтисос); дар сатҳи касбӣ доштани салоҳияти тараққикардаи умумӣ.

Босалоҳиятии бакалавру магистр бо таҷрибаи фаъолияти бомуваффақияти онҳо муайян мегардад, ки дар дастпарварони муосири муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба назар намерасад. Ба даст овардани салоҳиятҳо бо донишҳо алоқаи зич дорад. Ташаккули мутахассиси босалоҳият танҳо дар соҳаи маориф имконпазир аст. Бинобар ин, дар тадқиқи таърихӣ-педагогӣ, махсусан дар ҷанбаи ояндабинӣ муносибати босалоҳият яке аз муносибатҳои асосӣ табдил меёбад.

Дар раванди омӯзиши педагогика омӯзгорони оянда бояд аз худ кунанд, ки ба мундариҷаи корҳои касбинтихобкунӣ дар мактаб корҳои зерин дохил мешаванд:

- ташаккули ҷаҳоншинохт, муносибат ба меҳнат, ба моликияти ҷамъиятӣ, тарбияи шавқу рағбат ба касбҳои коргарӣ;

- васеъ шинос намудани хонандагон бо соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, бо касбҳои оммавии аз ҳама роиҷ дар раванди омӯзиши асосҳои илм, таълими меҳнатӣ, кори берун аз мактабию берун аз синфӣ;

- ҳамаҷониба омӯхтани наврасон, ошкор сохтан, тадқиқ кардан ва инкишоф додани шавқу рағбат, майл ва қобилият, ҳамчунин имкониятҳои ҷисмонӣ ва психологии онҳо;

- ба мактабиён расонидани ёрӣ дар иктисоби маҳоратҳо, малакаҳои барои иҷрои намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ зарурӣ чӣ дар мактаб ва чӣ дар шароитҳои истеҳсолӣ бо назардошти шавқу рағбат ва майли онҳо;

- шинос кардани мактабиён бо талаботе, ки касбҳои мушаххас ба ҳаҷми дониши предметҳои умумимаълумотӣ, маҳорату малакаҳо пешниҳод мекунанд, ҳамчунин бо хусусияти кори мутахассисони оянда;

- ба хонандагон додани машварату маслиҳатҳо дар бобати касбҳо, иттилоот дар бораи муассисаҳои таълимӣ, ки дар онҳо ихтисосҳои дахлдорро аз худ кардан мумкин аст;

- ба хонандагон расонидани ёрӣ дар арзёбии қобилиятҳою сифатҳои худ барои минбаъд тибқи майлу рағбати ӯ татбиқ намудан дар намуди мушаххаси фаъолияти меҳнатӣ;

- ташаккули муносибати фаъолона ба интихоби бошууронаи касб;

- таҳлили минбаъдаи мутобиқшавии хатмкунандагони мактаб дар корхонаҳо, самарабахшии методҳои педагогии таъсиррасонӣ.

Таҳқиқоти олимон ва натиҷаҳои ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ шаҳодат медиҳад, ки кори ҳадафманди корҳои касбинтихобкунӣ бо хонандагон ҳамон вақт самарабахш мегардад, ки он дар аксарияти дарсҳо дар мактаб гузаронида шавад. Ҳангоми омодагӣ ба дарс ва ҷудо кардани маводи корҳои касбинтихобкунӣ, омӯзгор бояд дар хотир дошта бошад, ки ин мавод ҳатман аз лиҳози мантиқ ба мундариҷаи дарс дохил шавад, ба азхудкунии бошууронаю пойдори маводи таълим мусоидат намояд, ба сатҳи муосири пешрафти иҷтимоӣ

ва илмию техникӣ мувофиқат кунад, дурнамои рушди ҳамин илмро инъикос кунад, хонандагон аз ӯҳдаи азхуд кардани он бароянд.

Сатҳи пасти корҳои касбинтихобкунӣ боиси он мегардад, ки инсон баъзан барои худ касберо интихоб менамояд, ки ба ӯ қаноат намеорад, ба ибораи дигар ин кор кори ҷонии ӯ нест. Дар натиҷа коҳиши ҳосилнокии меҳнат, халалдор шудани интизоми меҳнат, ба кор наомадан ба қайд гирифта мешавад.

Н.К. Крупская дар мақолаи "Интихоби касбҳо" навиштааст: "Танҳо дар он мавриде, ки касб ба инсон писанд аст, вақте ки инсон ба коре, ки иҷро мекунад, шавқу рағбат дорад, вақте ки ӯ, чи хеле ки мегӯянд, ба кораш дил бастааст, - танҳо дар он вақт ӯ метавонад аз меҳнаташ нишот мегирад, танҳо дар он вақт ӯ метавонад суръати меҳнати худро бидуни хасташавӣ зиёд кунад, танҳо дар он вақт ӯ метавонад дар соҳаи меҳнаташ чизи арзишманд пешниҳод кунад" [87, с.220].

Кайҳо исбот шудааст, ки қобилияти инсон танҳо тамоюли ирсии инсон нест, балки пеш аз ҳама, шароити муҳите мебошад, ки ӯ дар он ба камол мерасад ва шароити тарбия аст.

Генетик, академик Н.П. Дубинин қайд мекунад, ки барномаи генетикӣ ҳар лаҳзаи ҳаёти моро назорат мекунад. Ин нукта ба инкишофи мӯътадили тандурустӣ, давомнокии ҳаёт, инкишофи ҳамоҳанги қобилиятҳо дахл дорад. Агар ирсият мӯътадил бошад, ташаккули шахсияти инсон таввссути муҳит, тарбия ва худи ӯ сурат мегирад [52, с.96].

Қобилиятҳо дар асоси вазифаҳои мухталифи психофизикӣ ва равандҳои психикӣ инкишоф меёбанд. С.Л. Рубинштейн, Б.М. Теплов, В.Д. Шадриков ва дигарон мафҳуми "низоми функсионалӣ"-ро барои муайян кардани мафҳумҳои"қобилият" ва "лаёқатмандӣ" аз мавқеи вазифаҳои психофизикӣ истифода бурдаанд. "Қобилият ташкилаи мураккаби синтетикӣ мебошад, ки якчанд сифатҳоро дарбар мегирад, ки

бе онҳо танҳо дар раванди фаъолияти ба таври муайян ташкилшуда ҳосил мегарданд” [57, с. 330].

Аз ин таъриф маълум мешавад, ки сифатҳои шахсият дар таркиби қобилиятҳо бояд барои имконияти ягон фаъолияти мушаххас, ки дар натиҷаи он хислатҳои муайяни шахсият инкишоф меёбад, ҳузур дошта бошанд. Дар навбати худ хислатҳои мазкур бо сифатҳои мавҷудаи шахсият синтез шуда, ба сохтори қобилиятҳои шахсият дар ин фаъолият ворид мегарданд.

Дар асоси маншаъҳои табиии мавҷуда, агар шароити дахлдор вуҷуд дошта бошад, таҳти таъсири тарбия майлу рағбати хонандагон инкишоф меёбад. Корҳои касбинтихобкунӣ бояд ба он нигаронида шуда бошад, ки инкишофи майлу рағбатҳои мазкур ба хилофи эҳтиёҷоти хоҷагии халқ набошад. Бо суханони дигар, корҳои касбинтихобкунӣ сохторан бояд вазъи иқтисодии мамлакатро инъикос кунад. Дар баробари ин кор бояд тарбияи инқтисодӣ низ амалӣ гардад. Ҳангоми иҷрои амалҳои меҳнатӣ ва идоракунии равандҳои технологии истеҳсолоти муосир мактабиён ташкили самарабахши меҳнат, харҷи сарфакоронаи сарватҳои моддӣ, истифодаи самарабахши вақти корро ёд мегиранд, маънои ҳақиқии чунин категорияҳои иқтисодӣ, аз қабили ҳосилнокии меҳнат, арзиши аслии маҳсулотро азхуд мекунанд, бо шаклҳои пардохти музди меҳнат шинос мешаванд ва ғайра. Ҳамаи ин ба интихоби бошууронаи касб мусоидат мекунад.

Ҷанбаи педагогии корҳои касбинтихобкунӣ ҳангоми ташкили таҳсил ва тарбияи хонандагон, дар онҳо ташаккул ёфтани ангезаҳои аз лиҳози иҷтимоӣ муҳимми интихоби касб ва шавқу рағбати касбӣ, ки ба хусусиятҳои психофизиологии шахсият мутобиқат мекунанд, сари вақт ошкор сохтану инкишоф додани шавқу рағбати касбии он мутобиқат мекунанд, пурра ба зуҳур меояд.

Корҳои касбинтихобкунии хонандагон бояд боодобона, бо дарки комили он нукта сурат гирад, ки ҳар гуна “фишороварӣ” ё “ифрот”

боиси пурра аз байн рафтани шавқу рағбат мегардад, ки бе он корҳои касбинтихобкунӣ имконнопазир аст.

Ҷанбаи тиббӣ-физиологии корҳои касбинтихобкунӣ дар вазифаҳои зерин ифода меёбад: коркарди меъёрҳои интихоби касбии наврасон мутобиқан ба ҳолати саломатии онҳо, ҳамчунин тайёр кардани мутахассисон барои машварати касбии тиббӣ.

Ҳангоми ҳалли ин вазифаҳо имкони ба ҳар ҷавон дар интихоби касбе мусоидат кардан пайдо мешавад, ки ба саломатии ӯ мувофиқат мекунад ва таъсири зараровоарро ба организми ӯ истисно месозад.

Аксаран наврасон аз инҳирофоти саломатиашон бехабар мебошанд ва ё, гузашта аз ин, инҳирофоти мазкур танҳо дар мавриди гузаронидани муоинаи муфассали тиббӣ зоҳир мешаванд. Ғайр аз ин, интихобкунандагони касб на ҳамеша бо талаботе, ки касб ба организми инсон пешниҳод мекунад, шинос мебошанд.

Баъзе касбҳо, масалан, ба таҳлилгари басарӣ, касбҳои дигар ба дастгоҳи мувозинат (вестибулярӣ), касбҳои севум ба узви сомеа талаботи баланд пешниҳод мекунанд ва ғайра. Як қатор касбҳо бо будубоши соҳибкасб дар муҳити рутубаташ паст ё баланд фарқ мекунанд, яъне сарфи неруи назарраси ҷисмониро тақозо менамоянд.

Л.Д. Столяренко чунин меҳисобад, ки хусусиятҳои психологӣ-физиологии шахсият, масалан, мизоҷ низ ба интихоби касб таъсир мерасонанд [178, с. 29].

Мизоҷи ба ҳамаи намудҳои фаъолият ба таври идеалӣ мувофиқ вуҷуд надорад. Одамони дорои мизоҷи холерикӣ бештар ба фаъолияти хатарнок (“сарбозон”), сангвиникҳо – ба фаъолияти ташкилӣ (сиёсатмадорон), меланхоликҳо – ба фаъолияти эҷодӣ дар илму санъат (мутафаккирон), флегматикҳо ба фаъолияти мураттабу муназзам ва самарабахш (созандагон) мутобиқанд. Дар ҳар мавриди мушаххас бояд мутобиқати хусусиятҳои касб бо намуди мизоҷи инсон амалӣ гардад. Масалан, барои ба сифати “летчик” ҳавопаймои қиркунанда кор кардан

одамони сусткору беташаббус ва низоми асабашон хароб роҳ дода намешаванд. Бо суханони дигар, флегматикҳо ва меланхоликҳо барои чунин фаъолият коршоям нестанд [178, с.105].

Таҷриба нишон медиҳад, ки касби ба хусусиятҳои физиологии одами солим номувофикро инсон ба таври бояду шояд аз худ карда наметавонад. Ин чунин маъно дорад, ки мувофиқ наомадани хусусиятҳои касб ва психотипи инсон, одам барои ноил гардидан ба натиҷае, ки ашхоси дигар онро бидуни сарфи неруи зиёд ба даст меоранд, қуваи назаррас сарф мекунад. Агар чунин номутобиқатӣ сари вақт ошкор карда нашавад, инсон метавонад дучори касалии касбӣ, барвақт аз даст додани қобилияти меҳнатӣ, расидани зарари илоҷнопазир ба саломатӣ гардад. Возеҳ аст, ки интихоби касбӣ барои кор дар соҳаи муайяни фаъолият бо назардошти ҳолати низомҳои дилу рагҳо ва асаб бо коҳиши назарраси бемориҳои дилу асаб мусоидат мекунад.

Наврасоне, ки ба бемориҳои музмин гирифторанд, танҳо дар сурати интихоби дурусти касб метавонанд худро узви комилиёри ҷамъият ҳис кунанд, беморнии худро бадтар накунанд ва бо фаъолияти худ ба одамон фоида оваранд.

Касбинтихобкунии ҷавонон низоми бисёрсатҳа (бисёрзина) мебошад. Дар сохтори он унсурҳои зерини таркибиро ҷудо кардан мумкин аст: маорифи касбӣ, профессиография, тарбияи касбӣ, ташхиси касбӣ, машварати касбӣ, интихоби касбӣ ва тарбияи касбӣ.

Унсурҳои мазкур ба ҳам алоқаманд мебошанд, вале аз лиҳози мундариҷа ва усулҳои амалигардонии шакли кори амалии корҳои касбинтихобкунӣ дар сатҳҳои гуногуни тайёр кардани ҷавонон ба меҳнат дар мактаби маълумоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, дар истеҳсолот махсусияти худро доранд. Ин корро дар ҳамкории зич бо аҳли ҷамъият ва оила гузаронидан лозим аст.

Маърифати касбӣ, ташхиси касбӣ, машварати касбии хонандагон асосан дар мактаби миёнаи маълумоти ҳамагонӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбӣ амалӣ мегарданд. Ба интихоби касбӣ ва мутобиқшавии касбии ҷавонон маъмулан дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва ҷомеаҳои меҳнатӣ машғул мешаванд. Тарбияи касбии ҷавонон дар мактаб, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва ҷомеаҳои меҳнатӣ амалӣ мегардад.

Унсурҳои асосии касбинтихобкуниро баррасӣ мекунем.

Маърифати касбӣ ба донишҷӯён додани донишҳо дар бораи касбҳо мебошад, ки дар асоси онҳо шавқу рағбати мусбат ва устувори касбӣ, муносибати бошуурона ба раванди интихоби касб ташаккул меёбад.

Дар маърифати касбӣ, дар навбати худ қисмҳои таркибии зеринро ҷудо кардан мумкин аст: иттилооти касбӣ, тарғиботи касбӣ ва ташвиқоти касбӣ.

Тавсифи умумии касб (таърихи касб, аҳамияти ҷамъиятии он, талаботи корхонаҳо ба ин касб, намунаҳо аз тарҷумаи ҳоли намояндагони обрӯманди он);

Тавсифи истеҳсолии касб (тавсифи раванди меҳнат – мундариҷа ва хусусияти меҳнат, предмет, воситаҳо ва натиҷаҳои меҳнат);

Робитаи касб бо дигар ихтисосҳо, сатҳи механизатсия ва автоматонии истеҳсолот;

Дониш ва маҳоратҳои зарурии умумӣ ва махсус.

Таҳти мафҳуми тарбияи касбӣ мо дар талабаҳо тарбия намудани шавқу мароқ ва ангезаҳои устувори интихоби касб, муҳаббат ба меҳнат, касби интихобшавандаро мефаҳмем. Тарбияи қарзи касбӣ, шарафу одоби касбӣ, ташаккули сифатҳои беҳтарини коргар ба қатори вазифаҳои тарбияи касбӣ дохил мешаванд.

Чӣ тавре ки К.К. Платонов қайд карда буд, “Маорифи касбӣ ва тарбияи касбӣ дар алоқаи мутақобилаи худ ... бояд хеле моҳирона ба дарсҳои ҳамаи фанҳо ворид карда шаванд ва ҳатталимкон дар синфҳои аз ҳама поёнӣ хеле мулоҳизакорона ба роҳ монда шаванд” [138, с.26]. Ба

мақсади ба даст овардани натиҷаҳои аз ҳама баланд дар тарбияи касбии талабаҳо моҳирона муттаҳид сохтани ҷидду ҷаҳди мактаб, оила, корхона ва аҳли ҷамъиятро ташкил кардан лозим аст. Дар ин ҷо ба ҳаёти ҷомеаҳои истеҳсолӣ ҷалб кардани талабагон, таълиму тарбияи онҳо дар рафти меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, меҳнати ҳосилнок ҷои махсусро ишғол мекунад.

Ташхиси касбӣ раванди омӯзиши шахсият ва организми инсон аст, ки онро ба мақсади муайян кардани коршоямии касбӣ ва ташаккули самтияти касбии хонандагон кормандони тиб, психологҳо, педагогҳо мегузаронанд. Омӯзиши шахсият ба мақсадҳои корҳои касбинтихобкунӣ ба ҳалли масъалаҳои зерин равона карда шудааст: муайян кардани сатҳи дониши талабагон дар бораи соҳаи фаъолияти меҳнатӣ, омӯхтани хусусиятҳои инфиродии шахсият ва қобилият ба меҳнати ақлию ҷисмонӣ, омӯхтани шавқу рағбат ва ниятҳои касбӣ.

Дар шароити мактаби муосир самарабахшии ташхиси касбӣ аз бисёр ҷиҳат аз ташкили мушоҳидаҳои мунтазами мактаббачаҳо дар раванди фаъолияти таълимӣ ва берун аз синфӣ бо сабти дақиқи додаҳо дар кортҳои махсус, хислатномаҳо ва ғайра, ки дар онҳо бояд вижагиҳои шахсияти талаба ва саломатии ӯ инъикос ёбанд, вобаста аст. Мушоҳидаро роҳбарони синф, муаллимони фаннӣ, кормандони тиббӣ ва психологҳои маркази корҳои касбинтихобкунӣ мегузаронанд. Шахсияти талабаро бо ёрии чунин методҳо, аз қабили мушоҳидаи психологӣ-педагогӣ, сӯҳбат, мусоҳиба, таҳлили ҳуҷҷат ва маҳсулоти фаъолият, таҷриба, ҷамъбасти мушаххасоти мухталифи хонандагон меомӯзанд.

Тадқиқи тиббӣ муайян кардани вазъият ва сатҳи инкишофи дастгоҳи такягоҳу ҳаракат, ҳолати низомҳои ҳаракату асаб, узвҳои дохилӣ, биноию сомеа, ҳамчунин сатҳи умумии рушди ҷисмониро дарбар мегирад.

Мушоҳидаи хонандагон дар рафти кори амалӣ, арзёбии муносибати онҳо ба меҳнат, донишҳои техникӣ ва сифати маснуоти

тайёркарда ба омӯзгор имкон медиҳад дар бораи майлу рағбат ва қобилиятҳои хонанда тасаввурот пайдо кунад. Ба туфайли ин тавсияҳои омӯзгор ба талаба дар бобати интихоби касб нисбатан объективӣ мегардад.

Машварати касбӣ маслиҳат, тавсияи шифоҳӣ ё хаттӣ дар бораи интихоби касб, намуди афзалиятноки фаъолият, муассисаи таълимӣ мебошад, ки дар асоси натиҷаҳои ташхиси касбӣ дода мешавад.

Дар шароити мактаб ташхиси касбӣ ва машварати касбӣ дар алоқаи мутақобилаи зич қарор мегиранд.

Маъмулан намудҳои зерини машварати касбиро ҷудо мекунанд: тиббӣ, психологӣ-педагогӣ ва маълумотӣ.

Машварати касбии тиббиро корманди тиббӣ дар намуди тавсияҳо ба хатмкунанда пешниҳод менамояд. Дар он намудҳои фаъолияте номбар мегарданд, ки баъди тадқиқи муфассали инфиродӣ ба саломатии хонанда мувофиқ ҳисобида мешаванд.

Машварати касбии психологӣ-педагогӣ маслиҳати омӯзгор дар бораи намудҳои меҳнат, касбу ихтисосҳое мебошад, ки ба сифатҳои маънавӣ-психологӣ, донишҳо, қобилиятҳо ва шавқу майли хонанда мувофиқати бештар доранд.

Машваратҳои маълумотӣ барои хонандагон дар мактаб, марказҳои касбинтихобкунии мактаббачаҳо, муассисаҳои таълимии касбӣ, корхонаҳо ташкил карда мешаванд. Дар раванди машваратҳои мазкур хонандагон дар бораи роҳҳои бо кор таъминшавӣ, таҳсилоти касбӣ тавсияҳо мегиранд.

Тавсияҳои комиссияи мактаб оид ба корҳои касбинтихобкунӣ дар бораи коршоямии касбии хонанда дар асоси таҳқиқоту муоинаи тиббӣ дода мешавад.

Интихоби касбӣ дар асоси додаҳои ташкили касбӣ сурат мегирад ва асосан нисбат ба касбҳои хеле мушкилу мураккаб ва сермасъулият иҷро мегардад. Он интихоби кормандони дорои сифатҳои муайянро

пешбинӣ мекунад, ки барои иҷрои амалҳои мушаххаси меҳнатӣ заруранд.

Дар шароити мактаб, тавре ки дар боло зикр гардид, интихоби касбӣ ва мутобиқкунии касбӣ гузаронида намешаванд. Вале дар амалия омӯзгори технология бояд корашро тавре ташкил кунад, ки ба мутобиқати соҳаҳои тайёрии меҳнатии хонандагони синфҳои X-XI ба касбҳои воқеан баъди хатми мактаб интихоб кардаи онҳо, ноил шавад. Барои ин омӯзгор бояд дар бораи тақсими хатмкунандагон ба кор дар хоҷагии халқ ё ихтисосҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии маҳалли зист оид ба онҳо таҳсил кардан мумкин аст, иттилоот дошта бошад.

## 2.2. Таҳлил ва баррасии фанҳои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умуми оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ

Солҳои охир дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ масъалаи омодасозии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбинтихобкунии хонандагон дар шароити муосири ҳаёти ҷамъиятӣ истодааст. Ин масъала мубрамияти махсус пайдо мекунад, зеро мундариҷа, сохтор ва хусусияти амалиёти кормандони касбҳои алоҳида босуръати тез тағйир меёбад. Ҳамаи ин талаботро ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар бобати мусаллаҳ кардани донишҷӯён бо дониши нав, маҳорату малакаҳо оид ба касбинтихобкунии хонандагон баланд мебардорад. Мундариҷаи стандартҳои давлатӣ, нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти олиро мунтазам таҷдиди назар ва пурра мекунанд, онҳоро ба талаботи нави ҳаёти ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва маънавии мамлакат зич алоқаманд менамоянд. Зарурати такмили кор оид ба касбинтихобкунии хонандагон ва баланд бардоштани сатҳи омодагии омӯзгорони оянда ба амалигардонии он дар Барномаи давлатии омодасозии кадрҳои педагогӣ (2011-2016), ҳамчунин дар консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус таъкид гардидааст.

Бо вуҷуди тадқиқи босуръати масъалаҳои омодагии касбинтихобкунии омӯзгорони оянда дар шароити таҳсилоти донишгоҳӣ дар ин соҳа ҳанӯз масъалаҳои ҳалнашуда хеле зиёданд. Аз ҷумла масъалаҳои зерин то ҳол ҳалли худро наёфтаанд:

- оид ба коркарди низоми омодагии омӯзгори оянда ба фаъолияти корҳои касбинтихобкунӣ;
- муайян кардани мундариҷаи сатҳи оптималии омодагии омӯзгорони ихтисосҳои алоҳида ба пешбурди корҳои касбинтихобкунӣ;
- ошкор сохтани шаклу усул ва воситаҳои самарабахши омодасозии касбинтихобкунии омӯзгорони оянда;

- омӯзиши имконияти машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои алоҳида, ҳамчунин таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯён.

Дар рафти таълифи диссертатсия таҳлили адабиёт сурат гирифт, ки ҳолати омӯхта шудани мавзӯъро тавсиф мекунад. Ҳамчунин таҷрибаи кори муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ мавриди таҳлили қарор гирифт. Он нишон дод, ки алҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон байни талаботи низоми маориф ба омӯзгорони баландихтисоси корҳои касбинтихобкунӣ ва имкониятҳои ихтисосҳои педагогии донишгоҳҳо оид ба ташаккули омодагии омӯзгорони оянда ба корҳои касбинтихобкунӣ зиддият вуҷуд дорад. Зиддияти асосӣ, ба назари мо, номутобиқатии байни талаботи ҷамъият ба омӯзгор оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ бо хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва сатҳи ташаккули омодагии хатмкунандагони ихтисосҳои педагогӣ дар бурдани он аст.

Солҳои охир дар натиҷаи таҳқиқот фаҳмиши муайяни корҳои касбинтихобкунӣ чун низоми илмӣ-амалии фаъолият, ки онро муассисаҳои маълумоти умумӣ, оила, ҷомеаҳои истнҳсолӣ, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, таҳсилоти олӣ, миёна ва махсус, фарҳанг амалӣ мегардонанд, ба вуҷуд омад. Кори онҳо ба ноил гардидан ба мувофиқати хусусиятҳои шахсияти талаба ва талаботи касби интихобшаванда ва талаботи хоҷагии халқ дар мамлакат нигаронида шудааст.

Дар корҳои касбинтихобкунӣ ба назар гирифтан зарур аст, ки тақсимоти захираҳои меҳнатӣ дар мамлакати мо дар асоси нақшагирии талаботи хоҷагии халқ ба кадрҳо ва такмили сиёсати кадрӣ бо назардошти рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дар заминаи мақсаду вазифаҳои корҳои касбинтихобкунӣ, ки мундариҷа, усул, восита ва шаклҳои гузаронидани онро дар муассисаҳои таълимоти умумӣ муайян мекунад, амалӣ мегардад.

Дар раванди таълим гузаронидани маърифатноккунии касбӣ, кифаъолона ба “санҷиши қувва”-и амалӣ ҷалб кардани хонандагон,

омӯхтани шахсияти хонандагон эътирофи васеъ пайдо кардааст. Бо низоми донишҳо дар бораи касбҳои афзалиятнок ва матлуби ноҳияи мушаххаси иқтисодӣ, дар бораи талабот ба кадр ва дурнамои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳияи иқтисоди худӣ таъмин кардани талабагон маърифатноккунии касбӣ ба ҳисоб меравад.

Дар гузаронидани касбинтихобкунӣ машварати касбӣ, ки мақсади асосии он ба хонанда додани маслиҳати асоснок дар бораи интихоби касб ва фаъол гардонидани фаъолияти худи талаба дар ҷустуҷӯи майлу рағбати касбӣ мебошад, нақши калон мебозад. Мундариҷаи машварати касбӣ бо ҳамкории мутақобилаи фаъолонаи худмуайянкунии касбии хонанда ва ба ин раванд роҳбарии психологӣ-педагогӣ кардани машваратгар тавсиф мешавад.

Машварати касбии хонандагон як қисми кори зиёд оид ба корҳои касбинтихобкунӣ мебошад, ки мактаб, оила, корхона, муассисаҳои таълимӣ якҷоя мегузаронанд ва он омодасозии хонандагонро ба интихоби касб бо назардошти вазъи саломатии онҳо ва майлу рағбаташон ба ин ё он касб пешбинӣ мекунад [36, с.15]. Дар ин фасл имконият ва роҳҳои иштироки фаъолонаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар раванди шаклҳои мухталифи тадбирҳои берун аз синфӣ ва корҳои касбинтихобкунӣ нишон дода мешаванд.

Ба машварати касбӣ диққати махсус дода мешавад, ки дар раванди он шахсияти хонандагон ба мақсади ташаккули худмуайянкунии касбӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Касбинтихобкунии хонандагон унсурҳоро аз соҳаҳои мухталифи донишҳои илмӣ, аз қабили педагогика, психология, иқтисодиёт, тибб дарбар мегирад, бинобар ин комёбии он аз бисёр ҷиҳат бо ҷидду ҷаҳди якҷояи мутахассисони мухталифи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, коллеҷҳои педагогӣ, муассисаҳои касбҳои техникӣ, марказҳои ҳудудии корҳои касбинтихобкунӣ муайян мегардад.

Яке аз шартҳои баланд бардоштани аҳамияти корҳои касбинтихобкунӣ омӯзгорон ва кормандони маорифи халкро мусаллаҳ кардан бо маҳорати роҳбарӣ ба раванди омодасозии хонандагон ба интихоби касб мебошад.

Таҳқиқоти мо шаҳодат медиҳад, ки ҳатто хонандагони синфҳои болоӣ дар бораи соҳаҳои хоҷагии халқ ва талаботи онҳо ба кадрҳо тасаввуроти сатҳӣ доранд. Онҳо дар бораи ташкилот, техника ва технологияи корхонаи саноатии муосир, мундариҷаи меҳнати коргари баландихтисос иттилооти кофӣ надоранд. Мактаб ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ алҳол ба интихоби касб таъсири ҳалкунанда намерасонанд, аксаран корҳои касбинтихобкунӣ стихиявӣ сурат мегирад. Зимнан дар ин раванд омилҳои тасодуфӣ нисбат ба омӯзгор нақши назаррас мебозанд. Чунин ҳолат хилофи вазифаи асосии муассисаи таҳсилоти умумӣ – ба меҳнат ва интихоби касб омода сохтани насли наврас мебошад.

Касбинтихобкуниро бояд омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва омӯзгорони фаннӣ амалӣ гардонанд. Аз ҷумла, омӯзгорони сикли математикӣ бояд дар бораи нақши илм дар истеҳсолот нақл кунанд, хонандагонро бо мундариҷаи асосии касбҳои оммавӣ ва талаботи ҷамъият ба кадр шинос кунанд, маҳорату малакаҳои амалиро, ки асоси касбҳои оммавиро ташкил мекунанд, ташаккул диҳанд, бо тамоюлҳои ояндадори тараққии соҳаҳои асосии истеҳсолот шинос намоянд. Омӯзгорони сиклҳои гуманитарӣ, дар навбати худ, бояд нақши омили инсонро дар пешрафти илму техника кушода диҳанд, аҳамияти пешбари истеҳсолоти моддиро дар ҳаёти ҷамъият нишон диҳанд, тасаввуроти хонандагонро дар бораи касбҳо васеъ кунанд, сифатҳои маънавии инсони меҳнаткашро зикр намоянд.

Корҳои касбинтихобкунӣ дар дарс тавре ба роҳ монда мешавад, ки сохтор ва мундариҷаи маводи таълим халадор нагардад. Азбаски дар вақти ба дарс ҷудо шуда дар бораи ин ё он касб тасаввуроти пурра додан

имконнопазир аст, машғулиятҳои маҳфилӣ ё факултативӣ, соатҳои тарбиявӣ, экскурсияҳо ташкил карда мешаванд.

Дар корҳои касбинтихобкунӣ омӯзгор бояд омилҳоеро, ки ба интихоби касб таъсир мерасонанд, ҳатталимкон ба назар гирад. Дар байни ин омилҳо мақоми иҷтимоӣ, обрӯю эътибори касб яке аз омилҳои асосӣ ба шумор меравад, бинобар ин омӯзгор бояд ба он таваҷҷӯҳи махсус диҳад. Омӯзгор бояд аҳамияти ҷамъиятии касбҳои оммавӣ, имкониятҳои болоравии касбӣ ва эҷодӣ, афзалиятҳои аз худ кардани касбҳои коргариро барои онҳое, ки оянда муҳандис шудан мехоҳанд, нишон диҳад, талаботи пешрафти илму техникаро ба дониш, сифатҳои шахсиятии коргари муосир кушода диҳад. Омӯзгор метавонад таъкид кунад, ки алҳол ба ҷои якум на малакаю кордонӣ (ҳарчанд дар бисёр корҳо малакаю кордонӣ хеле муҳим аст), балки сатҳи баланди дониш мебарояд. Дар оянда ихтирои олотҳои сифатан нави меҳнатро мунтазир шудан лозим аст, ки ба истифодаи на танҳо техникаи механикӣ, балки технологияҳои усулҳои нави намуди ғайримошинӣ – магнитӣ, шуоӣ, радиатсионӣ ва ғайра асос меёбанд.

Дар шароити муосир аз кормандони касбҳои оммавӣ сатҳи нисбатан баланди дониш, фазилат, фарҳанг, кордонӣ талаб карда мешавад. Шаклҳои дастаҷамъии ташкилим меҳнат, ҷорӣ намудани пудрати бригадавӣ, тобоварию пурбордоштии калон, интизоми баланди меҳнат, риояи манфиатҳои ҷомеа, муносибати эҷодкорнро ба меҳнат талаб мекунанд. Кор оид ба корҳои касбинтихобкунӣ бояд ба таҷрибаи шахсии хонандагон такя кунад, на танҳо ба соҳаи зееҳнӣ, балки ба эҳсосот низ таъсир расонад.

Омӯзгор метавонад дар раванди пурсиш муносибати хонандагонро ба корҳои касбинтихобкунӣ муайян кунад. Дар рафти шарҳу тавзеҳи маводи нав ӯ диққати хонандагонро ба он ҷалб мекунад, ки онҳо дониши андӯхтаашонро кай татбиқ карда метавонанд, донишҳои мазкур ба намояндагони кадом касбҳо заруранд. Дар амалияи муассисаҳои

таҳсилоти умумӣ ба ном дарсҳои “кушода”-и корҳои касбинтихобкунӣ паҳн шудаанд. Ин дарсҳо аз рӯи мавзӯъҳое гузаронида мешаванд, ки бо касбҳо, соҳаҳои истеҳсолот робитаи зич доранд.

Омӯзгор, ки дар ихтиёраш маҷмӯи шаклу усулҳои мухталифи корҳои касбинтихобкунӣ мавҷуд аст, воситаҳоеро, ки мавқеи худи талабаро дар интихоби касб фаъол мегардонанд, бозиҳои корӣ, ҳалли вазъиятҳои мушаххаси истеҳсолӣ, омӯхтани фаъолияти хоҷагидории ноҳияи иқтисодии наздиктаринро бо салоҳдиди худ истифода мебарад, хонандагонро ба омӯзиши мустақилонаи касбҳо ҷалб мекунад. Дар дарсҳои ҳамаи синфҳои ибтидоӣ маводи матбуоти марказӣ ва маҳаллӣ, додаҳоро дар бораи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии корхонаи пойгоҳӣ васеъ истифода бурдан лозим аст.

Омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ шаҳодат медиҳад, ки маҳз маводи корҳои касбинтихобкунӣ ба омӯзгорон дар ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои таълим, тарбия ва инкишоф, ба ҳам пайвастагии таълим бо ҳаёт ва амалия ёрӣ мерасонад.

Кор оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунии кӯдакон дар синфҳои ибтидоӣ шурӯъ мешавад. Ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ кунҷковии аз ҳад зиёд хос аст. Омӯзгор ва умуман калонсолон дар назди кӯдак обрӯю эътибори хоса доранд. Талабаи синфҳои ибтидоӣ ба ҳамаи чизҳои нав вокуниш нишон медиҳад, ба осонӣ зери таъсири вазъиятҳои беруна мемонад. Ӯ супоришҳои меҳнатиро бо майли тамом иҷро мекунад, ба фаъолияти ғайратмандона майл зоҳир мекунад, агар синфхона барои гузаронидани ҷамъомад ё маҳфил рангоранг оро дода шуда бошад. Бинобар ин омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд он шаклу методҳои кори касбинтихобкуниро ҷудо кунад, ки ҳатталимкон бо хусусиятҳои психологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мувофиқанд, ба онҳо унсурҳои бозӣ, эҷодкорӣ, романтикаро ворид созад. Комилан табиист, ки дар ин марҳила омодагӣ ба меҳнат ва интихоби касб чи қадаре ки васею амиқ амалӣ гардад, раванди ташаккули фаъолнокии

меҳнатӣ ва худмуайянкунии касбӣ дар наврасӣ ва синни болоии мактабӣ ҳамон қадар самарабахштар мегардад.

Кор оид ба корҳои касбинтихобкунӣ дар синфҳои ибтидоӣ вижагии хос дорад. Самтҳои асосии он маърифати касбӣ (ташаккули тасаввурот дар бораи меҳнати калонсолон, касбҳо ва истеҳсолот), таълими меҳнатӣ ва омӯхтани шавқу мароқ ва майли хонандагони синфҳои поёнӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳар яке аз самтҳои мазкур хусусияти худро дорад. Масалан, омӯзиши ҳадафманди хонандагони мактаби ибтидоӣ имкон медиҳад дар бораи шавқу мароқ ва майли онҳо ба намудҳои муайяни фаъолияти меҳнатӣ маълумот ба даст оварда шавад. Майлу рағбати кӯдакон чӣ қадаре ки барвақттар ошкор карда шавад, омӯзгорон ва падару модарон ҳамон қадар барои инкишоф додани майлу рағбати онҳо имконияти бештар пайдо мекунанд. Гузашта аз ин, интихоби касб дар оянда аз ҷониби кӯдакон бошууронатар мегардад. Ба ин мақсад сӯҳбат, анкетапуркунӣ, мушоҳида ба фаъолияти меҳнатии мактабиёни хурдсол гузаронида мешавад, маҳсули фаъолияти эҷодии онҳо (иншо ва ғайра) мавриди омӯзиш қарор мегиранд, барои тафтиши омодагии онҳо ба меҳнат вазъиятҳои махсуси педагогӣ, аз қабили "десанти меҳнатӣ", бозиҳои нақшдор ва ғайра ташкил карда мешаванд.

Дар бобати омодагии меҳнатии политехникӣ дар мактаби ибтидоӣ гуфтан лозим аст, ки ҳар намуди меҳнати ба барнома воридгардида бо ягон касбу истеҳсолот робитаи бевосита дорад. Масалан, иҷрои машқҳои содатарин оид ба тайёр кардани маҳсулоти дуредгарӣ аз чӯб барои писарчаҳо ва ё дӯзандагӣ ё гулдӯзӣ барои духтарчаҳо дар дарсҳои технология бо усули дастӣ бо истифодаи дастгоҳи коркарди чӯб ё мошини дӯзандагӣ.

Таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ, барномаҳо ва китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ, ҳамчунин кори тарбиявии берун за синфӣ нишон дод, ки раванди таълиму тарбия барои ба интихоби касб тайёр

кардани мактабиёни хурдсол имкониятҳои калон пешниҳод мекунад. Вале, чи тавре ки амалия шаҳодат медиҳад, омӯзгорони мактаби ибтидоӣ онҳоро ба қадри кофӣ истифода намебаранд.

Маводи таълимие, ки дар “Букварь” (“Алифбо”) ва “Китоби хониш” (синфи 1) ҷойгир шудааст, ба омӯзгор имконият медиҳад кӯдаконро тахминан бо 60 намуди меҳнат шинос кунад. Вале чи тавре ки натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, 120 талабаи синфи якуми баъзе мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ш.Хуҷанд бо ҳамаи ин касбу ихтисосҳо шинос нестанд. 23 фоизи хонандагон 18-24 касб, 39% - 8-15 касб, 41% ҳамагӣ 3-7 касбро номбар карда тавонистанд. Ҳангоми пурсиши хонандагони синфҳои II-IV низ ҳамин хел натиҷа ба даст омад.

Гуфтан лозим аст, ки аксаран кӯдакон дар бораи касбҳои номбар кардаашон тасаввуроти хеле сатҳӣ доранд. Хонандагони синфи I ва ҳатто II-IV баъзан дар бораи мундариҷаи меҳнати челонгар, агроном, дуредгар, геолог ва ғайра чизе гуфта наметавонанд.

На ҳамаи кӯдакон аҳамияти ҷамъиятии меҳнатро мефаҳманд. Ба суоли “Одамон барои чӣ мекунанд?” 55 фоизи талабаҳои якум ҷавоби зерин доданд: “Барои пул гирифтан”, 30 фоиз умуман ба ин суол ҷавоб дода натавонистанд ва танҳо 15 фоиз ҷавоби “Барои он ки Ватан бойтар шавад”, “Барои ҳамаи одамон”-ро дода, собит сохтанд, ки самтияти ҷамъиятии меҳнатро мефаҳманд.

Ба назар чунин мерасад, ки аксарияти хонандагон нафаҳмидани аҳамияти ҷамъиятии меҳнатро ба фаъолияти меҳнатии худ низ мегузаронанд. Масалан, 48 фоизи талабаҳои синфи 2 изҳор доштанд, ки навбатдорӣ карданро дӯст намедоранд, зеро ба назари онҳо дар танаффус дар роҳрав бозӣ кардан беҳтар аст. Ба бисёр хонандагон худи раванди иҷрои вазифаи навбатдор (шустани тахта, тафтиши синф) писанд аст. Ва танҳо 6,4%-и талабаҳои синфи 2 меҳнати худхизматрасониро чун меҳнати аҳамияти ҷамъиятӣ дошта

(навбатдориро дӯст медорам, зеро ин меҳнат барои ман ва синфам аст) баррасӣ мекунанд.

Фактҳои мазкур шаҳодат медиҳанд, ки на ҳамаи омӯзгорон дар назди худ мақсади ба меҳнат ва асосҳои ибтидоии интихоби касб тайёр кардани талабҳои синфҳои ибтидоиро гузоштаанд, балки онҳо, аз афташ, барои ҳалли ин масъала бо усулҳои методӣ мусаллаҳ нестанд.

Дарси хониш яке аз воситаҳоест, ки ба фаҳмиши чуқури аҳамияти ҷамъиятии меҳнат аз ҷониби кӯдакон, дар онҳо парваридани муносибати мусбат ба намуди дилхоҳи меҳнат, ҷидду ҷаҳд ба фаъолияти якҷоя мусоидат мекунад, тасаввуроти онҳоро дар бораи касбҳо васеъ менамояд.

Дар китобҳои дарсии синфҳои поёнӣ муаллифон саъю кӯшиш кардаанд бо ёрии расмҳо, матнҳои мухталиф, ҳикояҳои кӯтоҳ, ашъор ва дигар намудҳои адабиёти бадеӣ кӯдаконро бо касбҳо шинос намоянд. Масалан, дар китоби дарсии синфи якум дар бораи меҳнати боғбон, деҳқон (саҳ.93), сарбоз (саҳ.135), нонвой, усто, омӯзгор (саҳ.44), рассом (саҳ.53), чорводор (саҳ.77), чӯбон (саҳ.44), пизишк (саҳ.138), кайҳоннаворд (саҳ.141), занбӯрпарвар (саҳ.159) ва ғайра нақл карда мешавад.

Дар китоби дарсии “Забони тоҷикӣ” (барои синфи дувум (муаллифон Ф.Шарифзода, М.Лутфуллоева, Б.Ғаниева, С.Куйбонова. – Душанбе, 2012. – 315 с.)) дар бораи касбҳои омӯзгор (саҳ.39), нависанда (саҳ.117), аҳамияти касб ва ҳунар (саҳ.129), деҳқон (саҳ.140), рассомӣ (саҳ.171) ва мавзӯи “Меҳнат шараф аст” (саҳ.139) маълумот оварда шудааст, ки ба касбинтихобкунии хонандагон ёрӣ мерасонанд.

Масалан, порчаи зерин барои шарҳу тавзеҳи ин мавзӯъ аҳамияти калон дорад. Ҳакиме ба кӯдакон чунин панд медод:

Дар китоби дарсии “Забони модарӣ” (синфи 3, муаллифон И.Абдуллоева, З.Абдуллоева, Б.Боронова, З.Доргабекова, - Душанбе, 2012. – 363с.) матнҳои зерин дар бораи касбҳо оварда шудаанд: “Ба

омӯзгор” (саҳ.47, шеъри Камол Насрулло), “Боғдорӣ” (саҳ.86), “Санъати тасвирӣ” (саҳ.197), “Суруд” (саҳ.198), “Кайҳоннавардӣ” (саҳ.273) ва ғайра.

Дар китоби “Забони модарӣ” (синфи 4, муаллифон М.Зиёева, У.Эрматова, Ф.Олимова, Б.Зоолишоева, М.Набиева, Ш.Қосимова, Душанбе, 2012, 343с.) дар бораи касбҳои деҳқонӣ (с.19), боғдорӣ (с.23), оҳангар (с.44), баҳрнавард (с.109), танбӯрнавоз (с.136), раққоса (саҳ.138), нонвой (саҳ.145), қолинбоф (саҳ.221), ҳавонавард (саҳ.227), пизишк (саҳ.231) ва ғайра маълумот оварда шудааст.

Татбиқи талаботи интихоби касбро дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷик низ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, дар синфи 5-ум ба омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар асоси барномаи таълимӣ оид ба адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11 (мураттибон Худоӣ Шарифов ва Урватулло Тоиров) панҷ соат ҷудо карда шудааст (барнома соли 2006 чоп шудааст ва ба ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ пешбинӣ гардидааст). Тибқи барномаи мазкур кӯдакон шеърҳои зеринро меомӯзанд: “Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ”, “Ин ҷаҳонро нигар бо чашми хирад”, “Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир”, “То ҷаҳон буд аз сари одам фароз”, “Ба чашми дилат дил бояд ҷаҳон”, “Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд”, “Бихандад лола дар саҳро”, “Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб”, “Рӯдакӣ дар Ҳирот” (ҳикоя аз “Чаҳор мақола”-и Низомӣ Арӯзии Самарқандӣ). Дар ҳар шеъри Рӯдакӣ касбе тавсиф гардидааст, ки соҳибкасби худро ба авҷи эътибор расонидаанд. Дар аксари ашъор зарурати илмомӯзӣ таъкид гардидааст. Маҳз ҳамин фасоҳату балоғат буд, ки ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик ба унвони фахрии “Одамушшуаро” сазовор гардад.

Ба омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Сино дар синфи панҷум 4 соат ҷудо карда шудааст. Як соати он ба омӯхтани ҳикоя дар бораи муолиҷаи амири сомонӣ ва ба рӯи Сино боз шудани дари китобхонаи Бухоро бахшида шудааст. Ба ибораи дигар, дар ин ҳикоя сухан дар бораи

тавсифи касби пизишкӣ, ғамхорию ҳифзи саломатии одамон меравад. Талабаҳо ҳикоеро дар бораи Сино хонда, мумкин аст ба касби пизишкӣ мароқ зоҳир кунанд. Масалан, ҳикояи зерин хирадмандии Ибни Синоро нишон медиҳад:

**Мор ва косаи шир**

Беморонро аз ҳар кучо оварда, дар сари роҳи Абӯалӣ мешинониданд. Вақто ки Абӯалӣ ҳар рӯз субҳ аз хонаи худ берун мебаромад, аввал ба як тараф нигоҳ карда, беморони дар ҳамон ҷониб нишастаро ҳолпурсӣ мекард ва мегуфт: “Ин фалон мариз аст, илоҷи вай ин аст”. Дар вақти бозгаштан ба ҷониби дигар нигоҳ мекард ва бо дастури боло илоҷи беморонро муқаррар менамуд.

Рӯзе ба беморе бодиққат нигоҳ карда истода, дар бораи илоҷи дарди вай чизе нагуфт ва ба тарафи беморони дигар гузашта рафт.

Аз ин муомилаи Абӯалӣ ба он бемор ҳолати аҷибе рӯй дод. Вай аз зиндагонӣ тамоман дил канд ва аз сиҳат ёфтан даст шуста, хоҳиш намуд, ки ӯро зуд бардошта ба хонааш баранд. Дар хона ба наздикони худ гуфт:

- Эй азизон, дар фикри тобуту кафани ман бошед, кори ман нашуд. Абӯалӣ донистааст, ки дарди ман илоҷпазир нест, бинобар он ба ман аҳамияте надода гузашта рафт.

Бемор ба марги худ интизор нишаста буд, ки аз сӯрохии кунҷи хона море берун шуд. Дар ҳамон вақт дар миёнаи хона косаи шир меистод. Мор ба оҳистагӣ худашро ба косаи шир наздик карда, шири косаро тамоман дам кашид. Пас аз чанде ба замин ғалтида печутоб хӯрд ва дубора даҳонашро ба лаби коса ниҳода, шири хӯрдагиашро тамоман қай кард.

Вақто ки мор ба сӯрохии хона даромада аз назар пинҳон шуд, бемор ба чунин андеша афтод: “Чун ман мурданӣ шудам ва дигар умедворӣ надорам, ҳолам соат ба соат бад мешавад, беҳтар он аст, ки ин ширро хӯрда ҷонамро аз азоб халос кунам”.

Ӯ бо ҳамин фикр, ба пеш ҳаракат кард ва косаи ширро гирифта тамоман дам кашид. Вале, баръакси интизории бемор, дарди ӯ соат ба соат сиҳат ёфтан гирифт. Бемор дубора ба худаш умедворӣ пайдо кард. Баъд аз чанд рӯз, ҳангоме ки худашро тамоман дуруст ҳис кард, фармуд, ки ӯро дубора ба сари роҳи Абӯалӣ баранд, то ки ба он муомилаи Абӯалӣ эътироз баён кунад.

Хоҳиши ӯро ба иҷро расониданд. Вақто ки Абӯалӣ аз хона баромада ӯро дучор меояд, дар тааҷҷуб афтода мепурсад:

- Эй мард, ту қайи мори афъиро аз куҷо ва ба чӣ кайфият пайдо кардӣ? Илоҷи касали ту вобаста ба хӯрдани қайи мори афъӣ буд. Азбаски ҳосил кардани он бисёр душвор ва ғайримумкин буд, ман он рӯз ба касалии ту дахл накарда будам.

Марди бемор воқеаро ҳамон навъе, ки рӯй дода буд, нақл карда медиҳад.

Муаллифи китоби "Сиёсатнома" Низомулмулк яке аз ходимони сиёсии барҷастаи тоҷик мебошад, ки асари ӯ дар бобати масъалаҳои идоракунӣ ва пешбурди корҳои давлатӣ баҳс мекунад. Ҳикояю порчаҳои бадеии дигар, ки шакли тарбиявӣ доранд, подшоҳону ҳокимонро ба адолату накӯкорӣ даъват мекунанд. Омӯзгор дар давоми ду соати машғулият, ки ба омӯзиши ин китоб ҷудо шудааст, ба хонандагон моҳияти бурдани корҳои давлатиро шарҳ медиҳад. Дар иртибот бо ин нукта ҳикояи зеринро аз китоби "Сиёсатнома" овардан мумкин аст.

"Ва ҳам шунидам, ки дар Ғазнин хаббозон дарҳои дӯкон барниҳоданд. Нон азизу ноёфт гашт ва дарвешон дар ранҷ афтоданд ва тазаллум бар даргоҳи султон оварданд ва аз нонвоён бинолиданд. Султон бифармуд то нонвои хос биёварданд ва дар зери пои пил афканданд.

Чун бимурд ба дандони пил бастанду дар шахр бигардониданд ва бар вай мунодӣ карданд, ки "ҳар ки дари дӯкон кушода накунаду нон нафурӯшад, бо ӯ ҳамин равад, ки бо ин рафт".

Анборҳо харҷ карданд, намози шом бар дари ҳар дӯкон панҷоҳ нон монда буд ва касе намехарид”.

Дар синфи 5-ум ба омӯзиши “Гулистон”-и Саъдӣ шаш соат ҷудо шудааст. Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ яке аз бузургтарин мутафаккирони халқи тоҷик буда, тамоми мамлакатҳои Осиёи Наздик ва Марказӣ сафар кардааст, бо намояндагони халқҳои мухталиф мулоқот намудааст. Ӯ қадру қимати ҳунару касбро хеле хуб медонист. Бинобар ин, ба ҳунармандон эҳтироми беандоза дошт. Ӯ таъкид мекунад, ки “Ҳунарманд – сарчашмаи неъмат ва сарвати оянда мебошад”. Қариб дар ҳамаи ҳикояҳои ӯ сухан дар бораи ҳунар меравад.

“Аъробиеро дидам, ки писарро ҳамегуфт:

- Ё бунаййа иннака масъулун йавма-л-қиёмати мозо-ктасабта ва ло йуқолу бимани-нтасабта”; яъне туро хоҳанд пурсид, ки амалат чист? Нагӯянд, падарат кист?!”.

“Ду бародар, яке хидмати султон кардӣ ва дигар ба зӯри бозу нон хӯрдӣ. Боре ин тавонгар гуфт дарвешро, ки чиро хидмат накунӣ, то аз машаққати кор кардан бираҳӣ?

Гуфт:

- Ту чиро кор накунӣ, то аз мазаллати хидмат раҳоӣ ёбӣ, ки хирадмандон гуфтаанд: “Нони худ хӯрдану нишастан беҳ, ки камаршамшери заррин ба хидмат бастан!”.

Камолиддин Биноӣ аз ҷумлаи он адибоне буд, ки наслиояндаро боадабу ботарбия ва оқилу хирадманд дидан мехостанд. Ӯ дар ашъор, ҳикояҳо ва повестҳояш дар бораи муҳиммияти донишандӯзии кӯдакон сухан рондааст. Ривояти “Ҷавони ҳунарманд” аз ҷумлаи чунин асарҳо аст.

Дар адабиёти муосири тоҷик барои омӯхтани “Ёддоштҳо” ва “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик”-и Садриддин Айнӣ панҷ соат ҷудо шудааст. Дар ин асарҳо Садриддин Айнӣ хонандагонро бо бисёр ҳунарҳо ва хусусиятҳои онҳо шинос мекунад. Ҳатто дар очерки таърихии

“Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” ӯ тарзи сохтани завраққои зиреҳпӯши ҷангиро тасвир кардааст. Зарур аст, ки кӯдакон ба сохтмони завраққои зиреҳпӯш диққати махсус диҳанд.

Барои омӯхтани порчаҳо аз асарҳои “Чароғи абадӣ”, “Қиссаи Ҳиндустон”, “Меҳмони Мағрибӣ”, “Ҷони ширин”-и Мирзо Турсунзода чаҳор соат ҷудо карда шудааст. Тақдири наврасе, ки дар “Қиссаи Ҳиндустон” тасвир шудааст, нишон медиҳад, ки ҳунар ба инсон хушбахтӣ меорад.

Дар синфҳои 6-11 низ хонандагон асарҳои бадеиро бисёр меомӯзанд. Сайидои Насафӣ дар шаҳрошӯби худ бештар аз 220 касбро тавсиф намуда, соҳибони онҳоро мадҳ кардааст.

Адабиёт воситаи тарғиби ҳунар мебошад. Тадриси дурусти дарсҳои адабиёт ба кӯдакон имкон медиҳад, ки касби дилхоҳе, ки ба он майлу рағбат доранд, интихоб кунанд. Бисёр фанҳо чунин хусусиятҳои тарғиботӣ доранд. Омӯзгорони ботаҷриба метавонад шавқу завқи кӯдаконро ба ҳунар бедор кунад, ба онҳо дар интихоби касб ёрӣ расонад.

Мақсади кори омӯзгорони хонандагони синфҳои 5-11 ташаккули асосҳои этикӣ, ғоявӣ ва меҳнатии интихоби касб мебошад. Дар кӯдакони хурдсол хислатҳои оличанобӣ рушди маънавии ақлӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо ғояҳои касбию ҳаётӣ арзи ҳастӣ мекунанд, хоҳиши худро чун шахсият шинохтан пайдо мешавад. Шавқу рағбати кӯдаконро ба фаъолияти гуногуни меҳнатӣ тавассути бо истеҳсолот ва соҳаи хизматрасонии маҳаллӣ шинос кардани онҳо, мулоқот бо намояндагони касбҳои коргарии гуногун, бо қаҳрамонони меҳнат ва навоварии истеҳсолот, ташкили экскурсияҳои якҷоя бо падару модарон ба ҷойҳои маъруфу машҳури истеҳсолию меҳнатӣ бедор кардан лозим аст. Ба ин мақсад муҳокимаҳои гурӯҳии интихоби касб низ хизмат карда метавонанд. Масалан, “Барои интихоби касб дар бораи худ чиҳоро донистан лозим аст?”, “Кадом касбҳо баобрӯ ҳастанд? Чаро?” ва ғайра. Муҳокимаю таҳлили китоби қироат карда, филму намоишномаҳои

театрӣ, ки ба меҳнату ҳунар бахшида шудаанд, ба ташаккули ғояҳои маънавии хонандагон ва шинос шудани онҳо бо қаҳрамононашон мусоидат мекунанд. Зимни тадбирҳои мазкур дониши хонандагон дар бораи олами касбу меҳнат васеъ ва амиқ мегардад, дар онҳо нисбат ба ҳунарҳо, махсусан ҳунарҳое, ки онҳоро иҳота мекунанд, шавқу рағбат бедор мегардад.

Вазифаи роҳбари синф низомбандӣ кардан ва самт додан ба фаъолияти хонандагон аст. Ба ин мақсад, ӯ якҷоя бо омӯзгорони фаннӣ ва дигар роҳбарони синф нақшаи маърифати касбии наврасонро ташаккул медиҳад; якҷоя бо аълохонон намоишгоҳи натиҷаҳои экскурсияҳо, мулоқотҳо бо қаҳрамонони меҳнат, ҷадвали сӯҳбатҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ бо хонандагонро таҳия мекунад, дар бораи интихоби касб филмҳо намоиш медиҳад ва гуфторҳои радио ташкил менамояд, методикаи гузаронидани озмуни синфи беҳтаринро ба вуҷуд меорад. Дар ҳамаи ин чорабиниҳо, албатта интихоби касб мавзӯи марказӣ мегардад.

Дар синфҳои 8-9 шавқу рағбат ва тамоюли хонандагон ба намудҳои мухталифи фаъолияти инфиродӣ баланд мешавад, он агар чунин гуфтан мумкин бошад, камол меёбад. Хонандагон дар арафаи қабули якум қарори мустақилона дар ҳаёти худ истодаанд: таҳсили худро дар кадом самт идома додан лозим аст (литсеи касбӣ, ОКТ, 11 синф). Дар ин давра хонандагонро бо муассисаҳои таълимии мухталифи шаҳру ноҳия ё вилоят шинос кардан лозим аст. Роҳбари синф нақшаи боздиду шиносоиро бо муассисаҳои таълимӣ дар вақти дарсҳои кушода тартиб медиҳад, ҳамчунин байни хонандагон проспекту буклетҳо, мавод дар бораи махсусгардонии ин муассисаҳо паҳн мекунад, бо иштироки волидайни хонандагон семинару маҷлисҳо мегузаронад, натиҷаҳои анкетапуркуниро оид ба муайян кардани мақсадҳои касбии хонандагони синфҳои 8-9 мавриди таҳлил қарор медиҳад. Кор оид ба маърифати касбии хонандагони синфҳои 8-9 бо экскурсияҳои касбӣ ба корхонаҳои

ноҳияю шаҳр, сохтмонҳо пурра карда мешавад, баҳсу мунозираҳо ва семинарҳо (масалан дар мавзӯъҳои “Роҳ ба меҳнат ва истеҳсолот”, “Шаҳрванд будан чӣ маъно дорад?”, “Касби ояндаи ту”, “Инқилоби илму техника ва мо” ва ғайра) гузаронида мешаванд.

Омодагии хонандагони синфҳои боло ба интихоби касб бояд дар устуворию пойдории мақсадҳои касбӣ нисбат ба намудҳои муайяни фаъолият инъикос ёбад. Вазифаҳои маърифати касбии ин марҳила рушди васеи ҷаҳонбинии политехникӣ дар хонандагони синфҳои боло, ташаккули фаъолнокӣ дар интихоби мавқеи ҳаётӣ, асосҳои маънавӣ-ғоявии роҳи меҳнатиро дар бар мегирад. Ташкил кардани машғулиятҳои факултативӣ бо мақсади муайян кардани фаҳмиши шавқу рағбат ва тамоюлҳо, маъмулан барои инкишофи афзалиятҳои касбӣ асосӣ ба шумор мераванд. Дар утоқи корҳои касбинтихобкунӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ дар мавзӯъҳои зерин машғулиятҳои факултативӣ гузарондан мумкин аст: “Асосҳои психологӣ-педагогии интихоби касб”, “Омодагии иқтисодию иҷтимоии хонандагон ба интихоби касб”.

Роҳбари синф ба ин машғулиятҳо мутахассисони соҳаи мухталиф, аз ҷумла иқтисоддонон, психологҳо, сотсиологҳо ва дигаронр даъват мекунад.

Масъалан вобаста ба фанҳои дақиқ “Химия”, “Биология”, “Математика”, “География”, “Физика”, “Нақшакашӣ”, “Технология (таълими меҳнат)”, “Зоология”, “Ботаника”, “Информатика”, “Таърихи халқи тоҷик” ҳар як омӯзгори дарсдиҳанда оиди касбҳои ба фан мувофиқ маълумоти пурраву воҳез диҳанд.

Биология. Кори илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи биология хеле умедбахш аст ва аз ин рӯ олимони боистеъдод дар ин соҳа талабот доранд. Албатта, бисёр чиз аз ихтисос вобастагӣ дорад: масалан, биофизика ва зоология соҳаҳои тамоман дигаранд ва роҳҳои мутахассисони ҳарду соҳа аз ҳам фарқ мекунанд. Ғайр аз ин, бояд дар назар дошт, ки махсусан кори

олимон асосан бо сухан ташвиқ карда мешавад, аммо дар асл, музди меҳнати ҳатто кормандони баландихтисоси институтҳои таҳқиқотӣ чизҳои зиёдеро орзу мекунад.

Биология илми асосӣ дар соҳаи тиб мебошад. Беҳуда нест, ки имтиҳон аз рӯи ин фан дар аксар донишгоҳҳо ва коллеҷҳои тиббӣ имтиҳони асосӣ ба ҳисоб меравад. Анатомия ва физиологияи инсон, биохимия, генетика, вирусология, гистология ва иммунология - ҳамаи ин соҳаҳои дониш дар доираи биология ба вуҷуд омадаанд ва бидуни он тасаввурнопазиранд, ба монанди физика бидуни математика.

Табибе, ки на одамонро, балки ҳайвонотро табобат мекунад. Яке аз ихтисосҳои дигаре, ки аз омӯхтани илми организмҳои зинда лаззат мебаранд. Духтури ҳайвонот мебошад. Ӯ бояд дониши хуби зоология ва бемориҳои ба намудҳои гуногун хос дошта бошад. Азбаски имрӯз дар ҳама ҷо клиникаҳои байтории хусусӣ кушода мешаванд, мутахассиси хуб бешубҳа бе кор нахоҳад монд.

Психология як навъ илм аст: имрӯз онро қариб дар курсҳои кӯтоҳмуддате  азхуд кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, шумораи қоллобҳое, ки хидматҳои шифобахши рӯҳиро пешниҳод мекунанд, манъ аст. Агар қаблан ашхосе, ки коре карда наметавонистанд, ба касби  муаллимӣ мерафтанд, имрӯз онҳоро бештар ба касби равоншинос ҷалб мекунанд. Шумо бояд бифаҳмед, ки агар шумо ба ин ихтисос дар донишгоҳи гуманитарии гуногунсоҳа (масалан, донишгоҳи фарҳанг) дохил шавед, пас шумо ба биология эҳтиёҷ надоред, аммо бо вуҷуди дипломатон шумо равоншиноси комил намешавед. Агар мо психологияро ҳамчун илм бо заминаи нисбатан мустаҳками далелҳо баррасӣ кунем, пас биология дар он яке аз фанҳои фундаменталӣ мебошад, аммо пас бояд ба донишгоҳи тиббӣ дохил шавем, ки психологҳои клиникӣ ва психотерапевтҳо онро хатм мекунанд.

Агроном. Мутахассиси соҳаи кишоварзӣ, дурусттараш, растанипарвар. Агроном зироат мекорад, бар зидди ҳашароти

зараррасон ва касалиҳо мубориза мебарад, бехатарии тухмиро назорат мекунад, миқдор ва сифати нуриҳоро назорат мекунад ва тақвими нигоҳубини зироатҳоро тартиб медиҳад. Барои ин ҳама, ба ӯ дониши чуқур дар соҳаи ботаника - яке аз соҳаҳои биология ниёз дорад.

Мутахассиси парвариш ва тарбияи сагҳо. Дӯстони чорпой ҳайвоноти хонагӣ мешаванд, ба шикорчиён, полисҳо ва кормандони гумрук кӯмак мекунанд, ҳамчун роҳбалад хизмат мекунанд - бо як калима, онҳо қариб дар ҳама ҷо одамро ҳамроҳӣ мекунанд. Тааҷҷубовар нест, ки одамоне, ки бо сагҳо касбӣ муносибат мекунанд, талабот зиёданд. Ба ихтисоси «кинолог» дар ҳама мамлакат даромади хуб ваъда медиҳанд.

Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ имрӯз як соҳаи бутун, мураккаб ва технологияи олӣ мебошад. Мутахассисони ин соҳа ба дониши физиология, биохимия ва биология ниёз доранд. Барои сохтани маҳсулоти муосир аксар вақт иловаҳои гуногуни кимиёвӣ истифода мешаванд. Технолог бояд донад, ки чӣ гуна ва ба кадом миқдор онҳоро истифода бурдан мумкин аст, то ба одам зарар нарасонанд.

Касби хеле муд ва маъмул дар вақтҳои охир ин парҳезшинос (диетолог) мебошад. Гарчанде парҳезшиносӣ ихтисоси тиббӣ бошад ҳам, алоҳида қайд кардан лозим аст. Гап дар он аст, ки фарбеҳӣ балои воқеии замони мост, аз ин рӯ мардум дар ҳама ҷо ба мутахассисони ғизо муроҷиат мекунанд. Духтуре, ки ба беморон дар интихоби парҳези дуруст кӯмак мекунад, бояд биологияро мисли дигар мутахассисони соҳаи тандурустӣ донад.

Химия. Лаборанти лабораторияи таҳлили химиявӣ мутахассисест, ки таҳлили химиявӣ ва физико-химиявии моддаҳоро дар лаборатория мегузаронад.

Кори лаборантка оид ба таҳлили химиявӣ асоси сифати маҳсулот дар ҳар як соҳаи хоҷагии халқ мебошад. Таҳлили химиявии ашёи хом барои назорати мутобиқати маҳсулоти раванди технологӣ ва маҳсулоти

тайёр ба стандартҳои мавҷуда зарур аст. Лаборанти таҳлили кимиёвӣ назорати раванди саноатӣ ва қабули маҳсулоти дорои хосиятҳои муайяншударо таъмин менамояд. Бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки некӯаҳволии бисёр одамон ба кори ин мутахассисон вобаста аст, ки натиҷаҳои кори худро дар ҳаёти ҳаррӯза ва дар истеҳсолот истифода мебаранд.

Биохимик. Биохимия (химияи биологӣ) як соҳаи илмест, ки асосҳои молекулавии ҳаётро меомӯзад: таркиби химиявӣ, сохтор, хосиятҳо ва маҳалли ҷойгиршавии моддаҳое, ки организмҳоро ташкил медиҳанд, роҳҳо ва шакли пайдоиши онҳо, пайдарпай ва механизмҳои тағирот, ба мисли инчунин нақши функсионалии биомолекулаҳо. Чанд даҳсолаи охир бо кашфиёти барҷастаи биохимия қайд карда шуданд, ки онро ба дараҷаи фанҳои фундаменталии илмӣ дохил карданд ва биохимияро воситаи тавонои ҳалли бисёр масъалаҳои муҳими биология, тиб, фармакология ва биотехнология гардонданд.

Биотехнолог. Фаъолияти биотехнологро бо ду калима тасвир кардан душвор аст. Ин ҳам тиб, дорусозӣ ва муҳандисии генетикиро дар бар мегирад.

Биотехнология як фанни илмӣ ва соҳаи амалия мебошад, ки байни биология ва технология ҳамсарҳад буда, роҳҳо ва усулҳои тағир додани муҳити табиии одамро мувофиқи талаботи ӯ меомӯзад. Ин самти пешрафти илмӣ-техникӣ бо истифода аз равандҳо ва агентҳои биологӣ барои таъсири мақсаднок ба табиат, инчунин ба манфиати истеҳсоли саноатии маҳсулоти барои инсон муфид мебошад. Доираи истифодаи биотехнология доимо васеъ мешавад: ба ғайр аз истеҳсоли маҳсулоти дорусозӣ ва хӯрокворӣ, усулҳои биотехнологӣ барои коркарди маъданҳо, ҳалли мушкилоти захираҳои энергетикӣ, мубориза бо вайроншавии муҳити зист ва ғ.

Химики экологӣ. Экологияи кимиёвӣ як бахши экология мебошад, ки оқибатҳои таъсири мустақим ва номатлубро ба муҳити кимиёвӣ ва роҳҳои имконпазири кам кардани таъсири манфии онҳоро меомӯзад.

Химик - эколог дар ташкил ва татбиқи мониторинги маҳаллӣ, назорати экологии истеҳсолотро дар корхонаҳо назорат мекунад. Стандартҳои таъсири имконпазирӣ муҳити зистро таҳия мекунад, меъёрҳои идоракунии муҳити зист, пардохтҳои экологиро ҳисоб мекунад. Сарчашмаҳои ифлосшавии атмосфера, обҳои партов, партовҳо, санҷиш ва тартиб додани шиносномаҳои корхонаҳои тозакунандаи хок, газ ва ғайраҳоро ба анҷом мерасонад. Равандҳои кимиёвӣ дар истеҳсолотро назорат кунед.

Духтур. М.В. Ломоносов гуфтааст: "Табиб бидуни дониши қаноатбахши химия комил шуда наметавонад." Ин суханон ба рӯзҳои мо дахл доранд. Химия барои омӯхтани фанҳои назариявӣ ва клиникии тиббӣ заминаи асосист. Барои тиб ва ҳифзи саломатӣ, нақши химия дар синтези доруҳо, маводҳои тиббӣ, дастгоҳҳо, инчунин дар ташхис ва табобат нақши хоса дорад.

Духтур мутахассисест, ки малака, дониш ва таҷрибаи худро дар пешгирӣ ва табобати беморихо, нигоҳ доштани фаъолияти мӯътадили бадани инсон истифода мебарад.

Дорусоз. Фарматсия маҷмӯи фанҳои илмӣ ва амалӣ мебошад, ки бо таҳияи доруҳо, ҷустуҷӯи манбаъҳои табиии доруҳо, таҳқиқоти моддаҳо, масъалаҳои нигоҳдорӣ, истеҳсол, паҳнкунӣ ва маркетинг машғуланд. Вижагии таълими фарматсевтӣ дар он аст, ки он дониши фанҳои кимиёвӣ, биомедицинӣ ва дорусозии махсусро бо дониши ташкили тиҷорати дорусозӣ, фаъолияти дорухонаҳо, менеҷмент ва маркетинг, хидмати фармасевтӣ ва идоракунии истеҳсоли дорусозӣ, психология ва педагогикаро муттаҳид мекунад.

Муаллими химия. Омӯзгори химия таълим ва тарбияи хонандагонро бо дарназардошти хусусиятҳои таълими фанни академии

«химия» амалӣ менамояд. Дарсҳо, дарсҳои иловагии факултативӣ мегузаронад, ба маҳфилҳои фаннӣ роҳбарӣ мекунад. Донишҷӯёнро бо саноати муосири кимиёвӣ, самтҳои асосии химиконидани соҳаҳои пешбарандаи хоҷагии халқ, кори кормандони соҳаи химия ва соҳаҳои марбути он шинос менамояд.

Истеҳсол ва фурӯши доруҳо имрӯзҳо хеле инкишоф ёфтааст, аммо дар ҳар сурат дониши биология (пеш аз ҳама биохимия) талаб карда мешавад. Пас аз хатми донишгоҳ ва гирифтани ихтисоси "дорусоз" шумо метавонед ба даромади хуб умедвор бошед

Математик. Математик барои ҳалли масъалаҳои илмӣ, техникӣ ва истеҳсолӣ таҳқиқоти математикиро анҷом медиҳад. Вай объектҳои назариявии математикаро меомӯзад ва усулҳои ҳалли масъаларо бо истифодаи усулҳои ҳисоббарорӣ ва воситаҳои ҳисобӣ ва техникӣ таҳия менамояд. Онҳо инчунин бо масъалаҳои назариявии математика, яъне. сохтани моделҳои математикӣ (хусусиятҳои миқдории ашёи воқеӣ) барои омӯзиши равандҳои ҳаёт; гузаронидани таҳқиқот дар соҳаҳои гуногуни илми математика бо мақсади ҷустуҷӯи қонунҳо ва қонуниятҳои нав машғул мебошад.

Иқтисодчӣ. Иқтисодчӣ баҳисобгирии манбаъҳои молиявии ширкат, аудит ва назорати молиявиро анҷом медиҳад, дурустии маълумоти гирифташударо тафтиш мекунад, риояи қонунҳоро ҳангоми хароҷоти захираҳои молиявӣ назорат мекунад. Вай маоши кормандони ташкилотро ҳисоб мекунад, сарватҳои моддиро ба ҳисоб мегирад, арзиши истеҳсолот ё тарҳҳои андозро ҳисоб мекунад, бо таъминкунандагон ва субпудратчиён ҳисоббаробаркунӣ мекунад. Вай инчунин ҳисоботи ташкилотро таҳия намуда, ба мақомоти танзим (нозироти андоз, фондҳои давлатӣ) пешниҳод менамояд.

Мутахассиси корҳои молия. Маблағгузор мутахассиси соҳаи амалиёти молиявӣ бо таълими иқтисодӣ мебошад, ки амалиётҳои калони пулиро дар асоси қонун анҷом медиҳад. Вай мушкилоти бонакшагирӣ ва

истифодаи оқилонаи захираҳои қарзии ҷамъшудаи мақомоти молияро ҳал мекунад, аз болои гардиши (воридот, сармоягузорӣ, хароҷоти) маблағҳо назорати молиявӣ ва бонкӣ анҷом медиҳад, вазъи фаъолияти молиявию хоҷагиро таҳлил менамояд.

Нозири андоз. Ҳар як давлат барои нигоҳдории дастгоҳи давлатӣ, ташкилотҳои буҷавӣ, артиш, барои маблағгузории барномаҳои иҷтимоӣ ба манбаъҳои калони молиявӣ ниёз дорад. Давлат ин маблағҳоро тавассути ситонидани андоз аз субъектҳои соҳибкорӣ ва шаҳрвандон мегирад. Ҷамъоварии андозро нозири андоз низ ҳал мекунад. Нозири андоз шахсе мебошад, ки риояи қонунгузории андоз, пурра ва саривақтии пардохтҳои андоз ба буҷетро аз ҷониби ҳамаи категорияҳои андозсупорандагон назорат мекунад.

Барномасоз. Барномасоз дар тарҳрезӣ, истеҳсол ва истифодаи воситаҳои барномавӣ дар асоси технологияҳои муосири иттилоотӣ кор мекунад. Вазифаи асосии барномасоз таҳияи барномаҳо дар асоси таҳлили моделҳои математикӣ ва алгоритмҳои ҳалли масъалаҳои илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва ғайра мебошад, ки иҷрои ин алгоритмҳо ва вазифаҳоро тавассути технологияи компютерӣ таъмин мекунанд.

Меъмор. Меъмор мутахассиси лоиҳакашии биноҳои гуногун, фароҳам овардани шароити бароҳати зиндагист. Меъмор ба тарҳрезии низомҳо барои ҷойгиркунии одамон - шаҳрҳо, ноҳияҳо, ансамблҳо, майдонҳо, биноҳои истиқоматӣ ва истеҳсолӣ, иншоот, иншооти боғ ва боғ машғул аст; таҳияи лоиҳаҳо оид ба барқароркунии ёдгориҳои меъморӣ, дохили биноҳо ва биноҳои инфиродӣ; гузаронидани таҳқиқоти марбут ба ҳалли тарроҳӣ; назорати сохтмонро бба ӯҳда дорад.

Муҳандис. Касбҳои муҳандисӣ касбҳои паҳншудаи меҳнати баландихтисос мебошанд. Дар мамлакати мо зиёда аз сеяки мутахассисони дорой маълумоти олӣ муҳандисон мебошанд.

Муҳандис. Касби муҳандисӣ ҳамеша такягоҳи рушди ҷаҳон будааст. Сатҳи таҷҳизоти техникӣ ҳатто пеш аз оғози асри мо бартарии

як тамаддунро нисбат ба дигарон муайян мекард. Ва имрӯз маҳз навигариҳои техникӣ рушди тамаддунро таъмин мекунанд.

Муҳандис дар истеҳсоли ҳама неъматҳои моддии ҷомеа - аз хӯрокворӣ ва молҳои истеъмолӣ то компютерҳои мураккаб, мушакҳои кайҳонӣ, киштиҳои зериобӣ иштирок мекунад. Муҳандиси муосир мутахассисест, ки дорои фарҳанги баланд аст, ки технологияи муосир, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолотро хуб медонад, қодир аст дар ҳалли масъалаҳои муҳандисӣ усулҳои муҳандисиро истифода барад ва ҳамзамон қобилияти ихтироъкорӣ дошта бошад.

Менеҷер. Менеҷер - мутахассиси идоракунии истеҳсолот ва гардиши мол. Менеҷерон корро дар ширкат ташкил мекунанд ва фаъолияти истеҳсолии ташкилотро идора мекунанд. Вазифаи асосии менеҷерон менеҷмент мебошад, ки раванди банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандкунӣ ва назоратро дар бар мегирад. Менеҷер фаъолияти соҳибкорӣ ё тиҷоратии корхона, муассиса, ташкилотро идора мекунад ва эътибори кории онро нигоҳ медорад. Вай дар асоси ҳадафҳои стратегии ташкилот фаъолияти соҳибкорӣ ё тиҷоратиро ба нақша мегирад; таҳия ва татбиқи нақшаҳои бизнес ва шартҳои тиҷоратии созишномаҳо, созишномаҳо ва қарордодҳоро назорат мекунад, дараҷаи хавфи имконпазирро арзёбӣ мекунад.

Муаллими география. Агар шумо на танҳо дарк кунед ва харитаи ҷаҳонро аз ёд медонед, балки омӯхтани дигаронро дар бораи ин фан дӯст медоред, пас бешак шумо истеъдоди омӯзгорӣ доред. Муаллими ҷуғрофия ба маънои аслӣ дунёро барои мактаббачагон боз мекунад, онҳоро бо кишварҳо ва қитъаҳои нав шинос мекунад. Вай далелҳои илмиро ба таври ҷолиб пешкаш мекунад, то бачаҳо на танҳо онҳоро фаҳманд, балки онҳоро ба ёд оранд. Баъзан барои ин муаллим роҳнамо, этнограф, эколог, таърихшинос, бостоншинос ва географ мегардад.

Географи экологӣ. Географи экологӣ саломатии Заминро назорат мекунад. Кори ӯ ба кори геолог шабоҳат дорад, танҳо масъулияташ каме

васеътар аст. Мутахассис биосфераи Замин, таъсири одамон ва организмҳои зиндаро ба он меомӯзад, дар бораи ҳифз ва ҳифзи табиат фикр мекунад. Дар паси ин ҳама корҳои зиёди таҳқиқотӣ истодаанд. Аз ин рӯ, агар шумо хоҳед, ки дар сайёра посбон бошед, таҳсилро МДТ, Донишгоҳи Давлатии Хучанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Айнӣ, Бохтар ихтисоси география ҳамчун як варианти таҳсил интихоб кунед.

Муҳандиси геологӣ. Ин мутахассисро метавон заминави зеҳнӣ номид. Танҳо ӯ на танҳо заминро меканад, балки онро меомӯзад, то маъданҳои фоиданокро пайдо кунад. Барои ин, муҳандиси геолог мавзеъҳои ояндадорро (заминӣ ё баҳрӣ) меомӯзад, ҷустуҷӯи канданиҳои фоиданокро ташкил мекунад, сохтори геологии конҳоро меомӯзад, корҳои истихроҷро назорат мекунад. Чунин экспедитсияи муваффақ саҳми бузурге дар рушди иқтисодиёти кишвар мегардад.

Гидрометеоролог. "Дар қисми ғарбӣ борон меборад, дар баъзе ҷойҳо - раъду барқ ..." - шумо бояд ин суханонро ҳадди аққал дар ҳаёти худ шунида бошед. Кори ҳамоҳангшудаи гидрометеорологҳо дар паси ин паём меистад. Аммо фикр накунед, ки моҳияти кори онҳо огоҳ кардани шумост, ки чатрро бо худ гиред ё либоси гарм пӯшед. Онҳо инчунин меъёри гидрометеорологии қаламравҳо, баҳрҳо ва укёнусҳоро меомӯзанд; таҳия ва санҷидани дастгоҳҳои махсус; бо корҳои илмӣ ва бисёр чизҳои дигар машғуланд. Гидрометеорологҳои оянда танҳо дар ДДХ таҳсил мекунанд, аз ин рӯ ба озмуни ҷиддии рақобатӣ омода шавед.

Хариташинос. Агар шумо ба ҷуз аз география, дар кашидани расмҳо низ хуб бошед, пас худро дар хариташиносӣ бисанҷед. Як шахси оддӣ метавонад фикр кунад, ки Замин кайҳо омӯхта шудааст ва дар он нуқтаҳои холӣ нестанд. Картографҳои назариявӣ усулҳо ва усулҳои сохтани харитаҳо ва атласҳоро таҳия мекунанд. Коркунон, дарвоқеъ, харитаҳоро дар шакли чопӣ ё электронӣ месозанд: зоологӣ, иқлимӣ, таърихӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, геологӣ, хок ва ғайра. Ғайр аз он, ҷаҳон доимо

тағир меёбад, фазо фаъолона омӯхта мешавад ва зарурати сохтани харитаҳои ситора ва харитаҳои Коинот ба миён меояд.

Олим-географ. Чунин ба назар мерасад, ки пас аз давраи кашфиётҳои бузурги георафҳо об ва замин пурра омӯхта шуданд ва ҷуғрофиён коре надоранд. Бо вуҷуди ин, майдони таҳқиқот адонашаванда аст. Географҳо қишри ҷуғрофии Замин, минтақа ва аҳолии онро меомӯзанд, таҳлил мекунанд, ки чӣ гуна инсон ба табиат таъсир мерасонад ва бисёр чизҳои дигар. Географҳо метавонад дар таърихи маҳаллӣ, географи физикӣ, геоморфология, гляциология, географияи иқтисодӣ, геоинформатика тахассус пайдо кунад. Вай ягон падидаеро кашф мекунад, хусусиятҳо ва аҳамияти онро меомӯзад, мақолаҳои илмӣ менависад.

Физика. Физик олимест, ки таҳқиқоти илмии ӯ асосан ба физика бахшида шудааст. Физикҳо аз зарраҳои субатомӣ то рафтори коинот дар доираи васеи масъалаҳо кор мекунанд.

Мавзӯи фаъолияти касбии физик соҳаи илм ва техника мебошад, ки маҷмӯи воситаҳо, усулҳо ва усулҳои гирифтани маълумоти пурра ва боэътимодро дар бораи табиат ва қонунҳои микдории ҷараёни ҷисмонӣ дар муҳити атроф, низомҳои мавҷуда ва нави техникӣ барои соҳаҳои гуногуни саноат дар бар мегирад.

Физики ядро оид ба мушкилоте, ки дар соҳаи физикаи ядро ба миён омадаанд, таҳқиқоти илмӣ мегузаронад. Мавзуъҳои фаъолияти касбии физики ҳастаӣ падидаҳо ва равандҳои физикии ядроӣ (реаксияҳои ҳастаӣ, радиоактивӣ, таъсири мутақобилаи радиатсияи ядрои бо моддаҳо, изомерияи ҳастаӣ, резонанси магнитии ядроӣ, ҳамкории нейтронҳо бо ядроҳо, реаксияҳои термоядрӣ, синтези идорашавандаи термоядроӣ ва ғайра мебошанд. ); моддаҳои радиоактивӣ; дастгоҳҳо, механизмҳо ва таҷҳизоти комплекси энергетикии атомӣ. Физики ядро вазъи раванди истеҳсолӣ ва технологиро дар корхонаҳои маҷмааи энергетикии атом таҳия, татбиқ ва назорат мекунад.

Биофизик мутахассиси омӯзиши мушкилоти биологист, ки сабаби он равандҳои физико-химиявии ҳаёт мебошад.

Биофизика як соҳаи илмест, ки падидаҳои физикӣ ва физикӣ-химиявиро, ки дар организмҳои зинда рух медиҳанд, меомӯзад. Ин соҳаи илм бо омӯзиши равандҳо ё падидаҳои гуногуни биологӣ бо истифодаи таҷрибаҳои лабораторӣ ва ҳисобҳои математикӣ алоқаманд аст. Вазифаи асосии биофизик омӯхтани равандҳои физикию химиявӣ мебошад, ки метавонад мушкили биологиро ба вуҷуд орад.

Энергетик - мутахассиси дорои таҳсилоти олии техникӣ дар таҳия, истеҳсол ё истифодаи системаҳои барои таъминоти ҳароратӣ ё барқӣ пешбинишуда. Вазифаҳои кории ӯ бештар аз рӯи мавқеъ ва хусусиятҳои корхона муайян карда мешаванд. Дар корхонаҳои лоиҳакашӣ ва ба истифодадиҳии шабакаҳои барқии корхонаҳоро барқарор ва тарроҳӣ мекунанд. Дар корхонаҳои энергетикӣ онҳо кори бефосилаи системаро таъмин мекунанд, ба таъмири он машғуланд, инчунин раванди технологии кор бо таҷҳизоти энергетикиро муайян мекунанд.

Муҳандис - лоиҳакаш ихтисоси муҳандисӣ мебошад, ки фаъолияташ барои таҳия ва эҷоди маҳсулоти ниҳоӣ (мақсаднок) аз маҳсулот ва захираҳои истеҳсолоти мавҷудаи моддӣ зарур аст. Вай аз ҳисоби захираҳои мавҷуда объектҳои нави фарҳанги моддиро ба вуҷуд меорад, меҳнати одамони дигарро ташкил ва аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз мекунад.

Муҳандис - механик - мутахассиси дорои маълумоти олии техникӣ дар тарҳрезӣ, сохтан ва истифодаи таҷҳизоти технологӣ. Муҳандис-механик таҷҳизоти механикӣ, мошинҳо ва дастгоҳҳо, хатҳои автоматикӣ, воситаҳо ва системаҳоро барои механизатсияи комплексӣ ва автоматизатсияи истеҳсолот тарроҳӣ мекунад, таҳия ва истифода мебарад, васл, танзим, санҷиши онҳоро ташкил ва анҷом медиҳад.

Муҳандиси сохтмон дар ташкилотҳои сохтмонӣ ва махсусгардонидашуда, сохтмон ва васлкунӣ, ба истифодадиҳӣ, истифода, лоиҳакашӣ, лоиҳакашӣ ва илмӣ кор мекунад.

Вай дар соҳаи сохтмон фаъолияти истеҳсолӣ, технологӣ, ташкилӣ ва идоракунӣ, лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ ва илмӣ мебарад. Ин мутахассисон мушкилоти марбут ба тарроҳӣ ва сохтани биноҳо ва иншоот, низомҳо ва дастгоҳҳои обрасонӣ ва канализатсия, роҳҳо ва қубурҳо, хатҳои барқ ва коммуникатсия ва дигар иншоотро ҳал мекунанд.

Нақшакашӣ. Меъмор Касбе, ки эҷодкорӣ ва технологияро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, намояндаи он бояд завқи бадеӣ ва ҳисси услуби хуб инкишофёфта дошта бошад, чизи тамоман навро эҷод карда, чизи мавҷударо эҷодкорона коркард намояд. Ин як тарафи танга аст. Дигарӣ аз довталаб барои ин вазифа талаб мекунад, ки дониши хуби математика, графикаи муҳандисӣ дошта бошад ва инчунин мантиқан фикр кунад. Аз ин рӯ, меъмор одатан ҳамчун "касби расмкашӣ" тасниф карда мешавад.

Тарроҳии графикӣ. Дар байни ихтисосҳои зиёди "визуалӣ" касби дизайнери графикӣ имрӯз дар авҷи маъруфияти худ қарор дорад. Намояндагони он маводи таблиғотӣ, плакатҳо ва буклетҳоро таҳия мекунанд, барои китобҳо, бастабандӣ, вебсайтҳо ва ғайра нақшҳо месозанд. Тарроҳ бояд маҳорати  кор кардан бо барномаҳои графикӣ мултимедияро хуб дошта бошад (масалан, Photoshop, InDesign, Illustrator). Ғайр аз он, ба ӯ лозим аст, ки дониши аъло дар бораи композитсия, ранг ва тарҳбандии веб дошта бошад ва инчунин ҳадди аққал малакаҳои оддии расмкаширо дошта бошад. Аммо ин ҳама нест. Мутахассис ба малакаҳои хуби муошират ниёз дорад. Дар ниҳоят, ӯ бояд бо муштарӣ тамос гирад ва зуд самти тафаккури истеъмолкунандаи маҳсулотро фаҳмад.

3D Modeler, ки 3D Моделсоз аст? Ин мутахассисест, ки вазифаҳояш эҷоди моделҳои сеандозаи ашё ё ашёро дар бар мегиранд. Вай метавонад дар персонажҳои бозидашаванда, техник, ландшафт, объектҳои алоҳида ва ғайра кор кунад. Имрӯзҳо ба ин касб талабот меафзояд. Дар ниҳоят, графикаи 3Б дар ҳаёти мо маъмул аст. Он дар раванди эҷоди бозиҳои компютерӣ, кинематография, инчунин дар симуляторҳо ва презентатсияҳои гуногун истифода мешавад.

Технология (талими меҳнат). Дӯзанда. Дарздӯз мутахассиси дӯхтани маҳсулот аз масолеҳи гуногун мебошад, ки қодир аст аз матоъ чизеро дӯзад, ки сазовори таваҷҷӯҳи мизоҷ бошад ва ба шахс дар сохтани фардият кумак кунад.

Буранда. Буранда раванди буридани матоъро ҳангоми дӯхтан, тағир додани шакл ва таъмири либосҳо анҷом медиҳад. Корҳоро оид ба тарроҳӣ (тарроҳӣ, моделсозӣ) ва буридани либосҳо аз матои гуногун барои фармоишҳои инфиродӣ, буридани моделҳо ва намунаҳои либосҳо аз рӯи намунаҳо, аз нав кашидани либосҳо ҳангоми таъмир, навсозӣ анҷом медиҳад. Вай метавонад дар корхонаҳои гуногуни хидматрасонӣ, дар ташкилотҳои дӯзандагӣ ва таъмири либоси трикотажӣ, пашм ва намадин кор кунад.

Гулдӯзӣ. Гулдӯз. Фаъолияти гулдӯзӣ бо иҷрои амалиётҳои технологӣ оид ба гулдӯзӣ дар матоъҳо ва маснуоти ороишӣ, расмҳо, нақшҳо, истифодаи нақшҳо дар матоъ, бофтани ҷавоҳирот ва дигар намудҳои ороишӣ алоқаманд аст. Гулдӯзӣ дар дастгоҳҳои дастӣ, дастгоҳҳои гулдӯзии автоматӣ ё дастӣ сурат мегирад.

Ошпаз. Ошпаз мутахассиси хӯрокворист, ки вазифаи касбияш тайёр кардани хӯрок мебошад. Ошпазҳо дар муассисаҳои хӯрокворӣ (дар тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо ва дигар ҷойҳои хӯрокворӣ) хӯрок тайёр мекунанд ва хӯрокҳои гуногун, нӯшокиҳо ва маҳсулоти кулинарӣ омода мекунанд.

Қаннод. Қаннод ин мутахассис аст, ки вазифаи асосии он истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ ва нонпазӣ аз намудҳои гуногуни ашёи хом: хамири орд, творог, яхмос ва ғайра мебошад. Қаннод бо истеҳсоли маҳсулоти гуногуни қаннодӣ (қаннодӣ, печенье, пирожни, шириниҳо, торт ва кремҳо) аз шоколад, шакар, хамир, яхмос машғул аст. Ашёи хомро тибқи як дастури додашуда омода мекунад: хамир мекунад, мекӯбад, хамир мекунад. Маҳсулоти нимтайёри қабулшударо, бурад, шаклҳо меофарад, мепазад. Маҳсулоти тайёрро бо крем, шоколад рӯйпӯш мекунанд ва вазни онҳо назорат карда мекунад.

Пешхизмат. Пешхидмати бомаҳорат як шахсияти калидӣ дар ҳама муассисаҳои хӯрокворӣ мебошад. Вай ҳамчун мизбони меҳрубон ва меҳмоннавоз амал мекунад: меҳмононро пешвоз мегирад, онҳоро бо меню шинос мекунад ва фармоиш қабул мекунад. Вазифаҳояш аз гузоштани миз, қабули фармоиш ва зуд иҷро кардани онҳо, пардохти мизоҷон, ҷамъоварии хӯрокҳои истифодашуда иборатанд.

Бармен. Вазифаи буфет хизмат расонидан ба меҳмонони муассиса дар назди бари фурӯш аст: фурӯши нӯшокиҳо, коктейлҳои омехта, ҳисоббаробаркунӣ. Бармен барои нигоҳ доштани тозагӣ ва тартибот дар ҷои кор, риояи тартиби додани маҳсулот ва риояи дастурҳои ба таркиби коктейлҳо ҷавобгар аст. Бармен навъҳо ва сифати маҳсулотро назорат мекунад, барои моли фурӯхташуда ҳуҷҷатҳо тартиб медиҳад, бо меҳмонон ҳисоббаробаркунӣ мекунад, масъулияти молиявӣ дорад.

Дуредгар. Дуредгар коргари моҳирест, ки аз чӯб маҳсулотро майда карда истеҳсол мекунад. Корҳоро оид ба тайёр кардани қисмҳо, васлҳо, маснуот, мебел мувофиқи нақшҳо ва эскизҳо иҷро мекунад.

Дуредгарӣ касби гуногунсоҳа аст. Дуредгар бо корҳои дуредгарӣ машғул аст: истеҳсоли мебели мураккаб ва дигар маснуоти чӯби сахту бо истифодаи имконпазири фанер, ламинатсия, бе кандакории дастӣ. Вай нисбат ба дуредгари сохтмон кори дақиқтар ва нозуктар мекунад.

Метавонад дар асоси чӯбӣ корҳои беназири микроэлементиро иҷро кунад.

Дуредгари сохтмон. Дуредгарӣ яке аз касбҳои маъмулии сохтмонӣ ба ҳисоб меравад. Ин касб соҳаи васеъ аст. Мутахассис корҳои марбут ба коркарди чӯб ва аз он тайёр кардани қисмҳо, маснуот ва конструксияҳои гуногунро иҷро мекунад. Кори дуредгарӣ корҳои сохтани деворҳо, фаршҳо, болорҳо, панелҳои бомпӯш, пояҳоро дар бар мегирад. Дуредгар дар сохтмон таъмири биноҳои истиқоматӣ ва дигар иншоот иштирок мекунад. Деворҳои кунҷӣ, фаршҳои тахтагиро мебуранд, чаҳорчӯбаи дарҳо, тиреза, деворҳо, овезоҳо, аркҳо ва ғ. мекунад.

Кандакор. Ккандакорӣ  санъати мураккаб гуногунро дар сатҳи ҳайкалҳо, бозичаҳои, чӯби кандакории ҳаҷмии композитсияҳоро бо коркарди алоҳидаи лаҳзаҳои ороишӣ ва шаклҳои ҳайкалтарошӣ месозад. Хатҳои асосиро аломатгузорӣ мекунад, контурҳои расмҳоро мекашад, бо ёрии асбобҳои махсуси нақшакашӣ ороиши бадеиро месозад, маҳсулотро такмил медиҳад, онҳоро сайқал медиҳад.

Челонгар. Челонгар мошинҳо ва механизмҳоро аз қисмҳои алоҳида васл мекунад, танзим, ба кор даровардан ва таҷҳизоти технологӣ ва дигар таҷҳизотро месозад, коркарди челонгарро аз рӯи гуногунии дақиқӣ иҷро мекунад, қисмҳо ва таҷҳизотро бо истифода аз асбобҳои махсус ҷудо мекунад, таъмир ва васл мекунад.

Машғулиятҳо намудҳои гуногун дошта метавонанд: лексия, мунозира, семинарҳои илмӣ-амалӣ, маҷлисҳои ташкилоти ҷавонон. Дар байни машғулиятҳои факултативӣ, ба назари мо, озмуни пешниҳодӣ, ё муаррифии касби оянда машғулияти беҳтарин мебошад. Хусусияти ин машғулият дар он аст, ки ҳангоми тайёрӣ ба машғулият талабаҳои синфҳои боло ба ҷустуҷӯи маълумот дар бораи касби интихобкардаашон мешаванд: хонандагон адабиёти пешниҳод кардаи омӯзгорро мутолиа мекунанд, бо китобу маҷалла ва рӯзномаҳои тавсия кардаи мудири китобхона шинос мешаванд, бо намояндагони касбҳои мухталиф

вохӯриҳо барпо мегарданд, онҳо иттилоъ пайдо мекунанд, ки мутахассисони касби интихобкардаашонро дар кадом муассисаҳои таълимӣ тайёр мекунанд; реферат менависанд, яъне касби интихобкардаашонро дар назди ҳамсинфон ва роҳбарияти мактаб “ҳимоя” мекунанд.

Семинарҳои хониши бадеӣ ба талабаҳо дар интихоби касб ёрии калон мерасонанд. Албатта, китобҳои бадеӣ маълумотнома дар бораи касбҳо нестанд, вале дар бисёр асарҳои бадеӣ сухан дар бораи тақдири ин ё он намояндаи касбу ҳунар меравад. Дар вақти муҳокимаи китобҳои мутолиашуда вазъияти педагогӣ ба миён меояд: “Ман ва персонажи бадеӣ”: дар талабаҳо зарурати қиёси сифатҳои шахсии худ ва ниятҳои касбии худ бо персонажҳо пайдо мешавад. Роҳбари синф гузаронидани чунин семинарҳоро пешакӣ ба нақша мегирад, омӯзгори адабиёт мудири китобхонаро дар бораи мавзӯъ ва мундариҷаи машғулият огоҳ мекунад, бо адабиёти зарурӣ шинос шудани талабагонро таҳти назорат мегирад. Мақсад аз гузаронидани семинарҳои хониши бадеӣ фақат омӯхтани асарҳои бадеӣ нест, балки омӯзиши касб аст. Дар рафти семинар дар назди хонандагон суолҳои мубраму муҳим гузоштан лозим аст, ки онҳоро ба ҷустуҷӯи ҷавобҳои ғайриодию мураккаб водор созад. Чунин китобҳои бадеиро интихоб кардан лозим аст, ки дар онҳо персонажҳои муосир, характери онҳо, вазъиятҳои ахлоқию сиёсӣ, меҳнатӣ ва ғоявӣ тавсиф мешаванд.

Талабаҳои синфҳои боло ба гузаронидании семинарҳои илмӣ-амалӣ ва мунозираҳо хеле ҳавасманданд. Ғайр аз мунозираю семинарҳо экскурсия ба истеҳсолот, омӯзиши адабиёти махсус, мулоқот бо коргарон барои талабаҳо хеле ҷолибанд. Зарур аст, ки хонандагон супоршҳои инфиродӣ гиранд. Супоришҳо гуногун буда метавонанд: таҳияи гӯшаҳои деворӣ, оро додани гӯшаҳо, сӯҳбат дар истеҳсолот, тайёр кардани фотомонтаж, таҳияи нақшаи гузаронидани маҷлис ё семинарҳо.

Таҳлили маводи таълим нишон дод, ки қариб дар ҳар мавзӯъ имкони ба интихоби касб тайёр кардани хонандагонро ёфтан мумкин аст. Омодасозии талабаҳои синфҳои ибтидоӣ ба интихоби касб бо иштироки фаъолонаи волидайн ва намояндагони корхонаҳои пойгоҳӣ дар кори беруназсинфӣ низ идома меёбад. Ба намудҳои мухталифи фаъолияти беруназсинфӣ ҷалб кардани хонандагон, муошират бо калонсолон ба омӯзгор имконият медиҳад тасаввуроти хонандагони синфҳои ибтидоиро дар бораи одамони меҳнат, ӯҳдадориҳои асосии шаҳрванд васеъ кунад, сифатҳои беҳтарини ахлоқиро тарбия намояд.

Кори беруназсинфӣ оид ба корҳои касбинтихобкунӣ дар мактаби ибтидоӣ бо назардошти вижагиҳои психологии синнусолии талабаҳои синфҳои ибтидоӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар шинос кардани хонандагон бо меҳнати калонсолон экскурсия яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад, зеро муошироти талабаҳоро бо одамоне, ки дар истеҳсолот машғули коранд, таъмин мекунад. Экскурсия кӯдаконро бо фаъолияти бозӣ водор месозад: онҳо нисбат ба кӯдакони синнусоли томактабӣ махсусиятҳои касбҳои мухталифро истифода бурда, бошууронатар бозӣ мекунанд.

Ба гузаронидани экскурсия ва дигар шаклҳои корҳои касбинтихобкунӣ волидонро ҷалб кардан зарур аст. Масалан, аксари волидон метавонанд ба корхонаҳои худ экскурсия ташкил кунанд. Барои ҷамъбасти экскурсия ҷамъомад ташкил кардан мумкин аст, ки дар он талабаҳо маълумоти нави дар бораи меҳнати калонсолон гирифтаашонро нақл мекунанд.

Экскурсияҳоро пешакӣ ба нақша гирифтан лозим аст. Маъмулан онҳоро дар аввали соли хониш ба нақша мегиранд. Зимнан барномаи мактабро оид ба технология, ки дар он танҳо ҳаҷми донише муайян шудааст, ки хонандагони ҳар синф бояд аз худ кунанд, балки дар бораи хусусияти объекти дар рафти экскурсия омӯхташаванда низ нишондодҳо мавҷуданд, бо диққат омӯхтан лозим аст. Ин кор имкон медиҳад,

корхонаҳое муайян карда шаванд, ки объекти экскурсия мегарданд. Меъёрҳои интихоби корхонаҳо сатҳи баланди ташкили истеҳсолот, нишондиҳандаҳои баланди истеҳсолот, имконияти намоиши техника ва раванди технологияҳои муосири истеҳсолот, гуногунии касбу ихтисосҳо ба шумор мераванд.

Ҳангоми тайёрӣ ба экскурсия омӯзгор бояд бо асосҳои техника, технология ва ташкили меҳнат, адабиёти умумӣ, ки ба мундариҷаи барнома ва экскурсияи дар пеш истода маълумот медиҳад, шинос шавад. Пеш аз экскурсия омӯзгор ба корхона рафта, рафт ва вақти гузаронидани экскурсияро муайян мекунад, дар бораи ҷудо кардани роҳбалад (экскурсовод) маслиҳат мекунад ва бо роҳбалад нақшаи экскурсияро мувофиқа мекунад, объектҳоро барои шиносоӣ интихоб менамояд, мундариҷаи сӯҳбати муқаддамотӣ ва шарҳу тавзеҳоти дар рафти экскурсия ба хонандагон пешниҳодшавандаро таҳия мекунад, номгӯи суолҳоеро, ки хонандагон дар рафти экскурсия бояд ба онҳо ҷавоб гиранд, тартиб медиҳад, тадбирҳоро оид ба таъмини амнияти талабаҳо дар рафти экскурсия ба корхона мувофиқа мекунад, ҳамчунин бо коргарони пешқадам дар бораи сӯҳбат бо хонандагон маслиҳат мекунад.

Пеш аз экскурсия омӯзгор ба хонандагон оид ба мавзӯъ ва мақсади он, нақша ва тартиби гузаронидани мушоҳидаҳо иттилоъ медиҳад, дар бобати ҷамъоварии иттилооти зарурӣ супоришҳо (инфиродӣ ё гурӯҳӣ) медиҳад, шаклҳои ҷамъбасти экскурсияро муайян мекунад, хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, сардорони гурӯҳро таъин менамояд. Дар машғулияти қабл аз экскурсия хонандагонро (синфҳои VII-VIII) бо сохтори корхонае, ки дар он экскурсия мегузарад, шинос кардан мумкин аст.

Экскурсия аз сӯҳбати муқаддамотии роҳбалад дар бораи таърихи корхона, маҳсулоти он, касбҳои асосии корхона ва талабот ба онҳо оғоз меёбад. Ҳамзамон хонандагонро бо қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар корхона (сех) шинос мекунанд. Сипас хонандагон сехҳои асосии

корхонаҳоро тамошо мекунанд, бо хатҳои технологӣ ва техникаи нав шинос мешаванд, фаъолияти коргарони касбҳои гуногунро бевосита дар шароити истеҳсолӣ мушоҳида мекунанд.

Мулоқоти хонандагон бо коргарон, ки дар бораи кори худ, комёбиҳои худ ва рафиқони ҳамкорашон нақл мекунанд, маъмулан, хеле шавқовар мегузарад. Дар рафти суҳбати хотимавӣ роҳбалад (экскурсовод) ба саволҳои хонандагон ҷавоб медиҳанд.

Баъди экскурсия хонандагон ҳисобот тайёр мекунанд. Ҳисоботро омӯзгор тафтиш мекунад ва сипас экскурсияро ҷамъбаст менамояд.

Дар поён нақшаи намунавии омодагирӣ ва гузаронидани экскурсияи хонандагони синфи VIII-ро ба сехи механикии корхонаи саноатӣ меорем.

**Нақшаи омодагирӣ ва гузаронидани экскурсияи хонандагони синфи VIII ба сехи механикии корхонаи саноатӣ**

Мақсади таълимӣ: шинос кардани хонандагон бо ташкил ва кори сехи механикии корхонаи саноатӣ, техника ва технологияи тайёр кардани маҳсулоти истеҳсолшаванда.

Мақсади тарбиявӣ: мусоидат кардан ба тарбияи ҳисси эҳтиром ба одамони меҳнат ва муҳаббат ба меҳнат дар хонандагон.

Мақсади корҳои касбинтихобкунӣ: шинос кардани хонандагон бо мундариҷаи меҳнати коргарон-дастгоҳсозон оид ба коркарди механикии филиз (пармагар, харрот, пармакор, сайқалгар ва дигарон), челонгарон, васлгарон, тармимгарон.

Омодагирӣ ба экскурсия. Дар давраи тайёрӣ омӯзгори технология ба якчанд сехҳои механикии корхонаҳои саноатии шаҳру ноҳия рафта, бо таҷҳизот ва равандҳои технологии истеҳсоли маҳсулот, талаботи корхона ба кадр шинос мешавад ва яке аз онҳоро барои гузаронидани экскурсия интихоб мекунад. Бо роҳбарияти корхона дар бораи ҷудо кардани экскурсовод-роҳбалад маслиҳат карда, ба ӯ нақшаи

гузаронидани экскурсияро тартиб медиҳад ва санаи экскурсияро муқаррар мекунад.

Тайёрии хонандагон ба экскурсия дар машғулияти технология сурат мегирад. Омӯзгор ба хонандагон дар бораи мақсад ва нақшаи экскурсия иттилоъ медиҳад, саволҳоеро, ки хонандагон баъди экскурсия бояд ба онҳо ҷавоб диҳанд, пешниҳод мекунад. Хонандагон бояд суолҳоро ба дафтари махсус навишта гиранд.

Номгӯи намунавии саволҳо:

1. Сехи механикии корхона бо кадом дастгоҳҳои металлбурӣ муҷаҳҳаз аст?

2. Сех кадом маснуотро мебарорад? Номи маснуотро гӯед. Дар куҷо ва чи тавр онҳоро истифода мебаранд?

3. Маснуотро аз кадом масолеҳ (металл) месозанд?

4. Ҳангоми дар дастгоҳи харротӣ тайёр кардани детал коргар кадом асбобҳои буранда ва андозагириро истифода бурд?

5. Коргар кадом ҳуҷҷатҳои технологӣ (харитаи технологӣ, нақша, схема)-ро истифода бурд?

6. Дар сех намояндагони кадом касбу ихтисосҳо кор мекунанд?

7. Дастгоҳсоз оид ба коркарди металл ва челонгар кадом имкониятҳои такмили ихтисос ва идома додани таҳсили касбиро доранд?

8. Кадом касб дар сехи механикӣ ба ту бештар писанд омад? Чаро?

9. Дар куҷо чунин мутахассисонро тайёр мекунанд?

**Рафти экскурсия**

Экскурсия аз сӯҳбати муқаддамотии экскурсовод оғоз меёбад. Ӯ мухтасар дар бораи таърихи корхона, маҳсулоти истеҳсолшаванда, маҳсулоти сехи механикӣ, дастовардҳои ҷомеаи меҳнатии сех ва корхона, анъанаҳою талаботи сех ба кадрҳо нақл мекунад.

Сипас, диққати хонандагонро ба зарурати риояи техникаи бехатарӣ дар рафти экскурсия ҷалб намуда, ба онҳо сехи механикӣ, таҷҳизоти он ва раванди технологияро нишон медиҳад. Хонандагон бо мундариҷаи

меҳнати коргарони ихтисоси гуногун - харрот, пармагар, сайқалгар, рандагар, васлгар, челонгари васлгар ва дигарон шинос мешаванд, бо коргарони пешқадам сӯҳбат мекунанд.

Дар ин маврид ба кори мутахассисони касбҳои оммавӣ (масалан, харрот ё челонгар) диққати махсус дода мешавад. Ба ин мақсад синфро ба гурӯҳҳои се-чаҳор нафар ҷудо карда, сардори гурӯҳро таъин менамоянд ва гурӯҳ ба мушоҳидаи кори харрот ва ё челонгар шурӯъ мекунад.

Экскурсия бо сӯҳбати хотимавии экскурсовод-роҳбалад бо хонандагон ба охир мерасад.

Дар дарси оянда дар устохона экскурсияро ҷамъбаст мекунанд. Ҳангоми ҷамъбаст ҳисоботи хаттии пешакӣ ба омӯзгор супурда истифода мешавад. Омӯзгор метавонад ба дарс-экскурсия баҳо гузорад.

Дар барномаи технологияи синфи VIII экскурсия ба комбинати таълимӣ-истеҳолӣ пешбинӣ шудааст, ки мақсади он бо сохтор, пойгоҳи моддӣ, соҳаҳои таълими меҳнатӣ, ташкили кори комбинат шинос кардани хонандагон аст.

Дар поён нақшаи намунавии чунин экскурсия оварда мешавад.

**Нақшаи омодагирӣ ва гузаронидани экскурсияи хонандагони синфи VIII ба комбинати таълимӣ-истеҳсолӣ**

Мақсади таълимӣ: бо ташкили раванди таълиму тарбия дар КТИ ва пойгоҳи моддию техникии он шинос кардани хонандагон.

Мақсади тарбиявӣ: мусоидат кардан ба тарбияи ҳисси эҳтиром ба коргарон, навоварон ва ратсионализаторони истеҳсолот.

Мақсади корҳои касбинтихобкунӣ: шинос кардани хонандагон бо соҳаҳои таълими меҳнат дар КТИ, вазъи тайёрии коргарони баландихтисос дар шаҳр (ноҳия), талаботи баъзе касбҳо ба шахсият.

Омодагирӣ ба экскурсия. Омӯзгори таълими меҳнат пешакӣ ба КТИ рафта, нақшаи гузаронидани экскурсияро тартиб медиҳад. Ба ҳайси экскурсовод-роҳбалад метавонад яке аз роҳбарони комбинат (директор,

ҷонишини директор оид ба таълим, методисти корҳои касбинтихобкунӣ, агар дар комбинат чунин мансаб бошад), омӯзгор ё устои таълимӣ баромад кунад. Якҷоя бо экскурсовод-роҳбалад омӯзгор нақшаи сӯҳбати муқаддамотиро тартиб медиҳанд. Дар сӯҳбат ба хонандагон дар бораи таърихи комбинат, таъиноти он, корхонаҳои пойгоҳии комбинат ва нақши онҳо дар ташкил ва таҳкими пойгоҳи моддию техникии КТИ, дар бораи соҳаҳои таълими меҳнатӣ дар комбинат таълим дода мешавад.

Ҳамчунин маълумот додан дар бораи эҳтиёҷи корхонаҳои пойгоҳии ноҳия, шаҳр, деҳа ба касбу ихтисосҳо аҳамияти калон дорад.

Сипас, омӯзгор номгӯи суолҳоеро тартиб медиҳад, ки хонандагон ба онҳо бояд бевосита дар рафти экскурсия ҷавобҳо мегиранд ва аз рӯи онҳо баъди экскурсия ҳисоботи хаттӣ медиҳанд.

Мавзӯъоти намунавии суолҳо:

1. Дар комбинат кадом соҳаҳои таълимии меҳнатӣ мавҷуд аст?

2. Ба шумо кадом уток (кабинет), қитъа ё сехи комбинат бештар писанд омад. Чаро?

3. Шумо дар КТИ аз рӯи кадом соҳа таҳсил кардан мехоҳед?

4. Шумо кадом касбро аз худ кардан мехоҳед ва дар бораи ин касб чиҳоро медонед?

**Рафти экскурсия**

Экскурсия аз сӯҳбати муқаддамотии намояндаи комбинат (экскурсовод-роҳбалад) шурӯъ мешавад. Сипас, хонандагон ба азназаргузаронии синфҳо-утоқҳо, қитъаю сехҳои комбинат сар мекунанд. Ҳар синф, қитъа ё сехро омӯзгорон ё устоҳои таълимие, ки дар соҳаи дахлдори таълими меҳнатӣ дарс медиҳанд, муаррифӣ менамоянд. Онҳо хонандагонро бо таҷҳизоти синф ё сех, ташкили кор шинос мекунанд, дар бораи соҳаҳои тайёрии меҳнатӣ, ки дар комбинат аз рӯи он таълими меҳнатӣ сурат мегирад, маълумот медиҳанд.

Дар рафти экскурсия хонандагон бо таҳсил ва кори наврасони аз онҳо каме калонтар шинос мешаванд, маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳоро мебинанд.

Экскурсия ба КТИ экскурсияи шиносӣ аст. Биноабр ин шарҳу тавзеҳи экскурсовод-роҳбалад бояд кӯтоҳу мӯҷоз бошад ва хусусияти иттилоотӣ дошта бошад. Дар охир ба хонандагон анкетаҳоро дар бораи интихоби касби оянда ё соҳаи таҳсили меҳнатӣ дар комбинат тақсим карда медиҳанд ва онҳоро ба Рӯзи дарҳои кушод ва ид-конкурси “Соҳибкасби беҳтарин” даъват мекунанд.

Пас аз экскурсия бахшида ба КТИ ё як соҳаи мушаххаси таълимии меҳнатӣ дар он стенд ё албом тартиб додан мумкин аст. Дар ташаккули шавқу рағбати хонандагон ба касбҳои оммавии коргарии корхонаҳои саноатӣ экскурсияҳои маҷмӯӣ, ки онро омӯзгорони фанҳои умумитаълимӣ, технология ва роҳбарияти корхона якҷоя ташкил мекунанд, самарабахшии бештар дорад. Ин экскурсияҳо ба таҳкими алоқа дар тадриси асосҳои илм ва таълими меҳнатӣ мусоидат мекунанд. Онҳо пеши роҳи экскурсияҳои такрориро, ки омӯзгорони фанҳои мухталиф мегузаронанд, мегиранд ва, аз ҳама муҳиммаш, кори нисбатан ҳадафманд ва мунтазами кабсинтихобкуниро таъмин менамоянд. Нақши пешбарро дар гузаронидани экскурсияҳои маҷмӯӣ омӯзгори меҳнат мебозад. Ба иникшофи шавқу рағбати хонандагон ба азхудкардани касбҳои меҳнатӣ робитаҳои зиччи мактаб бо СПТУ, аз ҷумла чунин шаклҳои кор, мисли маҷлисҳои якҷоя, мулоқоти хонандагони мактабҳо ва СПТУ, экскурсияҳо ба омӯзишгоҳ, Рӯзҳои дарҳои кушод дар СПТУ мусоидат мекунанд.

Хонандагон ба омӯзишгоҳ рафта, бо ташкили раванди таълим ва фаъолияти беруназдарс шинос мешаванд, бо устоҳо-мураббиён ва муҳассилин вомехӯранд. Дар поён нақшаи тайёрӣ ва гузаронидан экскурсия ба СПТУ-ро меорем.

**Нақшаи омодагирӣ ва гузаронидани экскурсияи хонандагони синфи VIII ба омӯзишгоҳи миёнаи касбҳои техникӣ**

Мақсади таълимӣ: бо пойгоҳи таълимӣ-истеҳсолии омӯзишгоҳ, шароити таълим ва ташкили фароғати муҳассилин шинос кардани хонандагон.

Мақсади тарбиявӣ: мусоидат кардан ба тарбияи ҳисси эҳтиром ба касбҳои коргарӣ ва инкишофи шавқу рағбати касбии хонандагон.

Мақсади корҳои касбинтихобкунӣ: шинос кардани хонандагон бо касбҳое, ки дар омӯзишгоҳи касбҳои техникӣ тибқи онҳо мутахассис тайёр карда мешавад.

Омодагирӣ ба экскурсия. Омӯзгори таълими меҳнат пешакӣ ба омӯзишгоҳ рафта, тарҳи нақшаи экскурсияро мекашад. Бо роҳбарияти омӯзишгоҳ масъаларо дар бораи рафти экскурсия ва ҷудо кардани роҳбалад аз ҷумлаи кормандони омӯзишгоҳ ҳал мекунад. Директор, ҷонишини ӯ, омӯзгор ё устои омӯзишгоҳ экскурсовод-роҳбалад буда метавонад.

Якҷоя бо роҳбалад омӯзгор нақшаи сӯҳбати муқаддамотиро тартиб медиҳад. Дар нақша ба суолҳои зерин рӯшанӣ андохта мешавад: омӯзишгоҳ кай ва ба чӣ муносибат ташкил шудааст; ихтисосу касбҳое, ки тибқи онҳо кадрҳои коргарӣ тайёр карда мешаванд; пойгоҳи моддӣ, техникии омӯзишгоҳ; шароити таълим ва ташкили фароғати муҳассилин.

Сипас омӯзгор якҷоя бо роҳбалад хатти сайри аз ҳама мувофиқи бо синфҳои таълимӣ, кабинетҳо, устохонаҳо шинос шудани хонандагон ва объектҳоеро, ки бояд мавриди диққати махсуси хонандагон гарданд, муайян менамоянд.

Дар дарс омӯзгор хонандагонро ба экскурсия тайёр мекунад: мақсаду нақшаи онро ба хонандагон мефаҳмонад, суолҳоеро, ки хонандагон бояд баъди экскурсия дар ҳисоботашон ба онҳо ҷавоб гӯянд, ба талабаҳо медиҳад.

Номгӯи намунавии суолҳо:

1. Омӯзишгоҳ мутахассисони кадом касбҳоро тайёр мекунад?

2. Кадом синфхона ё устохона ба шумо бештар маъқул шуд? Чаро?

3. Кадом касби дар омӯзишгоҳ таълим додашавандаро шумо аз худ кардан мехоҳед? Чаро?

4. Муҳассилини омӯзишгоҳҳои касбҳои техникӣ аз кадом имтиёзҳо бархурдоранд?

**Рафти экскурсия**

Экскурсия аз сӯҳбати муқаддамотӣ оғоз меёбад, ки да охири он хонандагон суолҳо медиҳанд. Ба суолҳои онҳо роҳбалад ҷавоб мегӯяд. Сипас хонандагон бо омӯзгору роҳбалад ба азназаргузаронии кабинету устохонаҳо сар мекунанд. Хеле хуб мешавад, агар ҳар кабинет ё устохонаро омӯзгор ё устояш муаррифӣ кунад. Омӯзгори кабинет ва ё устои устохона мухтасар дар бораи ташкил ва таҷҳизоти кабинет, касбҳое, ки дар ин кабинет ё сех дарс дода мешаванд, маълумот медиҳанд.

Экскурсия бо сӯҳбати хотимавӣ ба охир мерасад. Ба мақсади муайян кардани нияти касбӣ байни хонандагон пурсиш тавассути анкета гузаронида, онҳоро ба Рӯзи дарҳои кушод даъват мекунанд.

Дар дарси оянда хонандагон ҳисоботашонро дар бораи экскурсия месупоранд, ба суолҳои анкета ҷавоб медиҳанд.

Мулоқот бо мутахассисон-намояндагони касбҳои мухталиф, пешқадамони истеҳсолот яке аз шаклҳои тарғибу ташвиқи касбҳо мебошад, ки ин ноҳияи иқтисодӣ ба онҳо эҳтиёҷ дорад. Ҳамчунин ин тарзи кор ба ташаккули эҳтиром ба одамони меҳнат мусоидат мекунад.

Мутахассисе, ки мулоқотро мегузаронад бояд касби худро нағз донад, ба он шавқу рағбат дошта бошад, ба ҳамкоронаш бо эҳтиром муносибат кунад, ҷаҳд намояд, ки муносибати худро ба касбаш ба хонандагон талқин кунад. Вохӯрӣ ва баромадҳои мутахассисон-собиқ дастпарварони мактаб ба хонандагон таъсири мусбат мерасонад.

## 2.3. Ташаккул ва гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда

Дар ин фасл маҳуми “технологияи педагогӣ” чун омили низомофари ташаккули салоҳияти корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда тавсиф мешавад.

Таҳлили таърифҳои мафҳуми “технологияи педагогӣ” нишон медиҳад, ки таърифҳои мазкур аз лиҳози мундариҷа ва сатҳи коркард фарқи зиёд доранд. Баъзе олимон технологияи педагогиро чун маҷмӯи муқаррароти психологӣ-педагогӣ мефаҳманд, ки дастаи махсуси шаклу метод ва тарзҳо, усулҳои таълим, воситаҳои тарбиявӣ ва ё абзори раванди педагогӣ ва қисматбандии онҳоро муайян мекунанд [98, с.56]. Олимони дигар технологияи педагогиро амалигардонии раванди таълим меҳисобанд. Гурӯҳи севум тавсифи раванди ба даст овардани натиҷаҳои ба нақша гирифтаи таълимро технологияи педагогӣ меноманд [35, с.90]. Ба ақидаи гурӯҳи чорум, технологияи педагогӣ амсилаи фаъолияти муштараки педагогӣ оид ба лоиҳакашӣ, ташкил ва гузаронидани раванди таълим аст. Олимони гурӯҳи панҷум, технологияи педагогиро чун маҷмӯи низомманд ва тартиби амалкарди ҳамаи воситаҳои шахсиятӣ, абзорӣ ва методологӣ барои ба даст овардани методҳои педагогӣ тавсиф менамоянд. Гурӯҳи шашум ба мафҳуми “технологияи педагогӣ” мундариҷаи ҷамъбастӣ медиҳанд, ки тамоми таърифҳои фавқуззикрро дарбар мегирад.

Ба мафҳуми “технологияи педагогӣ” гунҷонидани маъною мундариҷаи мухталиф тасодуфӣ нест ё ба муносибати субъективии муҳаққиқон иртибот надорад. Он аз мураккабии объективии мафҳум шаҳодат медиҳад, ки онро ба ақидаи мо, аз мавқеи муносибати низомманд баррасӣ кардан лозим аст, зеро маҳз муносибати низомманд ё системӣ ба таъмини ягонагии ҷанбаҳои илмӣ-мӯҳтавоӣ, равандӣ-тавсифӣ ва равандӣ-амалӣ имкон медиҳад. Ба ибораи дигар, чун соҳаи илм технологияи педагогӣ мақсад, мундариҷа ва методҳои таълимро

меомӯзад ва коркард мекунад; равандҳои педагогиро лоиҳакашӣ менамояд; алгоритми равандҳои мазкур, ҳамчунин воситаҳои ба даст овардани натиҷаҳои ба нақша гирифтаи таълим (тайёрӣ)-ро тавсиф мекунад; раванди технологии (педагогии) амалкарди воситаҳои шахсиятӣ, абзорӣ, методологӣ, педагогиро амалӣ мегардонад.

Аз ин мавқеъ, технологияи педагогӣ, азбаски он бо ғояи идоракунии раванди омодагии омӯзгори оянда иртибот дорад, ба педагогика ҷорӣ намудани тарзи тафаккури низомманд (системӣ) мебошад. Технологияи педагогӣ усули низомманди ташкил, татбиқ ва муайянкунии тамоми раванди тадрис ва азхудкунии дониш бо назардошти захираҳои техникӣ ва инсонӣ ва ҳамкории мутақобилаи онҳо мебошад, ки мақсадашон мувофиқсозии (оптимизатсияи) шаклҳои таҳсилот мебошад. Бинобар ақидаи Г.К.Селевко, ки тамоми технологияҳои дар илму амалияи педагогӣ маълумро дар намуди умумӣ низомбандӣ намудааст, дар амалияи педагогӣ мафҳуми “технологияи педагогӣ” дар се сатҳи иерархии ба ҳам тобеъ истифода мешавад: умумипедагогӣ ё умумидидактикӣ, методии хусусӣ ва маҳаллӣ (локалӣ).

Агар технологияи умумипедагогӣ раванди томи таҳсилотӣ, дар мавриди мо, омодагии омӯзгори технологияро дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ тавсиф кунад ва он, дар ҳақиқат ҳам чунин аст, пас онро, яъне технологияи умумипедагогиро чун низоми педагогие тасаввур кардан мумкин аст, ки аз мақсад, мундариҷа, воситаҳои коммуникатсияи педагогӣ (методӣ), фаъолияти субъектҳои омодагӣ (омӯзгору донишҷӯ) ва натиҷаи ниҳоӣ иборат мебошад. Танҳо дар мавриди чунин тасаввур кардани технологияи педагогӣ ҳамаи талабот ба таҳияи низоми педагогӣ оид ба ташаккули босалоҳиятии корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда иҷро мешаванд, ки дар қаринаи таҳқиқоти мо хеле муҳим аст. Дар ин маврид, технологияи педагогӣ ҳамаи талаботи низомро чун томият, яъне мантиқи раванди омодагии омӯзгори оянда, алоқаи мутақобилаи ҳамаи қисмҳои он, имконияти интихоби ташхисии мақсад, нақшагирии

раванди омодагӣ, тағйир додани воситаҳо ва методҳо ба мақсади тасҳеҳи натиҷаҳои омодагиро қонеъ мегардонад.

Ҳамаи ин дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки технологияи педагогӣ нисбат ба ташаккули босалоҳиятии корҳои касбинтихобкунии омӯзгори оянда дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ муҳитеро фароҳам меорад. Дар навбати худ, муҳит (технологияи педагогӣ) яке аз шартҳои муҳимтарин ва омили низомофари босалоҳиятии касбинтихобкунии омӯзгорони оянда дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ба шумор меравад.

Технологияи педагогӣ ба омодагии омӯзгори оянда лоиҳакашии мундариҷаи омодагии педагогии омӯзгорро дар шароити муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ пешниҳод мекунад, ки он нуктаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Муайян кардани додаҳои ибтидоӣ (натиҷаҳои таҳлили фаъолиятии касбӣ-педагогӣ: натиҷаҳои амсиласозии касбӣ-педагогӣ дар раванди таълим; маҷмӯи масъалаҳо, супоришҳо ва машқҳо, ки барои аз худ кардани донишу маҳоратҳои педагогӣ заруранд).

2. Муайян кардани таркиб ва мундариҷаи донишҳои назарӣ, ки барои таркиби муқарраркардаи донишҳои амалӣ пойгоҳӣ ба ҳисоб мераванд ва мутаҳаррикии касбии омӯзгори оянда ва асоснокии назарии амалҳои ӯро таъмин мекунанд.

3. Муайян кардани таркиб ва мундариҷаи донишҳои муҳандисию педагогӣ, психологӣ ва донишҳои дигар, ки сатҳи зарурии босаводию фазилат ва омодагии педагогӣ ва касбии ӯро таъмин мекунанд.

Барои ҳалли маъалаҳои мавҷуда ташаккули босалоҳиятии корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда зарур аст, ки ҳомилони ин донишу маҳоратҳо мебошанд.

Пас, омодагии касбинтихобкунии омӯзгори оянда ҷамъбасти инкишофи сифатии шахсияти донишҷӯ мебошад, ки унсурҳои зеринро дарбар мегирад:

1. Низоми донишу шавқу рағбати касбинтихобкунии шахсияти омӯзгори оянда, ки дар пойгоҳи васеи майдони иттилоотии омодагии касбӣ ташаккул меёбад;

2. Низоми эътиқодот сатҳи ҷаҳоншинохти босалоҳиятии касбинтихобкунии шахсияти омӯзгори ояндаро ташкил мекунад, ки дар пойгоҳи шавқу мароқ ба касби омӯзгор, самтгирии арзишманд ба ин намуди касб ташаккул меёбад.

3. Низоми маҳорату қобилиятҳои омӯзгори фаннии оянда сатҳи фаъолияти амалии омӯзгори ояндаро ташкил мекунад, ки он дар пойгоҳи талабот ба кадрҳои омӯзгорӣ дар раванди андӯхти тадриҷӣ дар машғулиятҳои назарӣ ва амалии муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ва амалигардонии таҷрибаи ҳосилшуда дар рафти таҷирбаи педагогӣ ташаккул меёбад;

4. Низоми меъёрҳои инфиродии рафтор ва фаъолияти аз худ кардани касбинтихобкунии омӯзгори оянда сатҳи танзими рафтори шахсиятро ташаккул медиҳад, ки дар пойгоҳи таълиму тарбияи намунаҳои фарҳангӣ ва принсипҳои рафтори омӯзгорони оянда тавассути шаклҳои (субъектҳо) мухталифи муоширатҳои субъектӣ ва худтарбия ташаккул меёбад;

5. Низоми ҳиссиёти касбӣ сатҳи донишҳо оид ба корҳои касбинтихобкун ӣ, фарҳанги эҳсосиро ташкил мекунад, ки дар пойгоҳи таассуроти равандҳои фаъолияти оянда ва рафтори шахсияти омӯзгори оянда ташаккул меёбад ва дар раванди фаъолнокии ӯ амалӣ мегардад.

Дониш оид ба корҳои касбинтихобкунии омӯзгори оянда дар ягонагӣ ва ҳамкории низоми дониш ва шавқу рағбат, эътиқоду қобилият, меъёрҳои инфиродии рафтор ва методҳои асосии фаъолияти корҳои касбинтихобкунӣ, ҳамчунин низоми ҳиссиёти касбӣ ташаккул меёбад.

Бинобар ин, кори касбинтихобкунии хусусии омӯзгори оянда раванди ягонаи андӯхти дониш, таҷриба ва татбиқи хушсифати онҳо дар фаъолият ва рафтори касбӣ мебошад. Ва ин равандро танҳо дар асоси ба

даст овардани донишу маҳорат ва малакаи касбӣ ва сифатҳои шахсиятӣ, ки онҳоро тавассути таълим (таҳсил) донишҷӯ (омӯзгори оянда) дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ҳосил мекунад, бомуваффақият гузаронидан мумкин аст.

Корҳои касбинтихобкунии омӯзгори оянда (ва дар ҷанбаи сохтори дохилии он: дониш-эътиқод-малака, меъёрҳои фаъолияту рафтори касбӣ – эҳсоси иҷтимоӣ; ва ҳам аз лиҳози типология: сиёсӣ, ахлоқӣ, касбӣ махсус ва ғайра) дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ тадриҷан дар давоми тамоми давраи таҳсил ташаккул меёбад.

Принсипи таҳсилоти корҳои касбинтихобкунӣ аз муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ бо асосҳои меодологии илмии кори касбинтихобкунии истеҳсолоти муосир шинос кардани омӯзгорони оянда, дар омӯзгорони оянда парваридани малакаҳои муошират бо насли наврасро тақозо мекунад. Амалӣ гардонидани таълиму тарбияи корҳои касбинтихобкунӣ дар асоси педагогӣ ба рушди муосири иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамчунин талаботи инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият ҷавобгӯ мебошад. Тадқиқи дар диссертатсия иҷро гардида нишон медиҳад, ки масъалаи алоқаи мутақобилаи донишу маҳоратҳо оид ба корҳои касбинтихобкун ӣ бо омодагии касбӣ ба қадри кофӣ тадқиқ нашудааст. Дар натиҷа донишу маҳоратҳои касбинтихобкуниро аз қисми асосии он – алоқаи назария бо фаъолияти амалии омӯзгори оянда дар раванди таълими касбии онҳо ҷудо карда, баррасӣ менамоянд.

Алоқаи мутақобилаи донишу маҳоратҳо оид ба корҳои касбинтихобкун ӣ дар раванди таълиму тарбия бо омодагии касбӣ минбаъд бояд дар асоси ғанигардию такмили мутақобилаи онҳо инкишоф ёбад, ки ба туфайли ин идомат дар тайёрии касбинтихобкунии омӯзгорони оянда таъмин мегардад.

Дар сурати дуруст будани муносибат ба амалигардонии алоқаи мутақобилаи донишу маҳорат бо омодагии корҳои касбинтихобкунӣ тасаввуроти донишҷӯён дар бораи қонунҳои объективии истеҳсолот

васеъ мешавад, онҳо маҳорати дар амалия татбиқ намудани донишҳои назариро ба даст меоранд, ҳамчунин ҷаҳонбинӣ ва имкони ҳалли вазифаҳои касбинтихобкунии онҳо тавсеа меёбад.

Таҷрибаи мо оид ба ташаккули босалоҳиятии кори касбинтихобкунии омӯзгорони оянда, ки ба баланд бардоштани самарабахшии омодагии касбинтихобкунии омӯзгорони оянда дар пойгоҳи муассисаҳои таҳсилоти олӣ (МТО) мусоидат мекунад, нишон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ чун маркази таълиму тарбияи педагогӣ-психологӣ, корҳои касбинтихобкунӣ ва касбии омӯзгорони оянда оид ба омодасозии мутахссисони баландихтисос низ аҳамияти калон доранд.

Ҳамин тариқ, истифодаи донишу маҳоратҳо оид ба корҳои касбинтихобкун ӣ нақши муҳим ва асосиро бозида, чун воситаи баланд бардоштани ташаккули босалоҳиятии кори касбинтихобкунии омӯзгори оянда хизмат мекунад.

Ба мақсади ошкор сохтани донишҳо оид ба корҳои касбинтихобкунии донишҷӯён ҳангоми омода сохтани онҳо бо назардошти фаъолияти оянда мо дар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” ва МДТ “Донишгоҳи давлатии педагогии Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ” озмоиши назоратӣ (сабткунанда) гузаронидем. Ба озмоиш 281 донишҷӯ ҷалб карда шуд. Дар марҳилаи аввал, мо маҷмӯи супоришҳо, анкетагирӣ, суолнома барои омӯзгорониояндаро, ки ба ошкор сохтани донишҳои онҳо оид ба корҳои касбинтихобкунӣ нигаронида шуда буданд, истифода бурдем.

Барои муайян кардани хусусияти истифодаи донишу маҳоратҳо чун воситаи баланд бардоштани ташаккулёбии корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда, мо се сатҳи баррасӣ - паст, миёна ва баландро истифода бурдем.

*Сатҳи паст:* омӯзгорони оянда дар бораи дониш оид ба корҳои касбинтихобкунӣ, маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ – тарҳрезӣ,

маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ – идоракунӣ, маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ–ташкилӣ, маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ–гностикӣ, маҳорати касбӣ-амалӣ тасаввуроти нопурраи ҷузъӣ доранд. Ба ин сатҳ донишу маҳоратҳои сатҳии касбинтихобкунии омӯзгорони оянда хос аст. Онҳо дар ҳалли вазифаҳои амалӣ оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда мушкилӣ мекашанд.

*Сатҳи миёна:* омӯзгорони оянда унсурҳои ибтидоиро оид ба дониш оид ба корҳои касбинтихобкунӣ, маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ – тарҳрезӣ, маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ – идоракунӣ, маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ – ташкилӣ, маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ – гностикӣ, маҳорати касбӣ-амалӣ доранд. Вале, ин донишҳои ҷамъбастӣ, ҳарчанд барои аз ҷониби донишҷӯён аз худ кардани низоми мафҳуму принсипҳои кор гӯё пойгоҳ ба ҳисоб мераванд, хусусияти ҷузъӣ доранд. Омӯзгорони оянда сатҳҳои дониш оид ба корҳои касбинтихобкунӣ, маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ – тарҳрезӣ, маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ – идоракунӣ, маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ – ташкилӣ, маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ – гностикӣ, маҳорати касбӣ-амалӣ ва объектҳои мухталифро мавриди таҳлил қарор дода метавонанд, унсурҳои эҳтимолии ибтидоии онҳо ва роҳҳои такмили онҳоро пешгӯӣ карда метавонанд.

*Сатҳи баланд:* омӯзгорони оянда унсурҳои ибтидоиро дар бораи дониш оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ, маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ - тарҳрезӣ, маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ - идоракунӣ, маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ - ташкилӣ, маҳорати корҳои касбинтихобкунӣ - гностикӣ, маҳорати касбӣ-амалӣ тасаввур мекунанд, мебинанд ва умумияти онҳоро мефаҳманд. Ба фаъолияти омӯзгорони оянда дар ин сатҳ маҳорати самтгирӣ карда тавонистан дар шароиту вазъияти нав ва қабули қарору амалҳои мутаносиб хос аст.

Ҳар сатҳ мумкин аст дорои зерсатҳҳо бошад, ки бо дараҷаи тасаввуроти омӯзгорони оянда дар бораи равандҳои корҳои

касбинтихобкунӣ тавсиф мешаванд. Мо нишондиҳандаҳои зеринро ба сифати нишондиҳандаҳои арзёбии ҳар як сатҳ қабул кардем:

- пуррагии дониши омӯзгорони оянда;
- маҳорати дар амалия татбиқ карда тавонистани донишҳои назариявӣ;
- дараҷаи аз худ кардани маҳоратҳои амалӣ;
- вақти иҷрои кор умуман ва қисмҳои он;
- дараҷаи мустақилият дар ташкили корҳои касбинтихобкунӣ;
- интихоби пойгоҳҳо;
- интихоби вариантҳои мувофиқи корҳои касбинтихобкунӣ;
- сифати кор;
- риояи талаботи корҳои касбинтихобкунӣ.

Мушоҳидаи дарозмуддати фаъолияти педагогҳои муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, ки бо корҳои касбинтихобкунӣ машғуланд ва таҳлили сарчашмаю манбаъҳои корҳои касбинтихобкунӣ ба мо имконият доданд, низоми донишу маҳоратҳои касбӣ-педагогии корҳои касбинтихобкуниро муайян кунем, ки ба бахшҳои зерин гурӯҳбандӣ мешаванд: тарҳрезӣ (конструктивӣ), идоракунӣ, ташкилӣ, маърифатӣ, гностикӣ, амалӣ.

Сохтори умумии фаъолияти касбинтихобкунии омӯзгор бо 49 нишондиҳандаҳои маҷмӯӣ тавсиф мегардад, ки 14-тои онҳо ба сохтори дониш ва 35-тояшон ба сохтори маҳорат мансубанд. Ба мақсади ошкор сохтани дараҷаи аҳамияти ин нишондиҳандаҳо мо бо омӯзгорони муассисаҳои миёнаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯи ҷадвали қиёсии панҷхола ё панҷбалла ҳар як нишондиҳандаро мавриди арзёбӣ қарор додем.

***Донишҳо оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ***

| | |
|---|---|
| 1.Донистани асосҳои методологии ташкили касбинтихобкунӣ | **1,0** |
| 2.Донистани масъалаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаи мазкур ва пӯёии (динамикаи) тағйироти талабот ба кадрҳо | **1,75** |
| 3.Донистани махсусияти алоҳидаи соҳаҳои хоҷагии халқ (вижагиҳои хосаи истеҳсолот) | **1,9** |

| | |
|---|---|
| 4.Донистани роҳу усулҳои омӯхтани хоҳиши касбии хонандагон | 3,1 |
| 5.Донистани мақсаду вазифаҳои корҳои касбинтихобкунӣ дар мактаб | 2,3 |
| 6.Донистани ҷузъҳои асосии сохтории ин кор (маърифат, машварат, интихоби касбӣ, ҳамоҳангсозӣ) | 2,14 |
| 7. Донистани асосҳои истеҳсолот, техника, махсусияти касбҳои алоҳида | 1,28 |
| 8.Донистани асосҳои назариявии истифодаи дарс ва тадбирҳои беруназсинфӣ ба мақсадҳои корҳои касбинтихобкунӣ | 2,67 |
| 9.Донистани хусусиятҳои синнусоливу инфиродии хонандагон ва асосҳои ба назар гирифтани онҳо дар корҳои касбинтихобкунӣ | 1,31 |
| 10.Донистани робитаҳои муқаррароти назарии фанни махсус бо асосҳои истеҳсолот | 2,40 |
| 11.Донистани талабот ба тартиб додани супоришҳои дорои мундариҷаи истеҳсолӣ оид ба фан | 1,30 |
| 12.Донистани назария ва амалияи корҳои касбинтихобкунӣ ва таърихи мактаби муосир | 3,4 |
| 13.Донистани асосҳои назарии ташкил ва идоракунии корҳои касбинтихобкунӣ | 1,23 |
| 14.Донистани асосҳои назарии истифодаи алоқаҳои байнифаннӣ мувофиқи мақсадҳои корҳои касбинтихобкунӣ | 2,30 |

***Ҷадвали 1. Донишҳо оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ***

## *Маҳоратҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ-тарҳрезӣ*

| | |
|---|---|
| 1.Маҳорати нақшагирии фаъолиятиомӯзгори оянда дар ҳамин соҳа дар раванди кори таълиму тарбия | 2,16 |
| 2.Маҳорати нақшагирии фаъолияти хонандагон, ки ба бедор кардани шавқу рағбати онҳо ба касб дар раванди кори таълимӣ ва беруназдарсӣ | 1,34 |
| 3.Маҳорати муайян карда тавонистани мундариҷаи маводи корҳои касбинтихобкунӣ ва ёфтани шаклу метод ва воситаҳои самарабахши интиқоли он ба хонандагон дар дарс ва берун аз дарс | 1,21 |
| 4.Маҳорати муайян кардани мақсад, вазифа ва имкониятҳои касбинтихобкунии маводи таълимӣ ва берун аз таълим оид ба фан | 3,13 |
| 5.Маҳорати ҷамъ овардану тасниф кардани маводи корҳои касбинтихобкунӣ | 1,20 |
| 6.Маҳорати ба нақшагирии низоми тадбирҳои корҳои | |

| | |
|---|---|
| касбинтихобкунӣ дар мундариҷаи маводи таълимӣ ва берун аз таълим | **2,74** |

*Ҷадвали 2. Маҳоратҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ- тарҳрезӣ*

## *Маҳоратҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ-идоракунӣ*

| | |
|---|---|
| 1.Маҳорати ошкор сохтан ва дар хонандагон ташаккул додани шавқу рағбат ба касбҳои мушаххас | **1,71** |
| 2.Маҳорати ба роҳ мондани корҳои касбинтихобкунӣ бо назардошти талаботи корҳои касбинтихобкунӣ | **2,25** |
| 3.Маҳорати ҷудо кардани вазифаҳои мушаххаси педагогӣ аз мақсадҳои умумии корҳои касбинтихобкунӣ дар ҳар марҳилаи синнусолии таълимгирандагон ва татбиқ кардани онҳо дар ҳаёт тавассути тадбирҳои таълимию тарбиявӣ | **1,37** |
| 4.Маҳорати мувофиқан ба мақсадҳои мушаххаси корҳои касбинтихобкунӣ интихоб намудани методу воситаҳои ҳаддалимкон, ки ба хонандагон таъсири мусбӣ мерасонида | **1,36** |
| 5.Маҳорати идоракунии раванди дар хонандагон ташаккул ёфтани шавқу рағбат ба касбҳо мутобиқан ба талаботи хоҷагии халқ | **3,60** |
| 6.Маҳорати идрок кардан ва дар синф ба вуҷуд овардани вазъияти педагогӣ, интихоби тадбирҳои таъсиррасонӣ, ки ба инкишоф ёфтани мустақилият ва ташаббускории хонандагон дар интихоби касб мусоидат кунанда | **1,35** |
| 7.Маҳорати дар хонандагон ташаккул додани ангезаҳои аз лиҳози ҷамъиятӣ муҳимми интихоби касб | **1,30** |

*Ҷадвали 3. Маҳорати ташкили корҳои касбинтихобкунӣ- идоракунӣ*

## *Маҳоратҳои амалигардонии корҳои касбинтихобкунӣ-ташкилӣ*

| | |
|---|---|
| 1.Маҳорати ташкил кардану гузаронидани корҳои касбинтихобкунӣ дар раванди таълим ва берун аз дарс | **2,26** |
| 2.Маҳорати таҳияи стенд дар утоқ ё гӯшаи касбинтихобкунӣ, баровардани бюллетен ва рӯзномаи деворӣ | **1,61** |
| 3.Маҳорати таври ороиши гӯшаи касбинтихобкунӣ дар утоқ, баровардани бюллетен ва рӯзномаи деворӣ | **2,24** |
| 4.Маҳорати ташкили экскурсия ба объекти истеҳсолӣ | **1,53** |
| 5.Маҳорати ташкил кардани ёрии истеҳсолкунандагон ба хонандагон дар корҳои касбинтихобкунӣ | **1,31** |
| 6.Маҳорати ташкил кардани фаъолияти маърифатӣ аз фанҳои дигар оид ба азхуд кардани маводи марбут ба касб | **3,22** |
| 7.Маҳорати ҷалб кардани волидайн ва намояндагони ҷомеа ба | **1,33** |

| | |
|---|---|
| гузаронидани корҳои касбинтихобкунӣ дар синф | |

*Ҷадвали 4. Маҳоратҳои амалигардонии корҳои касбинтихобкунӣ- ташкилӣ*

## *Маҳоратҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ-гностикӣ*

| | |
|---|---|
| 1.Маҳорати таҳлил кардани маводи таълим бо мақсади ошкор кардани имкониятҳои корҳои касбинтихобкунӣ (ҷудо кардани мундариҷаи иттилоот дар бораи касбҳо, кормандон, технологияи раванди истеҳсолот, муайян кардани ҷои ҳар мавзӯъ дар низоми омодагии корҳои касбинтихобкунӣ) | 1,45 |
| 2.Маҳорати таҳлил кардани фаъолияти омӯзгорон ва кори худ оид ба касбинтихобкунии хонандагон ба мақсади тасҳеҳи минбаъдаи ин фаъолият | 2,22 |
| 3.Маҳорати таҳлил кардани талабот ба кадрҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар умум ва аз он ҷумла барои ноҳияи иқтисодӣ | 2,3 |
| 4.Маҳорати таҳлил кардану истифода бурдани маводи фанни худ ва фанҳои дигар дар корҳои касбинтихобкунӣ | 1,53 |
| 5.Маҳорати муайян кардани талабот ба касбҳои алоҳида ва тартиб додани профессиограмма | 2,51 |
| 6. Маҳорати омӯхтану ҷамъбаст кардани таҷрибаи омӯзгорони алоҳида, омода сохтани маълумот дар бораи таҷрибаи онҳо | 1,17 |
| 7.Маҳорати мунтазам кор кардан бо адабиёти нав, бо матбуоти даврии марказию маҳаллӣ, баланд бардоштани дониши худ оид ба масъалаҳои назарияю амалияи касбинтихобкунии хонандагон | 2,10 |
| 8.Маҳорати таҳлил кардан ва истифода бурдани ҳуҷҷатҳои давлатӣ, маводи дастурӣ | 1,23 |
| 9.Маҳорати таҳия кардани маълумотҳои мавзӯӣ, рефератҳо, маърӯзаҳои илмӣ | 1,30 |
| 10.Маҳорати омӯхтани хусусиятҳои истеҳсолӣ-технологии истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ, ҳамчунин касбҳои дахлдор | 1,21 |

*Ҷадвали 5. Маҳоратҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ- гностикӣ*

## *Маҳоратҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ-амалӣ*

| | |
|---|---|
| 1.Маҳорати кор бо хонандагон дар дарсҳо бо маводи табиӣ дар раванди фаъолияти педагогӣ | 1,20 |
| 2.Маҳорати гирифтани сурати объектҳои истеҳсолӣ ва ҳодисаҳои табиӣ фаъолияти амалӣ ва кори таҷрибавии хонандагон бо мақсади дар онҳо инкишоф додани шавқу рағбат ба касбҳои оммавӣ | 1,31 |
| 3.Маҳорати сохтани олоти меҳнат ва амсиласозии ҳодисаҳои табиие, ки дар фаъолияти касбӣ дучоршаванда | 3,12 |
| 4.Маҳорати ташкил кардани саёҳатҳо ва сафарҳо бо мақсади | 3,16 |

| | |
|---|---|
| ташкили корҳои касбинтихобкунӣ | |
| 5.Маҳорати истифода бурдани воситаҳои техникӣ-электронӣ дар корҳои касбинтихобкунӣ | 1,35 |
| 6. Маҳорати рондани автомобилу мотосикл (дар сатҳи дараҷаи 2-3), аз худ кардани ду-се касби коргарӣ (дар сатҳи дараҷаи 2-3) | 1,30 |

***Ҷадвали 6. Маҳоратҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ-амалӣ***




***Ҷадвали 7. Диаграммаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Таҳлили озмоиши назоратӣ оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунии донишҷӯён нишон дод, ки омӯзгорони оянда тибқи ҳамаи мавқеъҳо аз рӯи ҳамаи блокҳо холҳои хеле паст гирифтанд:

Блоки якум: оид ба мавқеъҳои зерин сатҳи донишҳо оид ба корҳои касбинтихобкунӣ паст аст: донистани таърихи пайдоиш ва инкишофи касбу ихтисос дар давраи бостон то зардуштия; инкишофи касб ва корҳои касбинтихобкунӣ дар асрҳои миёна; обзори мухтасари таърихи

корҳои касбинтихобкунӣ ва зарурати он дар низоми таълиму тарбияи хонандагон; донистани ҷузъҳои асосии сохтории ин кор; донистани асосҳои назарии истифодаи дарс ва чорабиниҳои беруназдарсӣ ба мақсадҳои корҳои касбинтихобкунӣ; донисани алоқаҳои муқаррароти назарии фанни махсус бо асосҳои истеҳсолот; донистани назария ва амалияи корҳои касбинтихобкунӣ ва таърихи мактаби муосир (холи миёна 1,2).

Дониш оид ба корҳои касбинтихобкунии сатҳи миёна аз рӯи мавқеъҳои зерин: донистани масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи мавриди назар ва динамикаи тағйирёбии талабот ба кадрҳо; донистани методу усулҳои омӯхтани ниятҳои касбии хонандагон; донистани ҷузъҳои асосии сохтории ин кор (маърифат, машварат, интихоби касбӣ, мувофиқшавӣ); донистани хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии хонандагон ва асосҳои ҳисобгирии онҳо дар корҳои касбинтихобкунӣ; донистани асосҳои назарии ташкилу идоракунии корҳои касбинтихобкунӣ (холи миёна 2,2).

Дониш оид ба корҳои касбинтихобкунии сатҳи баланд аз рӯи мавқеъҳои зерин: донистани методу усулҳои омӯхтани ниятҳои касбии хонандагон; донистани асосҳои истеҳсолот, техника, махсусияти касбҳои алоҳида; донистани талабот ба таҳияи вазифаҳои дорои мундариҷаи истеҳсолӣ оид ба фанн (холи  миёна 3,1).

Блоки дувум: донишоид ба корҳои  касбинтихобкунии сатҳи паст: маҳорати нақшагирии фаъолияти хонандагон, ки ба бедор кардани шавқу мароқи онҳо ба касб дар раванди таълим ва кори беруназсинфӣ нигаронида шудааст; маҳорати муайян кардани мундариҷаи маводи корҳои касбинтихобкунӣ ва ёфтани шаклу усул ва воситаҳои самарабахши интиқоли онҳо ба хонандагон дар рафти дарс ва берун аз дарс; маҳорати гирд овардану тасниф кардани маводи корҳои касбинтихобкунӣ (холи миёна 1,3).

Дониш оид ба корҳои касбинтихобкунии сатҳи миёна: маҳорати нақшагирии фаъолияти худ дар ҳамин соҳа дар раванди кори таълиму тарбия; маҳорати нақшагирии низоми тадбирҳои корҳои касбинтихобкунӣ дар мундариҷаи маводи таълимӣ ва беруназдарсӣ (холи миёна 2,5).

Дониш оид ба корҳои касбинтихобкунии сатҳи олӣ: маҳорати муайян кардани мақсаду вазифа ва имкониятҳои касбинтихобкунии маводи таълимӣ ва ғайритаълимӣ (беруназдарсӣ) (холи миёна 3,13).

Блоки севум: дониш оид ба корҳои касбинтихобкунии сатҳи паст: маҳорати идора кардани раванди ташаккули шавқу мароқи хонандагон ба касбҳо тибқи талаботи хоҷагии халқ; маҳорати идрок кардан ва дар синф ба вуҷуд овардани вазъияти педагогӣ, интихоби тадбирҳои таъсиррасонӣ, ки ба рушди мустақилияту ташаббускории хонандагон дар интихоби касб мусоидат мекунанд; маҳорати дар хонандагон ташаккул додани ангезаҳои аз лиҳози иҷтимоӣ муҳимми интихоби касб (холи миёна 2,1).

Дониш оид ба корҳои касбинтихобкунии сатҳи миёна: маҳорати ошкор сохтани сатҳи дар талабаҳо ташаккул ёфтани шавқу рағбат ба касбҳои мушаххас; маҳорати аз мақсадҳои умумии корҳои касбинтихобкунӣ дар ҳар марҳилаи синнусолии таълимгирандагон ҷудо кардани вазифаҳои мушаххаси педагогӣ ва татбиқи ин мақсадҳо тавассути низоми тадбирҳои таълимию тарбиявӣ; маҳорати интихоб кардани методу воситаҳо ва шаклҳои ташкилии аз ҳама самарабахши таъсиррасонӣ ба хонандагон мувофиқи мақсадҳои мушаххаси корҳои касбинтихобкунӣ (холи миёна 1,5).

Дониш оид ба корҳои касбинтихобкунии сатҳи олӣ: маҳорати ба роҳ мондани корҳои касбинтихобкунӣ бо назардошти талаботи корҳои касбинтихобкунӣ; маҳорати интихоб кардани методу восита ва шаклҳои ташкилии аз ҳама самарабахши таъсиррасонӣ ба хонандагон тибқи мақсадҳои мушаххаси корҳои касбинтихобкунӣ (холи миёна 3).

Блоки чорум: дониш оид ба корҳои касбинтихобкунии сатҳи паст: маҳорати ташкил кардани экскурсия ба объектҳои истеҳсолӣ, маҳоратҳои ташкил кардани фаъолияти маърифатӣ оид ба азхудкунии маводи касбӣ аз дигар фанҳо; маҳорати ба гузаронидани корҳои касбинтихобкунӣ дар синф аз рӯи фан ҷалб кардани волидайн ва намояндагони аҳли ҷамъият (холи миёна 1,4).

Дониш оид ба корҳои касбинтихобкунии сатҳи миёна: маҳорати таҳия кардани стенд дар кабинет (ё гӯша)-и корҳои касбинтихобкунӣ, ба роҳ мондани баровардани бюллетен ва рӯзномаи деворӣ; маҳорати оро додани стенд дар кабинет (ё гӯшаи) корҳои касбинтихобкунӣ, ташкил кардани барориши бюллетен ва рӯзномаи деворӣ (холи миёна 1,6).

Дониш оид ба корҳои касбинтихобкунии сатҳи олӣ: ташкил кардану гузаронидани корҳои касбинтихобкунӣ дар раванди дарс ва берун аз дарс; маҳорати оро додани стенд дар кабинет (ё гӯша)-и корҳои касбинтихобкунӣ; ташкил кардани барориши бюллетен ва рӯзномаҳои деворӣ; маҳорати ташкил кардани ёрии истеҳсолкунандагон дар корҳои касбинтихобкунии хонандагон (холи миёна 2,6).

Блоки панҷум: дониш оид ба корҳои  касбинтихобкунии сатҳи паст: маҳорати муайян кардани талабот ба касбҳои алоҳида ва тартиб додани профессиограмма; маҳорати мунтазам кор кардан бо навгониҳои адабиёти илмӣ; бо матуботи даврии марказӣ ва маҳаллӣ, баланд бардоштани дониши худ оид ба назария ва амалияи касбинтихобкунии хонандагон; маҳорати таҳия кардани ахбори мавзӯӣ, реферат, маърӯзаҳои илмӣ (холи миёна 1,2).

Дониш оид ба корҳои  касбинтихобкунии сатҳи миёна: маҳорати таҳлил кардани талабот ба кадрҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ умуман ва ноҳияи иқтисодии мушаххас; маҳорати таҳлил кардан ва истифода бурдани ҳуҷҷатҳои ҳукумат, маводи дастурӣ; маҳорати омӯхтани хусусиятҳои истеҳсолию технологии истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ, ҳамчунин касбҳои дахлдор (холи миёна 1,4).

Дониш оид ба корҳои касбинтихобкун ии сатҳи баланд: маҳорати таҳлил кардани маводи таълимӣ бо мақсади ошкор сохтани имкониятҳои касбинтихобкунии он (ҷудо кардани мундариҷаи иттилоот дар бораи касбҳо, одамони меҳнат, технологияҳои раванди истеҳсолот, муайян кардани ҷои ҳар мавзӯъ дар низоми омодагии корҳои касбинтихобкунӣ); маҳорати таҳлил кардани фаъолияти педагогҳо дар кори худ оид ба касбинтихобкунии хонандагон ба мақсади тасҳеҳи минбаъдаи ин фаъолият; маҳорати омӯхтан ва ҷамъбаст кардани таҷрибаи омӯзгорони алоҳида, тайёр кардани ахбор дар бораи таҷрибаи онҳо; маҳорати таҳлил кардан ва истифода бурдани маводи фанни худ ва фаннҳои дигар дар корҳои касбинтихобкунӣ (холи миёна 2,3).

Блоки шашум: дониш оид ба корҳои касбинтихобкун ии сатҳи паст: маҳорати рондани автомобилу мототсикл (дар сатҳи синфҳои 2-3), аз худ кардани ду-се касби коргарӣ (дар сатҳи 2-3) (холи миёна 0,9).

Дониш оид ба корҳои касбинтихобкунии сатҳи миёна: маҳорати кор бо хонандагон бо маводи табиӣ дар дарсҳо дар раванди фаъолияти педагогӣ, маҳорати ташкил кардани саёҳат ва сафарҳо бо мақсадҳои корҳои касбинтихобкунӣ; маҳорати истифода бурдани воситаҳои техникӣ-электронӣ дар корҳои касбинтихобкунӣ (холи миёна 1,3).

Дониш оид ба корҳои касбинтихобкунии сатҳи олӣ: маҳорати гирифтани сурати объектҳои истеҳсолӣ ва ҳодисаҳои табиӣ фаъолияти амалӣ ва кори таҷрибавии хонандагон бо мақсади дар онҳо инкишоф додани шавқу рағбат ба касбҳои оммавӣ; маҳорати сохтани олоти меҳнат ва амсиласозии ҳодисаҳои табиӣ, ки дар фаъолияти касбӣ дучор мешаванд (холи миёна 3,1).

Бо назардошти он ки таҳсилоти касбинтихобкунӣ ташаккули босалоҳиятии корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони ояндаро дар раванди корҳои касбинтихобкунӣ мушаххас менамояд ва инкишоф медиҳад, он марҳилаи мантиқан ба итмомрасида маҳсуб мегардад. Бо назардошти вазифаҳои босалоҳиятии корҳои касбинтихобкунӣ барои

гурӯҳи озмоишӣ дастури амали таълимӣ-методӣ яъне китоби дарсӣ таҳия карда шуд, ки бо истифода аз он омӯзгор супоришҳои амалиро дар таҷрибаомӯзии педагогӣ дар нимсолаи дувуми курси севум иҷро мекунад (мундариҷаи дастур дар поён зикр мегардад).

Барои тақвияти самарабахшии ташкили корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо дар пойгоҳи кафедраи технология ва методикаи таълими они МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" китоби дарсиро таҳти унвони "Касбинтихобкунӣ" таҳия ва ба чоп баровардем. Китоби дарсии мазкур бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст ва аз се боб иборат аст. Дар боби якум 6 лексия, дар боби дувум 16 кори лабораторӣ ва дар боби севум кори мустақилонаи донишҷӯён ва замима ҷойгир шудааст. Ҳаҷми умумии китоб 17 ҷузъи чопиро ташкил мекунад.

**Мундариҷаи китоб:**

- мундариҷа ва мақсадҳои озмоиши корҳои касбинтихобкунӣ ва алоқаҳои он бо дигар фанҳо; инкишофи корҳои касбинтихобкунӣ аз ҷониби омӯзгорон ва олимон; синфҳои касбҳо, шӯъбаю гурӯҳҳои касбҳо; шавқу рағбат, майл, қобилият ва интихоби касб; саломатӣ ва интихоби касб, роҳҳои аз худ кардани ихтисос, нақшаҳои ҳаётӣ ва касбӣ; низомҳои корҳои касбинтихобкунӣ; маърифати касбӣ; ташхиси касбӣ; машварати касбӣ; интихоби касбӣ; мувофиқшавии касбӣ; тарбияи касбӣ; марҳилаҳо ва мундариҷаи касбинтихобкунии хонандагон дар муассисаҳои таълимоти умумӣ; худмуайянкунии касбии шахсият; ташаккули карйера ва омодагии касбӣ; ташкили кори кабинети таълимӣ-методии корҳои касбинтихобкунӣ дар муассисаи таълимоти умумӣ; мавзӯъҳои корҳои лабораторӣ; интихоби касб–вазифаи мураккаб ва пурмасъулият; мафҳумҳо дар бораи хусусиятҳои касб; таснифи касбҳо аз рӯи соҳаҳои хоҷагии халқ; таснифи касбҳо аз рӯи мундариҷа, мақсадҳо, воситаҳо ва шароитҳои кор; намудҳои касбҳо; ташаккули шавқу рағбат ба касбҳо;

маорифи касбии хонандагон ва методикаи таълим; тафаккур, хотира ва интихоби касб; мизоҷ ва интихоби касб; саломатӣ ва интихоби касб; машварати касбии хонандагон ва методикаи таълим; низоми касбинтихобкунии хонандагон; мундариҷаи корҳои касбинтихобкунӣ дар нақша-конспекти машғулият оид ба мавзӯҳо; ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар муассисаҳои таълимоти умумӣ; вижагиҳои ташкили фаъолияти амалӣ дар корҳои касбинтихобкунӣ, характер, инкишофи шавқу рағбат ва интихоби бошууронаи касб; ташкил ва ороиши утоқи таълимӣ-методии корҳои касбинтихобкунӣ дар муассисаҳои таълимоти умумӣ.

**Супоришҳо барои кори мустақилонаи донишҷӯён.**

Супоришҳо барои ҳафтаи аввали таълим:

1. Дар китоби Аҳмади Дониш "Наводир-ул-вақоеъ" (Душанбе, 1997) ёфтани намудҳои касбҳо, шумораи касбҳо, таҳлил кардани ягон касб, додани маълумоти мухтасар дар бораи шароитҳои ин касб, тавсифи касб ва нишон додани мубрамияти касби мазкур (сабт кардан дар дафтари корӣ) (Холланд..).

Супориш барои ҳафтаи дувум:

- навиштани реферат дар бораи касби интихобкарда, гузаронидани таҳлили касб аз рӯи асари Баҳманёр "Сармаддеҳ" (Душанбе: Деваштич, 2002. - 994 с.); Баҳманёр "Сармаддеҳ" (Душанбе: Истеъдод, 2014. - 240с.).

Супориш барои ҳафтаи севум:

- дар "Куллиёт"-и Лоиқ Шералӣ (Душанбе: Адиб, 2008. – 560с.) ёфтани намудҳои касбҳо, шумораи касбҳо, гузаронидани таҳлили ягон касб, додани маълумоти мухтасар дар бораи шароитҳои касби мазкур, тавсиф додану собит сохтани мубрамияти ин касб (сабт кардан дар дафтари корӣ) (Холланд...).

Супориш барои ҳафтаи чаҳорум:

- Дар китоби Ҷалол Икромӣ "Устоди ман, мактаби ман ва худи ман" (Душанбе, 1972. - 220с.) ёфтани намуди касбҳо, шумораи касбҳо, гузаронидани таҳлили ягон касб, овардани маълумоти мухтасар дар

бораи шароитҳои ин касб, тавсифи касби мазкур, нишон додани мубрамияти ин касб (сабт кардан дар дафтари корӣ) (Холланд...).

Супориш барои ҳафтаи панҷум:

- таҳлили касб дар асари Мирзо Турсунзода "Ҳасани аробакаш" (Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон; 1961. 1300с.) (сабт кардан дар дафтари корӣ) (Холланд...).

Супориш барои ҳафтаи шашум:

- дар достони Абулқосим Фирдавсӣ "Заҳҳок ва Коваи оҳангар" (Душанбе: Адиб, 2011) ёфтани намудҳои касб, шумораи касбҳо, гузаронидани таҳлили ягон касби алоҳида, овардани маълумоти мухтасар дар бораи шароитҳои касби мазкур, тавсифи он, нишон додани мубрамияти ин касб (сабт кардан дар дафтари корӣ) (Холланд...).

Супориш барои ҳафтаи ҳафтум:

- дар асари Садриддин Айнӣ "Ёддоштҳо" (Душанбе: Ирфон, 1990. – 411с.) ёфтани намудҳои касбҳо, шумораи касбҳо, гузаронидани таҳлили ягон касб, овардани маълумоти мухтасар дар бораи шароитҳои касби мазкур, тавсифи ин касб, нишон додани мубрамияти ин касб (сабт кардан дар дафтари корӣ) (Холланд...).

Супориш барои ҳафтаи ҳаштум:

- Дар асари Ҷалол Икромӣ "Духтари оташ" (Душанбе: Адиб, 2009. – 560с.) ёфтани намудҳои касб ва тартиб додани профессиограммаи касбҳои мазкур (сабт кардан дар дафтари корӣ) (Холланд...).

Супориш барои ҳафтаи нӯҳум:

- дар асари Баҳманёр "Шоҳаншоҳ" (Душанбе: Адиб, 2013. - 472с.) ёфтани намудҳои касб ва тартиб додани профессиограммаи касбҳои мазкур (сабт кардан дар дафтари корӣ) (Холланд...).

Супориш барои ҳафтаи даҳум:

- дар асари Ҷалол Икромӣ "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро" (Душанбе: Ирфон, 1984. - 432с.) ёфтани намудҳои касб, шумораи касбҳо, гузаронидани таҳлили ягон касб, овардани маълумоти мухтасар дар бораи шароитҳои ин касб, тавсифи касби мазкур, нишон додани мубрамияти ин касб (сабт кардан дар дафтари корӣ) (Холланд...).

Супориш барои ҳафтаи ёздаҳум:

- дар асари Мирсаид Миршакар "Қишлоқи тиллоӣ" (Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954. - 320с.) ёфтани намудҳои касбҳо, шумораи касбҳо, гузаронидани таҳлили ягон касб, овардани маълумоти мухтасар дар бораи шароитҳои ин касб, тавсифи касб, нишон додани мубрамияти ин касб (сабт кардан дар дафтари корӣ) (Холланд...).

Супориш барои ҳафтаи дувоздаҳум:

- дар асари Саъдии Шерозӣ "Гулистон" (Душанбе, 1962) ёфтани намудҳои касб, шумораи онҳо, гузаронидани таҳлили ягон касб, овардани маълумоти мухтасар дар бораи шароитҳои ин касб, тавсифи касб, нишон додани мубрамияти касби мазкур (сабт кардан дар дафтари корӣ) (Холланд...).

Супориш барои ҳафтаи сенздаҳум:

- дар асари Саъдии Шерозӣ "Бӯстон" (Душанбе, 1961) ёфтани намудҳои касб, шумораи онҳо, гузаронидани таҳлили ягон касб, овардани маълумоти мухтасар дар бораи шарту шароити касби мазкур, тавсифи он, нишон додани мубрамияти ин касби (сабт кардан дар дафтари корӣ) (Холланд...).

Супориш барои ҳафтаи чаҳордаҳум:

- дар асари Сорбон "Ҷӯгӣ" (Душанбе: Ирфон, 1977. – 360с.) ёфтани намудҳои касбҳо, шумораи онҳо, гузаронидани таҳлили як касб, овардани маълумоти мухтасар дар бораи шарту шароити касби мазкур, тавсифи он, нишон додани мубрамияти ин касб (сабт кардан дар дафтари корӣ) (Холланд...).

Супориш барои ҳафтаи понздаҳум:

- дар асари Ҷалол Икромӣ "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро" (Душанбе: Ирфон, 1984. - 432с.) ёфтани намудҳои касбҳо ва тартиб додани профессиограммаи касбҳои мазкур(сабт кардан дар дафтари корӣ) (Холланд...).

Супориш барои ҳафтаи шонздаҳум:

- дар асари Ҷалол Икромӣ "Тахти вожгун" (Душанбе: Адиб, 1983. – 336с.) ёфтани намудҳои касбҳо, шумораи онҳо, гузаронидани таҳлили як касб, тавсифи он, нишон додани мубрамияти касби мазкур (сабт кардан дар дафтари корӣ) (Холланд...).

Интихоби методҳои дахлдори тайёрӣ ҷузъи муҳимми таркибии низоми омодагии корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, ба масъалаи мазкур диққати махсус дода мешавад, зеро самарабахшии таълими касбинтихобкунии донишҷӯён аз бисёр ҷиҳат аз он вобаста аст, ки барои ба мақсадҳои гузошта ноил шудани омӯзгорони оянда то чи андоза усулҳои дурусти таълим интихоб шудаанд.

Таҳти истилоҳи методи таълим тарзи кори омӯзгори оянда фаҳмида мешавад, ки дар рафти он ташаккули босалоҳиятии корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда ба даст меояд. Дар кори диссертатсионӣ вариантҳои мухталифи таснифи методҳои омодагӣ оварда шудаанд. Барои таълими корҳои касбинтихобкунӣ таснифи методҳо аз рӯи тарзи фаъолият аз ҳама мувофиқ аст. Сабаб дар он аст, ки дар раванди таълими фан ду раванди байни ҳам алоқаманд возеҳан зоҳир мегарданд: фаъолияти амалии мустақилонаи донишҷӯён ва фаъолияти роҳбарикунандаи омӯзгор. Мутаносибан усулҳои таълими касбинтихобкуниро низ ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: усулҳои кори мустақилонаи хонандагон таҳти роҳбарии омӯзгор ва методҳои тадрис-баёни маводи таълим, намоиши таълимии кору равандҳои корҳои касбинтихобкунӣ, таснифи онҳо, роҳбарӣ ба кори таълимӣ-амалии донишҷӯён.

Масалан, тамоми маҷмӯи усулҳоеро, ки дар корҳои касбинтихобкунӣ мавриди истифода қарор мегиранд, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

- методҳои ташаккулу мустаҳкамкунии донишҳо оид ба корҳои касбинтихобкунӣ;

- методҳои намоиши корҳои  касбинтихобкунӣ;

- методҳои кори амалии омӯзгорони оянда.

Интихоби методҳои таълим барои ҳар як машғулият аз мақсадҳои тарбиявӣ, мундариҷаи хусусияти маводи мавриди омӯзиш, вижагиҳои синнусолии хонандагон ва сатҳи омодагии касбии онҳо вобаста аст.

Истифодаи методҳои дахлдори таълим ба омӯзгорони оянда имкон медиҳад раванди тарбияро оқилона ба роҳ монанд, вазифаҳои ҷолиби педагогиро гузоранд ва ҳал кунанд. Айни замон, коркарди усулҳои нави таълим, ки бояд ба талаботи ҳозиразамони омодагии мутахассисон умуман ва омӯзгорониояндаи технологии хусусан ҷавбгӯ бошанд, низ аз ҷумлаи вазифаҳои мактаби олӣ аст.

Бо ин мақсад, мо истифодаи методҳои зерини таълимро, ки ба назари мо методҳои фаъол мебошанд, тавсия медиҳем: методи "Санҷишу хатоҳо"; "Ҳуҷуми мағзӣ", "Ҷустуҷӯ ва ҳалли вазифаҳои техникӣ", "Твҳлили морфологӣ", "Методҳои суолҳои назоратӣ", "Таҳлили функсионалӣ", "Дизайн", "Лоиҳаҳои эҷодӣ", "Алгоритм", "Дастгирии компютерӣ", "Мушоҳида" "Таҳлили функсионалӣ-арзишӣ".

Истифодаи методҳои фаъоли таълим ба донишҷӯён имкон медиҳад дар раванди омӯзиши корҳои касбинтихобкунӣ, кори таҷрибавӣ бо асосҳои донишҳо оид ба корҳои касбинтихобкунӣ мусаллаҳ гарданд, фаъолияти эҷодии худро такмил диҳанд.

Раванди ташкили корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда аз рӯи схемаи зерин амалӣ мегардад: асосҳои илмҳои сикли психологӣ-педагогӣ → фанҳои интихобӣ бо тамоюли корҳои касбинтихобкунӣ → методикаи тадриси ҳамаи фанҳо → таҷрибаи педагогӣ → кори таҷрибавӣ оид ба корҳои касбинтихобкунӣ → фаъолияти педагогӣ.

***Донишҳо оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ***

| | |
|---|---|
| 1.Донистани асосҳои методологии ташкили касбинтихобкунӣ | **4,55** |
| 2.Донистани масъалаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаи мазкур ва пӯёии (динамикаи) тағйироти талабот ба кадрҳо | **4,66** |
| 3.Донистани махсусияти алоҳидаи соҳаҳои хоҷагии халқ (вижагиҳои хосаи истеҳсолот) | **4,64** |
| 4.Донистани роҳу усулҳои омӯхтани хоҳиши касбии | **4,82** |

| | |
|---|---|
| хонандагон | |
| 5.Донистани мақсаду вазифаҳои корҳои касбинтихобкунӣ дар мактаб | 4,84 |
| 6.Донистани ҷузъҳои асосии сохтории ин кор (маърифат, машварат, интихоби касбӣ, ҳамоҳангсозӣ) | 4,62 |
| 7.Донистани асосҳои истеҳсолот, техника, махсусияти касбҳои алоҳида | 4,48 |
| 8.Донистани асосҳои назариявии истифодаи дарс ва тадбирҳои беруназсинфӣ ба мақсадҳои корҳои касбинтихобкунӣ | 4,77 |
| 9.Донистани хусусиятҳои синнусоливу инфиродии хонандагон ва асосҳои ба назар гирифтани онҳо дар корҳои касбинтихобкунӣ | 4,61 |
| 10.Донистани робитаҳои муқаррароти назарии фанни махсус бо асосҳои истеҳсолот | 4,60 |
| 11.Донистани талабот ба тартиб додани супоришҳои дорои мундариҷаи истеҳсолӣ оид ба фан | 4,60 |
| 12.Донистани назария ва амалияи корҳои касбинтихобкунӣ ва таърихи мактаби муосир | 4,54 |
| 13.Донистани асосҳои назарии ташкил ва идоракунии корҳои касбинтихобкунӣ | 4,53 |
| 14.Донистани асосҳои назарии истифодаи алоқаҳои байнифаннӣ мувофиқи мақсадҳои корҳои касбинтихобкунӣ | 4,80 |

***Ҷадвали 8. Донишҳо оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ***

## *Маҳоратҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ-тарҳрезӣ*

| | |
|---|---|
| 1.Маҳорати нақшагирии фаъолиятиомӯзгори оянда дар ҳамин соҳа дар раванди кори таълиму тарбия | 4,66 |
| 2.Маҳорати нақшагирии фаъолияти хонандагон, ки ба бедор кардани шавқу рағбати онҳо ба касб дар раванди кори таълимӣ ва беруназдарсӣ нигаронидашуда | 4,64 |
| 3.Маҳорати муайян карда тавонистани мундариҷаи маводи корҳои касбинтихобкунӣ ва ёфтани шаклу метод ва воситаҳои самарабахши интиқоли он ба хонандагон дар дарс ва берун аз дарс | 4,71 |
| 4.Маҳорати муайян кардани мақсад, вазифа ва имкониятҳои касбинтихобкунии маводи таълимӣ ва берун аз таълим оид ба фан | 4,83 |
| 5.Маҳорати ҷамъ овардану тасниф кардани маводи корҳои касбинтихобкунӣ | 4,60 |
| 6.Маҳорати ба нақшагирии низоми тадбирҳои корҳои | 4,74 |

| | |
|---|---|
| касбинтихобкунӣ дар мундариҷаи маводи таълимӣ ва берун аз таълим | |

*Ҷадвали 9. Маҳоратҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ- тарҳрезӣ*

## *Маҳоратҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ-идоракунӣ*

| | |
|---|---|
| 1.Маҳорати ошкор сохтан ва дар хонандагон ташаккул додани шавқу рағбат ба касбҳои мушаххас | **4,71** |
| 2.Маҳорати ба роҳ мондани корҳои касбинтихобкунӣ бо назардошти талаботи корҳои касбинтихобкунӣ | **4,65** |
| 3.Маҳорати ҷудо кардани вазифаҳои мушаххаси педагогӣ аз мақсадҳои умумии корҳои касбинтихобкунӣ дар ҳар марҳилаи синнусолии таълимгирандагон ва татбиқ кардани онҳо дар ҳаёт тавассути тадбирҳои таълимию тарбиявӣ | **4,57** |
| 4.Маҳорати мувофиқан ба мақсадҳои мушаххаси корҳои касбинтихобкунӣ интихоб намудани методу воситаҳои ҳаддалимкон, ки ба хонандагон таъсири мусбӣ мерасонида | **4,56** |
| 5.Маҳорати идоракунии раванди дар хонандагон ташаккул ёфтани шавқу рағбат ба касбҳо мутобиқан ба талаботи хоҷагии халқ | **4,90** |
| 6.Маҳорати идрок ва дар синф ба вуҷуд овардани вазъияти педагогӣ, интихоби тадбирҳои таъсиррасонӣ, ки ба инкишоф ёфтани мустақилият ва ташаббускории хонандагон дар интихоби касб мусоидат кунанда | **4,55** |
| 7.Маҳорати дар хонандагон ташаккул додани ангезаҳои аз лиҳози ҷамъиятӣ муҳимми интихоби касб | **4,00** |

*Ҷадвали 10. Маҳоратҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ- идоракунӣ*

## *Маҳоратҳои амалигардонии корҳои касбинтихобкунӣ-ташкилӣ*

| | |
|---|---|
| 1.Маҳорати ташкил кардану гузаронидани корҳои касбинтихобкунӣ дар раванди таълим ва берун аз дарс | **4,66** |
| 2.Маҳорати таҳияи стенд дар утоқи (ё гӯшаи) корҳои касбинтихобкунӣ, баровардани бюллетен ва рӯзномаи деворӣ | **4,91** |
| 3. Маҳорати ороиш додани гӯшаи касбинтихобкунӣ дар уток, баровардани бюллетен ва рӯзномаи деворӣ | **4,41** |
| 4. Маҳорати ташкили экскурсия ба объекти истеҳсолӣ | **4,0** |
| 5.Маҳорати ташкил кардани ёрии истеҳсолкунандагон ба хонандагон дар корҳои касбинтихобкунӣ | **4,80** |
| 6.Маҳорати ташкил кардани фаъолияти маърифатӣ аз фанҳои дигар оид ба аз худ кардани маводи марбут ба касб | **6,64** |
| 7.Маҳорати ҷалб кардани волидайн ва намояндагони ҷомеа ба гузаронидани корҳои касбинтихобкунӣ дар синф | **4,77** |

*Ҷадвали 11. Маҳоратҳои амалигардонии корҳои касбинтихобкунӣ- ташкилӣ*

## *Маҳоратҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ-гностикӣ*

| | |
|---|---|
| 1.Маҳорати таҳлил кардани маводи таълим бо мақсади ошкор кардани имкониятҳои корҳои касбинтихобкунӣ (ҷудо кардани мундариҷаи иттилоот дар бораи касбҳо, кормандон, технологияи раванди истеҳсолот, муайян кардани ҷои ҳар мавзӯъ дар низоми омодагии корҳои касбинтихобкунӣ) | 4,34 |
| 2.Маҳорати таҳлил кардани фаъолияти омӯзгорон ва кори худ оид ба касбинтихобкунии хонандагон ба мақсади тасҳеҳи минбаъдаи ин фаъолият | 4,44 |
| 3.Маҳорати таҳлил кардани талабот ба кадрҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар умум ва аз он ҷумла барои ноҳияи иқтисодӣ | 4,46 |
| 4.Маҳорати таҳлил кардану истифода бурдани маводи фанни худ ва фанҳои дигар дар корҳои касбинтихобкунӣ | 4,10 |
| 5.Маҳорати муайян кардани талабот ба касбҳои алоҳида ва тартиб додани профессиограмма | 4,51 |
| 6.Маҳорати омӯхтану ҷамъбаст кардани таҷрибаи омӯзгорони алоҳида, омода сохтани маълумот дар бораи таҷрибаи онҳо | 4,50 |
| 7.Маҳорати мунтазам кор кардан бо адабиёти нав, бо матбуоти даврии марказию маҳаллӣ, баланд бардоштани дониши худ оид ба масъалаҳои назарияю амалияи касбинтихобкунии хонандагон | 4,11 |
| 8.Маҳорати таҳлил кардан ва истифода бурдани ҳуҷҷатҳои давлатӣ, маводи дастурӣ | 4,12 |
| 9.Маҳорати таҳия кардани маълумотҳои мавзӯӣ, рефератҳо, маърӯзаҳои илмӣ | 4,43 |
| 10.Маҳорати омӯхтани хусусиятҳои истеҳсолӣ-технологии истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ, ҳамчунин касбҳои дахлдор | 4,31 |

*Ҷадвали 12. Маҳоратҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ- гностикӣ*

## *Маҳоратҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ-амалӣ*

| | |
|---|---|
| 1.Маҳорати кор бо хонандагон дар дарсҳо бо маводи табиӣ дар раванди фаъолияти педагогӣ | 4,70 |
| 2.Маҳорати гирифтани сурати объектҳои истеҳсолӣ ва ҳодисаҳои табиӣ фаъолияти амалӣ ва кори таҷрибавии хонандагон бо мақсади дар онҳо инкишоф додани шавқу | 4,39 |

| | |
|---|---|
| рағбат ба касбҳои оммавӣ | |
| 3.Маҳорати сохтани олоти меҳнат ва амсиласозии ҳодисаҳои табиие, ки дар фаъолияти касбӣ дучоршаванда | **4,41** |
| 4.Маҳорати ташкил кардани саёҳатҳо ва сафарҳо бо мақсади ташкили корҳои касбинтихобкунӣ | **4,32** |
| 5.Маҳорати истифода бурдани воситаҳои техникӣ-электронӣ дар корҳои касбинтихобкунӣ | **4,46** |
| 6.Маҳорати рондани автомобилу мотосикл (дар сатҳи дараҷаи 2-3), аз худ кардани ду-се касби коргарӣ (дар сатҳи дараҷаи 2-3) | **4,55** |

***Ҷадвали 13. Маҳоратҳои ташкили корҳои касбинтихобкунӣ-амалӣ***




***Ҷадвали 14. Диаграммаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Холи миёнаоморӣ (4,64), ки коршиносон (экспертҳо) бо донишҳо оид ба корҳои касбинтихобкунӣ гузоштаанд, аз аҳаммияти баланди онҳо

дар фаъолияти касбинтихобкунии омӯзгорон шаҳодат медиҳад. Холҳои аз ҳама баландро донишҳое гирифтанд, ки ба мақсаду вазифаҳои корҳои касбинтихобкунӣ (4,84), методу усулҳои омӯхтани ниятҳои касбии омӯзгорони оянда (4,82), асосҳои назарии истифодаи робитаҳои байнифаннӣ ба мақсадҳои корҳои касбинтихобкунӣ (4,80), ҳамчунин дониши асосҳои назарии истифодаи машғулият ва тадбирҳои берун аз аудиторӣ оид ба фан ба мақсадҳои корҳои касбинтихобкунӣ (4,77) гирифтанд. Холҳои нисбатан паст насиби донишҳое гардиданд, ки ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия, ҳамчунин донишҳо дар бораи истеҳсолот, техника, хусусиятҳои касбҳои алоҳида мансубанд. Ба назари мо, баҳои нокофӣ додан ба ин донишҳо ҳатто аз ҷониби коршиносони беҳтарин, боиси он гардид, ки кори мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти педагогии олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти яктарафа дорад: он бештар дар асоси омӯзиши шавқу рағбати омӯзгорони оянда ба роҳ монда мешавад.

Байни маҳоратҳо маҳоратҳои тарҳреҳӣ аз ҳама муҳим дониста шудаанд. Ҳамаи маҳоратҳое, ки ба ин гурӯҳ дохил мешаванд, ба баҳои нисбатан якхела сазовор гардиданд. Мумкин аст,ки сабаби ин ҳодиса дар он бошад, ки маҳорати нақшагирӣ аз бисёр ҷиҳат муваффақияти тамоми кориояндаро муайян мекунад. Зимнан омӯзгори оянда на танҳо вазифаҳои корҳои касбинтихобкунӣ, балки методу воситаҳои асосии амалигардонии онҳоро низ муайян мекунад.

Байни маҳоратҳо оид ба корҳои касбинтихобкунӣ - идоракунӣ маҳорати идоракунии раванди ташаккули шавқу мароқи омӯзгорони оянда ба касбҳо тибқи талаботи хоҷагии халқ ба кадрҳо (4,90), маҳорати ошкор сохтани ташаккулёбии шавқу рағбати мазкур (4,71) ва ба роҳ монадни корҳои касбинтихобкунӣ бо назардошти талаботи педагогӣ (4,65) баҳои баланд гирифтанд. Аҳамияти он нуқта худ ба худ возеҳу равшан аст, ки коршиносони соҳаи корҳои касбинтихобкунӣ, шахсоне, ки касбашонро ба қавли халқ "об карда хӯрдаанд", бо касбинтихобкунии

ҷавонон машғул шуда, кӯшиш ба харҷ додаанд, ки дар онҳо муносибати мусбатро ба касбҳои соҳаи истеҳсолоти моддӣ ташаккул диҳанд. Маҳорати ташаккул додани ангезаҳои аз лиҳози иҷтимоӣ муҳимми интихоби касб, яъне маҳорати ба ташаккули ангезаҳои васеи иҷтимоии интихоби касб нигаронида дар омӯзгорони оянда (идроки вазифаи худ дар назди ҷамъият, кӯшиши фоида овардан ба воситаи фаҳмиши вазъияти иҷтимоии касби интихобшуда ва ғайра) баҳои баланд (4,60) гирифт.

Маҳоратҳо оид ба корҳои касбинтихобкунӣ - ташкилӣ чун маҳоратҳои аз ҳама муҳим фаъолияти касбинтихобкунии омӯзгор арзёбӣ гардидаанд. Масалан, маҳорати ташкили фаъолияти амалӣ ва кори таҷрибавии омӯзгорони оянда бо мақсади дар онҳо бедор кардани шавқу рағбат ба касбҳои алоҳида (4,90), гузаронидани экскурсияи таъиноти корҳои касбинтихобкунӣ ба объектҳои истеҳсолӣ (4,80), ташкил кардани фаъолияти маърифатии омӯзгорони оянда оид ба аз худ кардани маълумот дар бораи касбҳо, ки дар фанҳои таълимӣ мавҷуданд (4,77), оид ба пердмет ва ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар раванди таълим ва берун аз он (4,64) баҳоҳои баланд гирифтанд. Маҳорати баровардани бюллетен ва рӯзномаҳои деворӣ, ки касбҳои марбут ба ин фанни таълимиро тарғибу ташвиқ мекунанд, ба баҳои нисбатан паст сазовор шуданд. Ба назари мо, ба ин маҳоратҳо аз он сабаб баҳои кам медиҳанд, ки омӯзгорони оянда онҳоро имтиёзи роҳбари синф мешуморанд. Ба ақидаи мо, чунин маҳорат аз бисёр ҷиҳат ба муваффақияти маърифати касбӣ, ки омӯзгори фаннӣ амалӣ мегардонад, мусоидат мекунад.

Дар байни маҳоратҳои касбӣ-гностикӣ маҳоратҳои омӯзиши хусусиятҳои истеҳсолӣ-технологии истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ ва касбҳои онҳо бо мақсади тавсифи профессиографии онҳо (4,70), таҳлил кардани маводи таълимӣ барои ошкор сохтани имкониятҳои касбинтихобкунии он (4,44), муайян кардани талаботи касбҳои алоҳида ба шахсият ва тартиб додани проффесиограмма (4,50) сазовори холҳои

баланд гардидаанд. Лозим ба таъкид аст, ки маҳорати таҳлил кардан ва истифода бурдани мундариҷаи фанни худ ва фанҳои дигар ба мақсадҳои корҳои касбинтихобкунӣ холи баланд гирифт.

Албатта, дар рафти тадриси фан баён кардани тамоми иттилооти зарурӣ дар бораи касб имконнопазир аст. Бинобар ин, эҳтиёҷи аз фанҳои ҳамҷавор ба даст овардани мавод ба миён меояд. Ба ин кор муқаррар намудани алоқаҳои байнифаннӣ ва дохилифаннии таълимӣ мусоидат мекунанд.

Байни маҳоратҳои гностикӣ баҳои пастро (4,10) маҳоратҳои омӯхтан ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи омӯзгорони алоҳидаи оянда ва дар бораи он тайёр кардани ахбор, таҳлил кардани талаботи истеҳсолоти ҷамъиятӣ умуман ба кадрҳо ва ноҳияи мушаххаси иқтисодӣ хусусан, мунтазам кор кардан бо навгониҳои адабиёти илмӣ ва матбуоти даврӣ, машғул шудан ба худомӯзӣ оид ба масъалаҳои назария ва амалияи корҳои касбинтихобкунӣ гирифтанд. Ба ақидаи мо, ба сабаби баҳои сазовор надодан ба ин маҳоратҳо ҳатто мутахассисони ояндаи корҳои касбинтихобкунӣ маҳз дар соҳаи фаъолияти худ ба хато роҳ медиҳанд.

Маҳоратҳо оид ба корҳои касбинтихобкун ӣ-амалӣ дар сохтори ҷузъҳои фаъолияти корҳои касбинтихобкунии омӯзгор яке аз ҷузъҳои муҳим ба ҳисоб мераванд. Кайд кардан зарур аст, ки донистани касби коргарӣ, маҳорати кор бо маводи табиӣ, рондани мошин, истифодаи воситаҳои техникии таълим аз ҷумлаи маҳоратҳои муҳимтарини корҳои касбинтихобкунӣ ба шумор мераванд. Ва онҳо сазозовори холҳои баланд гардиданд.

Агар таносуби блокҳои маҳоратҳоро таҳлил карда, ҷои ҳар блокро муайян карданӣ шавем, манзараи зерин ба назар намоён мегардад: маҳоратҳо оид ба корҳои касбинтихобкунӣ-тарҳрезӣ - 4,70 хол, идоракунӣ - 4,66, ташкилӣ  4,65, амалӣ - 1,11, гностикӣ – 4,37 хол. Чунин ҷойгиршавии маҳоратҳо, чи тавре ки таҷриба шаҳодат медиҳад, ба арзиши ҳақиқии онҳо мутобиқат дорад.

Масалан, аз ҷониби умум эътироф гардидааст, ки ҳама гуна фаъолият аз таҳлили натиҷаҳои кори дар ин соҳа ба иҷро расида ва нақшагирии кори дар пеш истода шурӯъ мегардад. Баибораи дигар, тарҳрезии фаъолияти оянда ба амал меояд, сипас шаклу восита ва усулҳои он муайян карда мешаванд. Пас, тарҳрезии фаъолият дар кори касбинтихобкунии омӯзгори оянда низ лаҳзаи марказӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо маҳоратҳои ӯ зоҳир мегарданд, ки бо ёрии онҳо омӯзгор вазифаҳои асосии давраиояндаро муайян мекунад; он намудҳои корҳоро муқаррар менамояд, ки ба хонандагон дар азхуд кардани донишу маҳорат ва малакаҳои ба касби интихобкардаи онҳо зарурӣ ёрӣ мерасонанд; шаклу методҳои роҳбарии самарабахши педагогиро коркард мекунад; хонандагонро аз ҳар мушкилоти эҳтимолӣ дар интихоби касб огоҳ менамояд; ба рафъи мушкилоти мазкур ва ноил гардидан ба худмуайянкунии касбӣ ёрӣ мерасонад. Маҳоратҳои тарҳрезӣ ба омӯзгорони оянда ҳалли масъалаҳои фаврӣ, яъне нақшагирии мундариҷаи корҳои касбинтихобкунӣ дар ҳар дарс, дар ҳар чорабинии беруназсинфӣ, ҳамчунин муайян кардани шаклу методҳо ва воситаҳои иттилоотдиҳӣ ва машваратдиҳӣ ба хонандагонро осон мекунанд. Бори дигар такрор мекунем, ки маҳоратҳои гурӯҳи мазкур холи аз ҳама зиёд гирифтаанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили ба иҷро расонидаи мо саҳеҳии амсилаи ибтидоии фаъолияти омӯзгори фаннияояндаро, ки дар фаъолияти касбӣ бо корҳои касбинтихобкунӣ машғул мешавад, исбот кард. Ҷузъҳои сохтории низоми пешниҳод гардида, аз ҷониби омӯзгорони пешқадам баҳои ба қадри кофӣ баланд гирифтанд. Эҳтимол истифодаи он дар омодасозии омӯзгорони оянда - донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба мақсад мувофиқ бошад.

## Хулосаҳои боби дувум

Ташаккули босалоҳиятии иҷтимоӣ-таҷрибаи рафтор дар вазъиятҳои ҳаётии мухталиф ва дар иҳотаи иҷтимоии гуногун ба яке аз вазифаҳои муҳимтарини низоми маориф табдил меёбад. Мутахассисон тасдиқ мекунанд, ки маҳз дар мактаб шавқу рағбати насли наврас ба намудҳои мухталифи фаъолият шакл мегирад. Корҳои касбинтихобкунӣ, ки дар вақти таълим ва берун аз дарс амалӣ мегардад, бояд инкишофи хусусиятҳои инфиродӣ ва қобилиятҳои эҷодии ҳар талабаро таъмин кунад, самтияти касбиро дар ягонагии манфиатҳои шахсию ҷамъиятӣ ташаккул диҳад. Корҳои касбинтихобкунӣ асоси худмуайянкунии касбии хонандагони мактаб мебошад. Худмуайянкунии касбӣ ва шахсиятӣ умумиятҳои зиёд доранд ва амалан ба ҳам омехта мешаванд. Агар барои аз ҳам ҷудо кардани онҳо кӯшиш ба харҷ диҳем, ду фарқи усулӣ (принсипиалӣ) ошкор мегардад:

1) “Худмуайянкунии касбӣ” мафҳуми нисбатан мушаххас буда, расмияти ҳуқуқии нисбатан сода (диплом, сертификат ва ғайра) дорад; “худмуайянкунии шахсиятӣ” нисбат ба касбӣ мураккабтар мебошад, дар бобати он ҳуҷҷати расмӣ дода намешавад, ба ҳар ҳол ба одамони рӯҳан солим ҳуҷҷат ба дар бобати “шахсият” намедиҳанд.

2) Худмуайянкунии касбӣ бештар аз шароитҳои муосиди беруна вобаста аст, худмуайянкунии шахсиятӣ бошад, аз худи инсон вобаста аст. Зимнан, чӣ қадаре ки шароити атроф баду вазнин бошад, ҳамон қадар имконияти сифатҳои беҳтарини худро зоҳир кардани шахсият бештар аст (маъмулан, қаҳрамонон дар вазъиятҳои мураккаби ҳаёт ба вуҷуд меоянд). Дуруст аст, ки дар давраҳои некӯаҳволӣ, ки саршор аз “васваса”-ю “саодат” ва табассумҳои дар лабони одамон яхбаста мебошад (ҳама “бояд” хушбахт бошанд) ба ҳар ҳол одамоне ёфт мешаванд, ки маънои ҳаёташонро дар ҳалли масъалаҳои махсус, масъалаҳои барои одамони қаторӣ номуҳимму беарзиш мебинанд. Барои чунин шахсон давраҳои некӯаҳволӣ ба санҷишу имтиҳони ҷиддӣ табдил

меёбад ва онҳо барои худинкишофи шахсӣ, худмуайянкунӣ шароит муҳайё мекунанд.

Солҳои охир дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии мамлакат масъалаи омодасозии омӯзгорони оянда ба фаъолияти коршои касбинтихобкунии хонандагони мактаб дар шароитҳои муосири ҳаёти ҷамъиятӣ истодааст, ки он мубрамияти махсус касб мекунад, зеро мундариҷа, сохтор ва хусусияти амали кормандони касбҳои алоҳида хеле тез тағйир меёбанд. Ҳамаи ин талаботро нисбат ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ оид ба мусаллаҳ сохтани донишҷӯён бо донишу муҳорат ва малакаҳои нави касбинтихобкунӣ баланд мебардорад.

Бо вуҷуди таҳқиқи босуръати масъалаҳои омодагии корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда дар шароити таҳсилоти донишгоҳӣ дар ин соҳа оид ба самтҳои зерин то ҳол масаъалаҳои ҳалнашуда мавҷуданд:

- коркарди низоми омодагии омӯзгори оянда ба фаъолияти корҳои касбинтихобкунӣ;

